ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ВИЛОЯТИ ХАТЛОН
МАҶЛИСИ ВАКИЛОНИ ХАЛҚИ НОҲИЯИ БОХТАР
**ҚАРОР**

аз «24» 06 соли 2015 № 45 ш. И.Сомонӣ

Дар бораи тасдиқ намудани «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Бохтари вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020»

Мутобиқи моддаҳои 8, 9 ва 20-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» иҷлосияи дуюми Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Бохтар, даъвати панҷум

## ҚАРОР МЕКУНАД

1.Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Бохтари вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020 тасдиқ карда шавад.(замима мегардад)

2.Муовини якуми раиси ноҳия, муовинони раиси ноҳия, роҳбари Дастгоҳи раиси ноҳия, мудири шуъбаи иқтисод ва савдои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, роҳбарони ташкилоту идораҳои ноҳиявӣ, раисони Ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия ва роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ (новобаста аз шакли моликияташон) дар амалӣ намудани «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Бохтари вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020» дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, Агентиҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату кумитаҳо, идораю муассисаҳои дахлдор, созмонҳои байналмилалӣ, фондҳои маблағгузор, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва соҳибкорони ватанию хориҷӣ тадбирҳои мушаххасро роҳандози намоянд.

3. Сардори молияи ноҳия ва мудири шуъбаи иқтисод ва савдои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ҳамасола дар таҳияи буҷети ноҳия иҷрои самараноки Барномаи мазкурро ба инобат гиранд.

4. Муовинони раиси ноҳия оид ба соҳаи иқтисод ва сохтмону мелиоратсия вазифадор карда шаванд, ки аз рафти

иҷрои Барномаи мазкур ҳар сол моҳи декабр дар иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқи ноҳия ҳисобот манзур намояд.

5.Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи комиссияи доимии Маҷлиси вакилони халқи ноҳия «оид ба масъалаҳои буҷет, савдо ва нарх, хизмати маишӣ, меҳнат ва сиёсати иҷтимоӣ» ва муовинони раиси ноҳия гузошта шавад.

Раиси
Маҷлиси вакилони
халқи ноҳияи Бохтар — Ҷаббори Ғаффор

**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ВИЛОЯТИ ХАТЛОН**

**МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ**
**ДАВЛАТИИ НОҲИЯИ БОХТАР**

# БАРНОМАИ РУШДИ ИҚТИСОДИЮ ИҶТИМОИИ НОҲИЯИ БОХТАР

# барои солҳои 2016-2020

# МУНДАРИҶА

**Рӯйхати ихтисорот ... 5**
**Пешгуфтор ... 6**

**Боби 1. Тавсифи умумии ноҳияи Бохтар ... 8**
1.1. Сохти маъмурию-ҳудудӣ. ... 8
1.2. Ҳолати демографӣ ... 8
1.3. Шарҳи таърихию фарҳангӣ ... 9
1.4. Шароитҳои иқлимию табиӣ ва захираҳо ... 10
1.5. Тамоюлҳои асосии иҷтимоию иқтисодӣ ... 10
1.6. Биниши ояндаи ноҳия ... 11

**Боби 2. Таҳлили ҳолат ва шарҳи стратегияи соҳаҳо ... 12**
**2.1. Иқтисодиёт ... 12**
2.1.1. Кишоварзӣ ... 12
2.1.2. Саноат ... 24
2.1.3. Соҳибкории хурду миёна (СХМ) ... 25
**2.2. Соҳаҳои иҷтимоӣ ... 27**
2.2.1. Маориф ... 27
2.2.2. Тандурустӣ ... 33
2.2.3. Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ. ... 39
2.2.4. Фарҳанг, сайёҳӣ ва варзиш ... 44
**2.3. Инфрасохтор ... 47**
2.3.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ ... 47
2.3.2. Хоҷагии манзилию коммуналӣ ... 49
2.3.3. Барқтаъминкунӣ ... 50
2.3.4. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ ... 52
2.3.5. Алоқа ва фазои иттилоотӣ ... 53
**2.4. Ҳифзи муҳити зист ва ҳолатҳои фавқуллодда ... 54**
2.4.1. Ҳифзи муҳити зист ... 54
2.4.2. Ҳолатҳои фавқуллодда ... 58
**2.5. Таъминоти захиравӣ ... 62**

**Боби 3. Низоми мониторинг ва арзёбӣ ... 67**

**Замимаҳо ба Барнома ... 68**

# РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| АХД | Асотсиатсияи хоҷагиҳои деҳқонӣ |
| АИО | Асотсиатсияи истифодабарандагони об |
| БМН | Беморхонаи маркази ноҳиявӣ |
| БРН | Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳия |
| КВД | Корхонаи воҳиди давлатӣ |
| КМ | Километр |
| ҶСП | Ҷамъияти саҳҳомии пӯшида |
| ҶСШК | Ҷамъияти саҳҳомии шакли кушода |
| ПСМ | Партовҳои сахти маишӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушд |
| СХМ | Соҳибкории хурду миёна |
| ХМК | Хоҷагии манзилию коммуналӣ |
| ХД | Хоҷагии деҳқонӣ |

# ПЕШГУФТОР

Барномаи рушди ноҳияи Бохтар (минбаъд БРН), ҳуҷҷати стратегӣ ва нақшаи генералии рушди иқтисодиву иҷтимоии миёнамӯҳлати ноҳияи Бохтар буда, давраи аз соли 2016 то соли 2020-ро дар бар мегирад.

Барномаи мазкур аз тарафи гурӯҳи корӣ оид ба таҳия ва татбиқи БРН, ки бо амри раиси ноҳия №16 аз 11 марти соли 2015, тасдиқ шудааст, дар асоси «Дастурамали методӣ оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти самт ва афзалиятҳои стратегии «Стратегияи Миллии Рушд» (СМР) ва «Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳолии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015» маъқул донистааст, бо иштироки васеи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ таҳия шудааст.

Ҳангоми таҳияи барнома, маълумотҳои расмии оморӣ, ҳисоботҳои рушди иқтисодию иҷтимоии соҳавӣ, натиҷаҳои тадқиқотҳо ва дигар маводҳои расмӣ истифода шуда, мушкилот ва самтҳои афзалиятноки рушди ноҳия тавассути гурӯҳҳои ташабускори соҳавӣ, бо иштироки мутахассисони маҳаллӣ, собиқадорони меҳнат ва коршиносон муайян шудааст.

Барномаи мазкур барномаи маҷмӯии рушди ноҳия буда, тамоми соҳаҳоро фаро гирифта, нақшаи чорабиниҳоро барои таъмини рушди минбаъдаи ноҳия муайян месозад.

Ҳадафи асосии Барномаи тарҳрезигардида, таъмини рушди устувори соҳаҳои воқеъии иқтисодиёт, дар асоси коркарди саноатӣ ва истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ, беҳтар намудани хизматрасонии заминавии иҷтимоӣ ва беҳтар намудани сифати зиндагии мардуми ноҳия мебошад. Барномаи зикргардида ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ самтҳои афзалиятнок ва сиёсати оянддаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияро барои давраи миёнамӯҳлат муайян менамояд.

Ба Барномаи рушди ноҳияи Бохтар 217 лоиҳа бо маблағи умумии 248,806 млн. сомонӣ ворид гардидааст, ки аз ин 70 лоиҳа бо маблағи 100,245 млн. сомонӣ ба бахши иқтисодӣ, 94 лоиҳа ба маблағи 74,475 млн. сомонӣ ба бахши иҷтимоӣ, 36 лоиҳа ба маблағи 59,063 млн. сомонӣ ба бахши инфрасохтор, 10 лоиҳа ба маблағи 12,31 млн. сомонӣ бахши ҳифзи муҳити зист ва ҳолатҳои фавқулодда ва 7 лоиҳа ба маблағи 2,713 млн. сомонӣ ба бахши таъминоти захиравӣ рост меояд.

Ҷиҳати татбиқи “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Бохтар барои солҳои 2016-2020” аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 248,806 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст, аз он ҷумла, аз ҳисоби:

Буҷети ҷумҳуриявӣ 41,438 млн. сомонӣ;

Буҷети вилоятӣ 12,93 млн. сомонӣ;

Буҷети маҳаллӣ 11,520 млн. сомонӣ;

Маблағҳои соҳибкорон, х/д, аҳолӣ ва ташкилоту муассисаҳо 76,121 млн.сомонӣ;

Маблағҳои сармоягузориҳои хориҷӣ 59,257 млн. сомонӣ;

Лоиҳаҳои манбаи маблағгузориашон айни ҳол номуайян 47,54 млн. сомонӣ.

*Тақсимоти*
*маблағҳои "Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Бохтар барои солҳои 2016-2020" аз рӯи соҳаҳо аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ (ҳаз. сомонӣ)*

| Соҳаҳо | Ҳамагӣ | соли 2015 | соли 2016 | соли 2017 | соли 2018 | соли 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 23252 | 2252 | 3651 | 5120 | 5737 | 6492 |
| Соҳибкории хурду миёна | 11033 | 2908 | 2795 | 1930 | 1600,0 | 1800 |
| Сохтмон ва саноат | 65960 | 4510 | 8520 | 16660 | 17800 | 18470 |
| Ҳамагӣ, блоки иқтисодӣ | 100245 | 9670 | 14966 | 23710 | 25137 | 26762 |
| Маориф | 47130 | 6600 | 5800 | 5480 | 7300 | 21950 |
| Тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ | 12835 | 4010 | 3230 | 1390 | 3240 | 965 |
| Фарҳанг, варзиш ва сайёҳӣ | 14510 | 570 | 2110 | 1990 | 2360 | 7480 |
| Ҳамагӣ, блоки ҳифзи иҷтимоӣ | 74475 | 11180 | 11140 | 8860 | 12900 | 30395 |
| Таъминот бо оби нӯшокӣ | 30000 | 1600 | 4400 | 7100 | 7600 | 9300 |
| Хоҷагии манзилию коммуналӣ | 10180 | 110 | 252 | 2205 | 3698 | 3915 |
| Барқтаъминкунӣ | 1773 | 500 | 600 | 303 | 170 | 200 |
| Нақлиёт, роҳ ва алоқа | 17110 | 2590 | 3550 | 3950 | 4020 | 3000 |
| Ҳамагӣ, блоки инфрасохтор | 59063 | 4800 | 8802 | 13558 | 15488 | 16415 |
| Ҳифзи муҳити зист ва ҳолатҳои фавқулодда | 12310 | 300 | 1810 | 2920 | 4180 | 3100 |
| Таъминоти захиравӣ | 2713 | 65 | 515 | 559 | 589 | 985 |
| Ҳамагӣ, арзиши БРН | 248806 | 26015 | 37233 | 49607 | 58294 | 77657 |
| Аз ҷумла, буҷети ҷумҳуриявӣ | 41438 | 3890 | 5592 | 6824 | 9392 | 15740 |
| Буҷети вилоят | 12930 | 2200 | 3800 | 1810 | 2990 | 2130 |
| Буҷети маҳаллӣ | 11520 | 1380 | 2350 | 2570 | 2840 | 2380 |
| Соҳибкорон, аҳолӣ, х/д ва ташкилоту муассисаҳо | 76121 | 10608 | 12395 | 14723 | 16845 | 21550 |
| Сармояи хориҷӣ | 59257 | 4337 | 5926 | 10980 | 15307 | 22707 |
| Лоиҳаҳои манбаи маблағгузориашон номуайян | 47540 | 3600 | 7170 | 12700 | 10920 | 13150 |

# БОБИ I. ТАВСИФИ УМУМИИ НОҲИЯИ БОХТАР

## 1.1. Сохти маъмурию ҳудудии ноҳия

Ноҳияи Бохтар дар қисмати ҷанубу ғарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир буда, ба ҳайати вилояти Хатлон дохил мешавад. Масоҳати умумии ноҳия 556 км²-ро ташкил менамояд. Ноҳия дар қисмати шимолӣ бо шаҳри Сарбанд, дар қисмати шарқӣ бо ноҳияи Вахш, дар қисмати ҷанубӣ бо ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ ва дар қисмати ғарбӣ бо шаҳри Қурғонтеппа ҳамсарҳад мебошад. Масофа аз маркази ноҳия то шаҳри Душанбе 110 км, то шаҳри Қурғонтеппа 8 км ва то истгоҳи роҳи оҳани шаҳри Қурғонтеппа 30 км-ро ташкил медиҳад.

Ноҳияи Бохтар аз 8 ҷамоати шаҳраку деҳот иборат буда, маркази маъмурии он ҷамоати шаҳраки Исмоили Сомонӣ мебошад.

*Маълумот оид ба ҷамоатҳои ноҳияи Бохтар ва майдони заминҳои кишоварзӣ*

| Ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот | Майдони умумии заминҳои кишоварзӣ (га) | Аз ҷумла, майдони умумии заминҳои кишт (га) |
|---|---|---|
| ҷ/ш И. Сомонӣ | - | - |
| ҷ/ш Бохтариён | 7333.31 | 4573 |
| ҷ/ш Бустонқалъа | 21372.13 | 843.20 |
| ҷ/д Заргар | 5704 | 4211.41 |
| ҷ/д С. Истиқлол | 3862.34 | 2719.06 |
| ҷ/д Ориён | 771.72 | 599.43 |
| ҷ/д Навбаҳор | 2569.57 | 2165.67 |
| ҷ/д Меҳнатобод | 2800.69 | 2160.87 |
| Ҳамагӣ дар ноҳия | 44413.76 | 17272.64 |

## 1.2. Ҳолати демографӣ

Тибқи маълумотҳои расмӣ, ба ҳолати 1-уми январи соли 2015, шумораи умумии аҳолии ноҳияи Бохтар ба 222,118 ҳазор нафар баробар гашта (аз он 49,3% занҳо мебошанд), зичии аҳолии ноҳия дар 1 км² 400 нафарро ташкил медиҳад. Айни замон 34%-и аҳолии ноҳия дар шаҳрак ва 66%-и он дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Дар ноҳия ба ҳисоби миёна ба як хоҷагии хонаводагӣ 8,6 нафар рост меояд. Давомнокии миёнаи умр дар байни аҳолии ноҳия 70-71 солро ташкил медиҳад.

*Шумораи хоҷагиҳои хонаводагӣ ва аҳолии ноҳияи Бохтар*
*дар қиёси ҷинсӣ ба ҳолати якуми январи соли 2015*

| Ҷамоатҳо | Хоҷагиҳои хонаводагӣ | Ҳамагӣ аҳолӣ | Аз ҷумла: | |
|---|---|---|---|---|
| | | | Мардҳо | Занҳо |
| ҷ/ш Исмоили Сомонӣ | 1173 | 8521 | 4312 | 4209 |
| ҷ/ш Бохтариён | 6285 | 49645 | 25120 | 24525 |
| ҷ/ш Бустонқалъа | 3856 | 43122 | 21820 | 21302 |
| ҷ/д Заргар | 3122 | 33730 | 17067 | 16663 |
| ҷ/д Сарвати Истиқлол | 1260 | 10791 | 5460 | 5331 |
| ҷ/д Ориён | 2890 | 22975 | 11625 | 11350 |
| ҷ/д Навбаҳор | 2705 | 18680 | 9452 | 9228 |
| ҷ/д Меҳнатобод | 4604 | 34654 | 17535 | 17119 |
| Ҳамагӣ дар ноҳия | 25895 | 222118 | 112392 | 109726 |

Сохтори этникии аҳолии ноҳияи Бохтарро 91% тоҷикон, 8% ӯзбекҳо ва теъдоди боқимондаи аҳолиро намояндагони дигар миллатҳо ташкил медиҳанд[1].

[1] Тибки маълумотхои омори, дар нохия намояндагони 13 милату кавмхо ба кайд гирифта шудаанд аз чумла: точикон 201,3 х.н., узбекхо 17,9 х.н., туркменхо 0,311х.н., киргизхо 0,106 х.н., русхо 0,191 х.н. ва дигар миллату кавмхо 1,992 х.н.

*Таркиби синнусолии аҳолии ноҳияи Бохтар ба 1-01-2015с.*

| Аҳолӣ | Ҳамагӣ | Аз ҷумла духтарон/занон | % духтарон/ занон |
|---|---|---|---|
| Наврасони то 14 сола (кӯдакон) | 84643 | 41147 | 48.6 |
| Одамони синни миёна 15-62 | 128170 | 62983 | 49.1 |
| Одамони синни нафақа (мардҳо 68 с/занҳо 58 с) | 9305 | 5596 | 60.1 |
| Ҳамагӣ: | 222118 | 109726 | 49.3 |

Дар сохтори синнусолии аҳолӣ, шумораи кӯдакони синни то 14 сола 38,1%, аҳолии синну соли миёна 57,7% ва аҳолии синни нафақа 4,2%-ро ташкил медиҳад.

*Нишондиҳандаҳои демографӣ дар солҳои 2012-2014*

| Солҳо | Шумораи таваллудшудагон | Шумораи фавт | Афзоиши табиии аҳолӣ | Афзоиши табиии аҳолӣ бо % | Шумораи умумии аҳолӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 2012 | 5461 | 779 | 4682 | 1,1 | 212,8 |
| 2013 | 5362 | 543 | 4819 | 0.97 | 217,7 |
| 2014 | 5642 | 571 | 5071 | 0.98 | 222,1 |

Тибқи нишондиҳандаҳои дурнамо, суръати миёнаи солонаи афзоиши табиии аҳолӣ тақрибан 1 фоизро ташкил дода, зиёдшавии шумораи аҳолии ноҳия то соли 2020 то ба 233,4 ҳазор нафар дар назар дошта шудааст, ки нисбати соли 2014 ба 11,3 ҳазор нафар зиёд мебошад. Бо назардошти тағйирёбии вазъи демографии ноҳия ва суръати баланди афзоиши аҳолӣ, то соли 2020 зарурияти ташкил намудани 3000 ҷойҳои нишаст дар мактабҳои таҳсилоти асосӣ, 1000 ҷойҳои нишаст дар муаасисаҳои томактабӣ, сохта ба истифода додани 230 ҳазор м2 манзилҳои истиқоматӣ ва таъсиси зиёда аз 7 ҳазор ҷойҳои нави кории доимӣ ба миён меояд.

*Нишондиҳандаҳои дурнамои афзоиши аҳолии ноҳияи Бохтар дар солҳои 2016-2020*

| Нишондиҳандаҳо | 2013с. Ҳисобот | 2014с. Баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | 2020с. нисбати 2014 с. бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2015с. | 2016с. | 2020с. | |
| Шумораи миёнаи солонаи аҳолӣ, ҳамагӣ (ҳазор нафар), аз он ҷумла: | 217721 | 222118 | 226315 | 230412 | 234497 | 111.6 |
| Шаҳрак | 15400 | 16400 | 16850 | 17350 | 18060 | 111.5 |
| Деҳотӣ | 202321 | 205718 | 208965 | 212102 | 215377 | 111.7 |

**1.3. Шарҳи таърихию фарҳангӣ**

Ноҳияи Бохтар таърихи қадимаро доро мебошад, зеро дар ҳудуди он дар ҳазораи 1 ва 2-и пеш аз милод маркази шаҳрдории давлати Бохтар вуҷуд дошт, ки як замон маркази тамаддуни башарият ва намунаи беҳтарини санъату меъморӣ ба амсоли Бухорову Самарқанд, Марву Переспол ва ҳазорҳо шаҳрҳои дигар дар арсаи олам ба ҳисоб мерафт. Калонтарину пуриқтидортарини онҳо, давлати Бохтар ба ҳисоб рафта, он ҳудудҳои Ҳиндукуш, Тоҷикистони ҷанубӣ, як қисми Афғонистон ва водии Сурхандарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистони ҳозираро дар бар мегирифт. Дар ин сарзамин баъдтар давлати Юнону Бохтар ва Тахористон арзи ҳастӣ намудааст. Дар масири таърих маълум аст, ки аҳолии Бохтари қадим на танҳо дар тамаддуни шаҳрсозиву ноҳиядории олам, балки дар маданияту фарҳанги заминсозиву истифодаи босамари он, боғдориву кишоварзӣ ва ободгароӣ нақши созгор гузоштаанд.

Таърихи навини ноҳия аз давраи инқилоби октябр огоз мешавад. Ноҳияи Бохтар ҳамчун маркази маъмурӣ 29 августи соли 1930 бо номи Қурғонтеппа таъсис ёфта, масоҳати умумии он 738,4 км2 буд. Ба ҳайати ҳамондавраи ноҳия 1 ноҳияи тобеи

шаҳрӣ, 2 маҳаллаи типпи шаҳрӣ ва 4 совети қишлоқ дохил мешуд. Тибқи Қарори Президиуми Шӯрои Олии Тоҷикистони Советӣ аз 17-уми октябри соли 1980, №207, дар асоси ноҳияи Қурғонтеппа - ноҳияи Комунистӣ дар ҳайати вилояти Қурғонтеппа ташкил карда шуд. Аз 29 декабри соли 1991 ноҳияи Комунистӣ, тибқи Қарори совети депутатҳои ноҳия, ба ноҳияи Бохтар табдил дода шуд. Мардуми шарафманди ноҳияи Бохтар имрӯзҳо барои таҳкими Ваҳдати миллӣ ва пешравии соҳаҳои мухталифи ҳоҷагии ҳалқ аҳлона заҳмат кашида, барои рушду нумӯи Тоҷикистони азиз саҳми арзандаи худро гузошта истодаанд.

**1.4. Шароитҳои иқлимию табиӣ ва захираҳо**

Ноҳияи Бохтар дар қисмати ҷанубии водии дарёи Вахш ҷойгир шудааст. Иқлими он континенталии хушк буда, ҳарорати миёнасолонаи он дар тобистон то +48 дараҷа гарм ва дар зимистон то -10 дараҷа хунук мешавад. Миқдори миёнаи боришот дар ноҳия дар як сол аз 1500 то 2000 мм сурат мегирад. Шароити иқлимии ноҳия барои пешбурди фаъолияти кишоварзӣ, хусусан растанипарварӣ, аз ҷумла, парвариши пахта (махсусан пахтаи маҳиннах), меваю сабзавот, картошка, полезиҳо, меваҳои ситрусӣ, хӯроки чорво ва чорводорӣ мусоид мебошад.

**1.5. Тамоюлҳои асосии иҷтимоию иқтисодӣ**

Дар ноҳияи Бохтар 34 адад корхонаҳои саноатӣ, 11 ширкатҳои сохтмонӣ, муасисаҳои нақлиётӣ, ҷамъияти матлубот, корхонаи коммуналӣ, 5 хоҷагии давлатӣ, 1071 адад хоҷагиҳои деҳқонии инфиродию оилавӣ мавҷуд мебошад.

Дар ноҳия 46635 нафар хонанда дар 63 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва 1 мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат, 1 гимназияи давлатӣ, 1 мактаб интернати ғайридавлатӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд ва дар муасисаҳои зикргардидаи маориф ба хонандагон 2278 нафар омӯзгорон дарс медиҳанд. Дар ноҳия 8 муассисаи томактабӣ фаъолият менамояд, ки дар онҳо 1065 нафар кӯдакон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Бо мақсади фарогирии бештари кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ, дар ноҳия бо дастгирии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 маркази инкишофи кӯдакон кор ва фаъолият менамояд, ки ба онҳо 377 нафар кӯдакон сафарбар шудаанд. Муассисаҳои таълимии ноҳия бо 1320 адад компютер таъмин шудаанд ва ба 30 нафар хонанда 1 компютер рост меояд.

Соҳаи тандурустии ноҳия аз муассисаҳои хадамоти бистарикунонӣ, кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ (КАТС) ва стансияи санитариву эпидемиологии ноҳия иборат мебошад. Мувофиқи маълумотҳои расмӣ дар ноҳия ҳамагӣ 77 муассисаҳои табобативу профилкатикӣ ба қайд гирифта шудааст, аз ҷумла дар хадамоти бистарикунонӣ - Беморхонаи марказии ноҳия, 2 беморхонаи рақамӣ, 1 беморхонаи минтақавӣ, 7 маркази тиббӣ ва дар соҳаи КАТС - 1 Маркази саломатии ноҳиявӣ, 23 марказҳои саломатии минтақавӣ ва 43 бунгоҳҳои тиббӣ фаъолият менамоянд.

Хизматрасонии тиббиро ба аҳолии ноҳия 147 нафар табибони дорои маълумоти олӣ ва 412 нафар мутахасисони миёнаи тиббӣ мерасонанд.

Ба санаи 1-уми январи соли 2015, 7600 нафар аҳолии ноҳия дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор дошта, аз он 693 нафарашонро занҳо ташкил намудаанд. Муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз манбаъҳои муҳим ва асосии даромади аҳолии ноҳия ба ҳисоб меравад. Аҳолии ноҳия асосан ба кишварҳои Федератсияи Русия ва Қазоқистон ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд. Мувофиқи маълумотҳои расмӣ, дар соли 2014 муҳоҷирони меҳнатии ноҳия тавасути бонкҳои маҳаллӣ 14,4 млн доллари ИМА-ро интиқол намуданд, ки он нисбати соли 2013 ба маблағи 85 ҳазор доллари ИМА кам мебошад. Сабаби асосии коҳиш ёфтани интиқоли маблағҳо аз ҳисоби муҳоҷирон, вазъи ноустувори қурби рубли русӣ бинобар паст шудани нархи нафт дар бозори ҷаҳонӣ, ноустувории сиёсӣ дар Украина, ки боиси афзоиши муҳоҷирони меҳнатӣ аз Украина ба Федератсияи Русия шудааст, қабули меъёрҳои ҳуқуқӣ ва тадбирҳои қатъӣ дар ин кишвар оиди ба расмият даровардани раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ва санҷишҳои тахассусии муҳоҷирон, андозбандии фаъолияти онҳо ва ғайраҳо ба шумор меравад.

**1.6. Биниши ноҳияи Бохтар**

Бохтар – ноҳияи аз ҷиҳати иқтисодӣ бонизом рушдёфта, бо корхонаҳои коркарди саноатии дорои технологияи муосири каммасраф, бо буҷети ғанию мустақил ва истеҳсолоти ба содирот нигаронида шуда, бо соҳибкории хурду миёнаи самаранок фаъолияткунанда ва дорои хизматрасониҳои хушсифати иҷтимоӣ мебошад, ки боиси беҳтар шудани сифати зиндагӣ, солимӣ ва хушбахтии аҳолӣ шудааст.

*(SWOT)-таҳлил*

| | Омилҳои мусоидаткунандаи рушд | Омилҳои боздорандаи рушд |
|---|---|---|
| Оиилҳои дохилӣ/ омилҳое, ки аз ноҳия вобастагӣ доранд | Тарафҳои қавӣ<br>• Мавҷудияти захираҳои меҳнатӣ ва мутахассисони баландихтисос.<br>• Мавҷудияти корхонаҳои саноатӣ.<br>• Таҷрибаи пешқадам ва фазои мусоиди рушди соҳаи кишоварзӣ.<br>• Имкониятҳои мусоид барои рушди соҳибкории инфиродӣ ва фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ.<br>• Ҳамкории мақомоти давлатӣ бо соҳибкорон ва аҳолӣ дар корҳои вобаста ба рушди ноҳия.<br>• Иқтидорҳои мавҷудаи саноатӣ.<br>• Мардуми меҳнатдӯст.<br>• Мавҷудияти инфрасохтори муҳандисӣ. | Тарафҳои заиф<br>• Норасогии ҷойҳои корӣ.<br>• Фарсудагии техникаи корхонаҳои саноатӣ ва аграрӣ.<br>• Фарсудагии иншоотҳои инфрасохторӣ.<br>• Нокифоягии сармоягузорӣ барои рушди иқтисодиёту иҷтимоиёт.<br>• Норасогии оби полезӣ ва корношоямии пурраи чоҳҳои амудии мелиоративӣ.<br>• Сатҳи пасти музди меҳнат.<br>• Ҳолати ғайриқаноъатбахши аксари шабакаҳои заҳбуру заҳкашҳо ва каналҳо. |
| Омилҳои беруна/ омилҳое, ки аз ноҳия вобастагӣ надоранд | Имкониятҳо<br>• Мавҷудияти роҳи оҳан ва инфрасохтори нақлиёти ҳавоӣ.<br>• Рушди соҳибкорӣ дар кишвар.<br>• Ислоҳоти соҳаи манзилию комуналӣ.<br>• Ҳавасмандии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби сармоя бо мақсади барқарорсозӣ ва таъсиси корхонаҳои нав.<br>• Ислоҳотҳо дар соҳаи кишоварзӣ.<br>• Ислоҳотҳо дар соҳаи идоракунии давлатӣ.<br>• Мавҷудият ва фаъолияти лоиҳаҳои маҳаллӣ. | Хатарҳо<br>• Баланд шудани сатҳи таваррум.<br>• Ҳолатҳои фавқулодда.<br>• Таъсири манфии бӯҳрони молиявӣ.<br>• Муҳоҷирати меҳнатии мутахассисони баландихтисос ба хориҷи кишвар.<br>• Эпидемия ва пандемия. |

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТИ УМУМИИ НОҲИЯ

**2.2. Иқтисодиёт**

***2.2.1. Кишоварзӣ***

Ноҳияи Бохтар яке аз ноҳияҳои калонтарини аграрию саноатии вилояти Хатлон маҳсуб ёфта, нақши он дар рушду пешрафти иқтисодиёти кишвар ва дар ин замина таъмин намудани амнияти озуқаворӣ хеле баланд арзёбӣ мегардад.

Ноҳия барои парвариши пахта, ғалладонагиҳо, сабзавот, картошка, полезӣ, хӯроки чорво, пилла, чорво, занбӯри асал ва боғдорӣ махсус гардонида шудааст. Аз зироатҳои техникӣ пахта, кунҷит ва аз зироатҳои ғалладонагӣ гандум ва ҷуворимаккаи дон парвариш карда мешавад. Зиёда аз 39,3 фоизи аҳолии қобили меҳнат дар деҳот истиқомат дошта, дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият мекунанд. Аҳолии ноҳия қисми зиёди даромади худро аз ҳисоби фурӯши сабзавот, мева, полезӣ ва маҳсулоти чорво ба даст меоранд.

Истеҳсолкунандаи асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар ноҳия хоҷагиҳои хонагӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мебошанд. Вазни қиёсии аз ҳама зиёдро дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ хоҷагиҳои деҳқонӣ дар истеҳсоли пахта ва хоҷагиҳои хонагӣ бошанд дар истеҳсоли картошка, мева, шир, гӯшт, тухм, пилла ва пашм, ташкил медиҳанд.

Тибқи маълумотҳои расмии соли 2014 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ноҳия дар миқёси вилоят 7,7 фоиз ва аз рӯи истеҳсоли картошка –11,1%, пахта - 9,9%, сабзавот – 9,9%, ангур –8,2%, меваҷот –6,2%, ғалладонагӣ – 4,2%, полезиҳо – 1,8%, шир – 9,2%, гӯшт – 7,1%, асал – 4,6%, тухм –4,1%, пилла – 4,1%, пашм – 3,3% ва моҳӣ – 0,6% - ро ташкил додааст.

Ҳадафи асосии соҳа дар панҷ соли оянда, пайваста зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва дар ин замина баланд бардоштани дараҷаи даромаднокии соҳаи мазкур, маҳсуб меёбад.

***Низоми идоракунии соҳаи кишоварзӣ.*** Дар ноҳия 5 хоҷагии давлатӣ, 1168 хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ), 5 хоҷагии кооперативии истеҳсолӣ, 1 хоҷагии зотпарварӣ, 21 хоҷагии ниҳолпарварӣ (аз ҷумла, 1 хоҷагии махсуси давлатӣ), 7 хоҷагии моҳипарварӣ, 25895 хоҷагии хонагӣ фаъолият доранд. Аз шумораи умумии ҳоҷагиҳо 412 хоҷагиро занҳо роҳбарӣ менамоянд.

***Дастрасӣ ба техникаи кишоварзӣ.*** Таъмин будан бо техникаи муосир дар рушди соҳаи кишоварзӣ нақши муҳим мебозад. Дар хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия 385 адад техникаву таҷҳизоти кишоварзӣ мавҷуд буда, аз ин 52,2 фоиз коршоям (201 адад) ва 47,8 фоиз (184 адад) дар ҳолати корношоям қарор доранд. Аз шумораи умумии тракторҳои мавҷуда 15,9% трактори шудгоркунанда (62 адад) ва 35,5% трактори чархдор (55,4 адад) мебошад. Илова ба ин, дар тавозуни хоҷагиҳои деҳқонӣ 208 адад ядаки тракторӣ мавҷуд аст, ки аз ин 161 адад (77,4 фоиз) омодаи кор мебошад.

Барои таъмир ва барқарорсозии техникаю таҷҳизоти мавҷуда маблағи зиёд лозим аст, вале таъмири онҳо аз ҳисоби ҳоҷагиҳо феълан аз имкон берун аст. Воқеан ҳам, сабаби паст шудани даромаднокии ҳоҷагиҳо норасогии техника мебошад. Тайи солҳои охир дар ноҳия (барои хоҷагиҳои деҳқонӣ) ҳамагӣ 28 адад трактори чархдор ворид шудааст ва ба ҳар як трактори шудгоркунанда 279 га замини корам ва барои коркарди байниқаторҳо ба 1 трактори сечарха 119 га замини корам рост меояд. Омили дигаре, ки ба пешрафти истеҳсолоти кишоварзӣ таъсири манфӣ мерасонад, ин маълумоти кифоя надоштани сарварони хоҷагиҳои деҳқонӣ оиди масоили истифодаи технологияҳои муосири агротехникӣ, истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ мебошад.

Дар мустаҳкам намудани базаи моддӣ – техникии соҳаи кишоварзӣ нақши аҳолӣ баланд арзёбӣ гардида, шумораи техникаҳои кишоварзии дар тавозуни аҳолӣ буда 463 ададро ташкил медиҳад.

Яке аз роҳҳои мустаҳкам намудани базаи моддию техникии соҳа, ин васеъ намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои лизингӣ мебошад.

*Шумораи техникаҳои кишоварзӣ дар ноҳияи Бохтар*

| № | Номгӯи тракторҳо | Шумораи умумии техникаҳо | Шумораи техникаҳои коршоям | %-и омодагӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Тасмачарх | 62 | 22 | 35,5 |
| 2 | Байниқатории чархдор | 145 | 115 | 79,3 |
| 3 | Нақлиёти чархдор | 178 | 64 | 35,9 |
| | Ҳамагӣ | 385 | 201 | 52,2 |

*Мушкилиҳои мавҷуда:*

- суст будани базаи моддию техникӣ ва набудани паркҳои тракторӣ оид ба таъмири техника;
- норасогии қисмҳои эҳтиётӣ ва равғанҳои молиданию сӯзишворӣ;
- аз муҳлати муқарраргардида бештар истифода гардидани техника ва таҷҳизотҳои мавҷуда (пурра ва барзиёд истифода бурдани муҳлати амортизатсионии техникаҳо);
- фаъолият накардани ташкилотҳои лизингӣ дар ноҳия;
- суст будани таъминот бо техника ва таҷҳизотҳои ҳозиразамон.

**Истифодаи заминҳо.** Аз рӯи маълумоти расмӣ ба ҳолати 1 январи соли 2015 майдони умумии заминҳо дар ҳудуди марзию маъмурии ноҳияи Бохтар 55600 гектар (аз ҷумла, 24399 га ва ё 43,9 фоиз обӣ) ва шумораи заминистифодабарандагон 1293 нафарро ташкил медиҳад. Аз майдони умумии заминҳои мавҷуда 38509 га заминҳои кишоварзӣ, 4607 га замини наздиҳавлигӣ (3470 га обӣ), 1851 га замини ёрирасони шахсӣ (1778 га обӣ), 1843 га ҷангалу бешазор, 71 га буттазор, 157 га ботлоқзор, 4423 га замини зери об, 958 га замини зери роҳҳо ва роҳҳои чорвогузар, 1401 га замини зери иморату иншоот, кӯчаҳо ва майдонҳо ва 1780 га дигар заминҳо мебошанд.

Аз майдони умумии дарахтони бисёрсола 931 га боғот (922 га обӣ), 347 га токзор (347 га обӣ) ва 17 га дарахтони ситрусӣ, субтропикӣ (17 га обӣ), 108 га тутзор (108 га обӣ) ва 5 га ниҳолпарваришгоҳ (5 га обӣ) мебошанд. Заминҳои корами обӣ асосан барои кишти картошка, сабзавот, полезӣ, ғалладонагӣ ва зироатҳои хӯроки чорво истифода мешаванд.

*Сохтори умумии истифодаи заминҳои кишоварзӣ (ба ҳисоби %)*



Дар ноҳия имконияти зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз ҳисоби ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои боир (партов), ки майдони умумии он 625 гектар (ҳамааш обӣ)-ро ташкил медиҳад, мавҷуд аст. Бинобар ин, ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани ин заминҳо, яке аз самтҳои афзалиятноки Барномаи рушди ноҳия маҳсуб меёбад.

Соли 2014 дар майдони 22547 га кишти зироатҳои кишоварзӣ гузаронида шуд, ки аз ин 6171 га ба хоҷагиҳои деҳқонӣ, 11525 га ба бахши ҷамъиятӣ ва 4851 га ба аҳолӣ рост омадааст.

Дар сохтори майдони кишти зироатҳо, ҳиссаи зиёдро кишти пахта (54,1%) ва ғалладонагӣ (15,4%) ишғол менамояд.

*Истифодаи замин аз рӯи кишти зироатҳо*
*дар соли 2014 (дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ)*




**Маҳсулоти кишоварзӣ ва даромад аз он.** Соли 2014 хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ ба маблағи 850,7 млн сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки аз ин 594,5 млн. сомонӣ ба соҳаи растанипарварӣ (69,9%) ва 256,2 млн. сомонӣ ба соҳаи чорводорӣ (30,1%) рост меояд. Ҳиссаи хоҷагиҳои хонагӣ дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ зиёд мебошад.

*Ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ аз рӯи ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ*
*дар солҳои 2012-2014 (млн. сомонӣ)*



Аз рӯи маълумоти расмӣ бо назардошти ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ба дӯши ҳар як нафар аҳолии ноҳияи Бохтар 15,9 кг ғалладонагӣ, 38,5 кг сабзавот, 11,6 кг картошка, 3,8 кг мева ва 3,3 кг ангур, 17,3 литр шир ва 3,4 кг гӯшт рост меояд.

**Растанипарварӣ.** Растанипарварӣ яке аз соҳаҳои асосии кишоварзии ноҳия ба ҳисоб рафта, ҳиссаи он дар истеҳсоли маҷмӯи умумии маҳсулоти кишоварзӣ 69,9 фоизро ташкил медиҳад. Рушди соҳаи растанипарварӣ дар афзоиши даромади хоҷагиҳо нақши калон дорад ва аз ин сабаб ба ин соҳа бештар аҳамият дода мешавад. Хоҷагиҳои ноҳия ба парвариши ғалладонагӣ (гандум, ҷав, нахӯд, ҷуворимакка барои дон), зироатҳои техникӣ (кунҷит), картошка, сабзавот (карам, сабзӣ, пиёз, помидор, бодиринг ва ғ.), полезӣ (тарбуз ва харбуза) ва хӯроки чорво машғуланд.

*Истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ*

| Номгӯи нишондиҳандаҳо | Ченак | Солҳо | | | С.2014 нисбати с.2012 (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2012 | 2013 | 2014 | |
| 1.Ғалладонагӣ | тонна | 33932 | 36659 | 34537 | 101,8 |
| Майдони кишт | га | 5138 | 4598 | 4108 | 80,0 |
| Ҳосилнокӣ | с/га | 66,0 | 79,7 | 84,1 | 127,4 |
| 2.Пахта | тонна | 29000 | 26385 | 26158 | 90,2 |
| Майдони кишт | га | 12504 | 12153 | 12200 | 97,6 |
| Ҳосилнокӣ | с/га | 23,2 | 21,7 | 21,4 | 92,2 |
| 3. Сабзавот | тонна | 72669 | 83691 | 83812 | 115,3 |
| Майдони кишт | га | 2708 | 2489 | 2607 | 96,3 |
| Ҳосилнокӣ | с/га | 268,3 | 336,2 | 321,5 | 119,8 |
| 4.Картошка | тонна | 24298 | 28765 | 25230 | 103,8 |
| Майдони кишт | га | 1038 | 1004 | 958 | 92,3 |
| Ҳосилнокӣ | с/га | 234,1 | 286,5 | 263,4 | 112,6 |
| 5.Полезӣ | тонна | 7367 | 8805 | 7442 | 101,0 |
| Майдони кишт | га | 238 | 213 | 197 | 82,8 |
| Ҳосилнокӣ | с/га | 309,5 | 413,4 | 377,8 | 122,1 |
| 6. Мевагӣ | тонна | 6049 | 8114 | 8347 | 138,0 |
| 7. Ангур | тонна | 5618 | 6289 | 7138 | 127,1 |
| 8. Зироатҳои х/чорво | тонна | 2611 | 2246 | 2364 | 90,5 |

Гарчанде истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ таи се соли охир 31,9 фоиз афзоиш ёфта бошад ҳам, вале талаботи дохилии ноҳияро қонеъ карда наметавонад. Дар ноҳия имконияти зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз ҳисоби ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани 625 га замини обии аз фаъолият бозмонда мавҷуд аст. Таи солҳои охир аз сабаби норасогии оби полезӣ, бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда, баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ, шӯрнокии хок ва фарсуда шудани пойгоҳҳои обкашӣ дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳоти Навбаҳор ва Сарвати Истиқлол ҳосили дилхоҳ гирифта намешавад. Дар ҳолати тоза намудани заҳбуру заҳкашҳо ва таъмиру барқарор намудани пойгоҳҳои обкашӣ дар ноҳия имконияти то 5 фоиз зиёд намудани ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ пайдо мешавад. Сабаби дигари паст шудани ҳосили зироатҳо, ин набудани тухмии хушсифат, гаронии нархи сӯзишворию равғанҳои молиданӣ, сари вақт истифода набурдани нуриҳои минералӣ, заҳрҳимикатҳо ва умуман риоя накардани қоидаҳои агротехникӣ мебошад.

***Пахтакорӣ***. Пахтакорӣ яке аз соҳаҳои афзалиятнок ва махсусгардонидашудаи ноҳия буда, ҳиссаи он дар сохтори майдони кишт 54,1%-ро ташкил медиҳад. Аслан ба парвариши пахта хоҷагиҳои ҷамоавӣ, деҳқонӣ ва инфиродӣ машғул мебошанд. Дар таҷрибаи фаъолияти ҳоҷагидорӣ, хоҷагиҳои пахтакор асосан навъҳои «Флора», «Сорбон», “Кармен” «Ҳуҷанд-0,5» ва «Авесто» - ро истифода менамоянд. Ҳосилнокии пахта сол то сол коҳиш ёфта, аз 23,1 с/га – и соли 2012 дар соли 2014 ба 21,4 с/га расидааст. Таҳлилҳо собит месозанд, ки сол то сол паст гардидани ҳосилнокии пахта

боиси кам шудани сатҳи даромаднокии кишоварзон гардида истодааст. Бинобар ин, ҷиҳати диверсификатсияи истеҳсолот майдони кишти пахта аз 12504 гектари соли 2012 дар соли 2014 то ба 12200 гектар коҳиш дода шуд. Омилҳое, ки ба паст шудани истеҳсоли пахта таъсир расонидааст, ин сари вақт нагузаронидани ташхиси хок, тартиб надодани харитаи агрокимиёвии майдонҳои кишоварзӣ, истифодаи сусти киштгардон, пасту баланд шудани нархи фурӯши пахта, зиёд шудани қарзи ҳоҷагиҳо дар назди сармоягузорон ва ҳавасманд набудани хоҷагиҳои деҳқонӣ ба парвариши он мебошад.

Барои дар оянда ҳавасманд намудани хоҷагиҳои деҳқонӣ ба парвариши пахта ва зиёд намудани истеҳсоли он, ба мақсад мувофиқ аст, ки маблағгузорӣ ба соҳаи пахтакорӣ тариқи бонкҳо бе миёнаравҳо ба роҳ монда шуда, фурӯши пахта ба корхонаи дилхоҳ сурат гирифта ва бастани ҳамагуна шартномаҳо озод бошад. Зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли пахта ва афзоиши минбаъдаи нархи он метавонад даромаднокии хоҷагиҳоро дучанд намуда, ҷойҳои нави кориро ба вуҷуд овард ва ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат намояд.

Таҳлилҳо собит месозанд, ки дар ҳолати 25 сентнер истеҳсол намудани пахта аз 1 гектар хоҷагиҳо имконият пайдо мекунанд, ки хароҷотҳои худро пӯшонида, даромади иловагӣ ба даст оранд. Шароити иқлимии ноҳия имконият фароҳам меорад, ки аз ҳар гектар то 30-40 сентнер ҳосили пахта ба даст оварда шавад. Дар ноҳия хоҷагиҳои деҳқоние ҳастанд, ки ҳосилнокии пахтаро то 38 сентнер расонида, аз он фоидаи зиёд ба даст овардаанд.

Сабабҳои асосии ҳосилнокии нисбатан пасти пахта нисбат ба сатҳи имкониятдошта аз инҳо иборат аст: рушди раванди шӯршавии хок, зеро бо сабаби кам гардидани маблағгузорӣ аз буҷа таи солҳои охир хизматрасонии техникии шабакаҳои насосӣ, наҳрҳои (каналҳо) обёрикунанда ва системаи заҳбурканӣ (дренаҷӣ) гузаронида намешавад, хизматрасонии нокифояи техникӣ ва ҳолати дренаҷӣ ба баландшавии сатҳи обҳои зеризаминӣ ва шӯршавии хок оварда мерасонад, илова бар он норасогӣ ва ё самаранок истифода набурдани нуриҳои маъданӣ ва дигар заҳрхимикатҳо, истифодаи сусти системаи киштгардон ва ғайра низ таъсири манфӣ мерасонад.

***Ғалладонагӣ.*** Дар ноҳия 18,2%-и майдони кишт барои парвариши маҳсулоти ғалладонагӣ, аз ҷумла гандум, ҷав, нахӯд ва ҷуворимакка ҷудо карда шудааст. Дар сохтори майдони кишти ғалладонагӣ 84 фоизро кишти гандум дар бар мегирад. Дар ноҳия ҳиссаи хоҷагиҳои хонагӣ, ки дар қисми замин гандум парвариш мекунанд 58 фоизро ташкил медиҳад.

Соли 2014 дар қиёс ба соли 2012 истеҳсоли ғалладонагӣ 1,8 фоиз зиёд гардида, майдони кишти он бошад 20 фоиз кам гардидааст.

Дар баробари пахтакорӣ ва ғаллакорӣ барои ноҳия сабзавоткорӣ, парвариши полезӣ ва боғдорӣ низ самтҳои афзалиятнок мебошанд.

***Сабзавоткорӣ.*** Дар ноҳия кишти сабзавот барои таъмини бозори дохилӣ ба роҳ монда шудааст. Ба парвариши сабзавот асосан хоҷагиҳои хонагӣ ва деҳқонӣ шуғл доранд ва аз маҳсулоти кишткардашуда 31 фоиз ба сектори ҳоҷагиҳои деҳқонӣ ва 69 фоиз ба аҳолӣ рост меояд.

Соли 2014 нисбат ба соли 2012 дар ноҳия майдони кишти сабзавот 3,7 фоиз кам шуда, бошад ҳам, истеҳсоли маҳсулоти сабзавотӣ 15,3% ва ҳосилнокии он 19,8% афзоиш ёфтааст.

Аҳолӣ асосан ба парвариш сабзӣ, пиёз, помидор, бодиринг, қаламфур, карам, картошка, тарбуз, харбуза ва каду шуғл доранд, зеро ин сарчашмаи асосии даромад барои як қисми аҳолӣ мебошад. Маҳаллаҳои сабзавоткории ноҳия асосан ҷамоатҳои Заргар, Сарвати Истиқлол, Навбаҳор мебошанд, маҳсулотҳои полезӣ бошад дар ҳамаи ҷамоатҳо парвариш карда мешавад.

Бо мақсади таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти худӣ ва пешгирӣ намудани афзоиши нарх дар бозор, сол аз сол зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ пешбинӣ мегардад.

Сабаби солҳои охир ба таври муосир инкишоф наёфтани соҳаи кишоварзӣ, бахусус растанипарварӣ ба омилҳои зерин вобаста аст:

- набудани корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ;
- маҳдуд будани дастрасии хоҷагиҳои фермерӣ ба қарзҳои камфоизу дарозмуҳлат;
- паст будани сифати хизматрасониҳо ва ҳолати бади инфрасохтор дар хоҷагии кишоварзӣ, бахусус дар системаи таъминоти нокифояи оби полезӣ ва ҳолати ғайриқаноъатбахши роҳҳои маҳаллӣ;
- қарздор будани хоҷагиҳои деҳқонӣ;
- дастгирӣ накардани тасмимгирии деҳқонон ҷиҳати истеҳсоли маҳсулот;
- набудани кафолати озод барои хоҷагиҳои деҳқонӣ дар интихоби кишти зироат.

**Боғпарварӣ.** Боғдорӣ яке аз соҳаҳои афзалиятнок ва даромадноки ноҳия мебошад. Ин соҳа хусусияти стратегӣ низ дорад, зеро дар афзун гардонидани ҳаҷми таъминоти бозори дохилӣ ва берунӣ бо меваи тару тоза нақши муҳим бозида, манбаи содиротӣ ва бо кори доимӣ таъмин намудани аҳолии ноҳия мебошад.

Иқлими ноҳия имконият медиҳад, ки майдони боғотро аз ҳисоби ниҳолҳои серҳосил, хусусан меваҳои субтропикӣ васеъ намуда, талаботи бозори дохилӣ ва берунӣ пурра бо меваи тару тоза таъмин шавад. Талаботи рӯзафзун ба мева ва инчунин ба масолеҳи сохтмонӣ, бахусус чӯбу тахта (аз ҳисоби шинондани дарахтони бемева) дар суръатбахшии ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии деҳот ҳиссаи худро мегузорад ва ин тақозо ба он дорад, ки боғдорӣ дар оянда ривоҷ дода шавад. Тайи солҳои 2012-2014 дар хоҷагиҳои ноҳия зиёда аз 454 га боғи нави дарахтони мевадиҳанда ва сояафкан бунёд карда шудааст, ки барои дар оянда зиёд намудани истеҳсоли мева ва таъмини аҳолӣ бо масолеҳи сохтмонӣ имконият фароҳам меорад. Се соли охир гарчанде дар ноҳия майдони боғу токзор зиёд шуда бошад ҳам, вале то кунун ягон корхонаи коркарди мева бунёд нашудааст. Аз сабаби набудани корхонаи коркарди мева дар мавсими ҳосилғундорӣ қисми зиёди мева талаф ёфта, боиси хисороти зиёди хоҷагиҳо мегардад.

Хоҷагиҳои боғпарварии ноҳия аз дарахтони мевадиҳанда бештар ба парвариши дарахтони анор, зардолу, бодом, шафтолу, олу, нок, хурмо ва аз дарахтони бемева ба парвариши сафедор ва бед машғул мебошанд. Дарахтони ситрусӣ ва субтропикӣ 1,2 %, боғот 66,1 %, тутзор 7,6 %, дарахтзор 0,4 % ва токзор 24,7 %-и майдони умумии дарахтони бисёрсоларо дар ноҳия ташкил медиҳад.

Солҳои охир истифода набурдани заҳрхимикатҳо ва нагузаронидани дигар чорабиниҳои агротехникӣ ба муқобили ҳамагуна ҳашаротҳои зараррасон, боиси нест шудани қисми боғу токзорҳо дар ноҳия гардида, ба паст шудани ҳосилнокӣ оварда расонидааст. Дуруст ба роҳ мондани муҳофизати боғот аз касалиҳо ва ҳашаротҳои зараррасон метавонад дар баланд шудани ҳосилнокӣ ва зиёд шудани истеҳсоли меваҷот мусоидат намояд.

Бо мақсади рушди минбаъдаи соҳаи кишоварзӣ ва дар ин замина ба роҳ мондани коркарди маҳсулоти кишоварзӣ соли 2015 дар ҳудуди ноҳия бунёди 1 адад корхонаи хурди коркарди мева ва сабзавот дар назар дошта шудааст.

**Обёрии заминҳои кишоварзӣ.** Обёрӣ ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо яке аз мушкилиҳои асосии ҷойдоштаи соҳаи кишоварзии ноҳия маҳсуб меёбад. Ҳалли мушкилиҳои мазкур метавонад ба болоравии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва бо кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ мусоидат намояд.

Дар ноҳия Идораи беҳдошти замин ва обёрӣ ва 7 Ассотсиатсияи истифодабарандагони об (АИО) фаъолият мекунанд. Дар тавозуни Идораи беҳдошти замин ва обёрӣ 159 иншоот ва 1 пойгоҳӣ обкашӣ мавҷуд аст.

Дар соҳаи мазкур мушкилотҳои зиёде мавҷуданд, ки ҳалли онҳо раванди рушди минбаъдаи соҳаи кишоварзиро беҳтар месозад.

Яке аз мушкилиҳои асосии соҳа, баланд будани сатҳи обҳои зеризаминӣ маҳсуб меёбад. Ҳоло дар ноҳия сатҳи обҳои зеризаминӣ хеле баланд буда, боиси бад шудани

ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ ва вазъи экологӣ гардидааст. Зиёда аз 140 гектар замини кишоварзӣ дар ҳолати ғайриқаноатбахши мелиоративӣ ва зиёда аз 83 гектар замин дар ҳолати шӯршавӣ қарор доранд, ки боиси нигаронӣ мебошад.

*Иншоотҳои обтаъминкуние, ки дар тавозуни муассисаҳои обтаъминкунии ноҳияи Бохтар қарор доранд*

| № | Номгӯи каналҳо | Майдони кишт (га) | Дарозии каналҳо | |
|---|---|---|---|---|
| | | | км | Аз он тоза шуда (км) |
| 1. | ВМК | 96700 | 11,7 | 2,8 |
| 2. | Северная ветка | 38200 | 2,5 | 1,0 |
| 3. | СМК | 4600 | 8,6 | 8,6 |
| 4. | АВМ-1 | 400 | 4,56 | 4,56 |
| 5. | САВМ -1 | 606 | 4,2 | 4,2 |
| 6. | КС-1 | 300 | 3,0 | - |
| 7. | АВ-1 | 380 | 3,0 | 3,0 |
| 8. | ОМК | 6914 | 2,65 | 0,65 |
| 9. | Б-Баскан | 4460 | 9,4 | 3,44 |
| 10 | Илҳоқ | 2040 | 7,0 | 3,78 |
| 11 | Темез | 681 | 4,26 | 3,30 |
| 12 | Дониёркул | 414 | 6,5 | 3,88 |
| 13 | Ҷуйбор | 24600 | 25,4 | 5,40 |
| 14 | Хоним | 3720 | 2,27 | 1,27 |
| 15 | R-1-1 | 380 | 1,63 | 1,63 |
| 16 | R-Б | 1336 | 14,72 | 8,4 |
| 17 | RК | 1202 | 2,3 | - |
| 18 | Гирди ноҳия | 2670 | 14,9 | 8,8 |
| 19 | Такабоз | 3240 | 2,43 | 2,4 |
| 20 | Ҳ -11 | 330 | 6,14 | 2,80 |
| 21 | Қаун - тюбе | 3824 | 12,6 | 8,6 |
| 22 | Нов қизил | 320 | 3,0 | 1,4 |
| 23 | Одоштел Н2 | 331 | 2,87 | 2,87 |
| 24 | Тош-малиш | 884 | 3,42 | 3,42 |

Дар ноҳия майдони умумии заминҳои обӣ 24399 га-ро ташкил медиҳад. Тибқи ҳисоботи кадастри замин ОВХ-1 заминҳои ҳолати мелиоративиашон қаноатбахш 24059 га, заминҳои ҳолати мелиоративиашон ғайриқаноатбахш 340 га мебошад, аз он ҷумла заминҳои шӯрнокиаш паст 163 га ва шӯрнокиаш миёна 177 га ба қайд гирифта шудааст. Дар ноҳия 159 км заҳбуру заҳкашҳои байнихоҷагӣ (аз он дар ҳолати ғайриқаноатбахш 44 км), 662 км заҳбуру заҳкашҳои дохилихоҷагӣ (аз он 606 км дар ҳолати ғайриқаноатбахш) мавҷуд мебошанд. Шумораи умумии чоҳҳои назоратӣ дар ноҳия 16 ададро ташкил дода, аз ин 10 адад дар ҳолати корношоям қарор дорад.

Каналҳои обтаъминкунии байнихоҷагии ҳудуди ноҳия 162 км буда, 41 фоизи он (66 км) дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор дорад. Каналҳои дохилихоҷагӣ 745 км-ро ташкил медиҳанд. Аз масоҳати умумии каналҳои мавҷуда (907 км) танҳо 700 км-и он дар ҳолати қаноатбахш ва 207 км дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор дорад.

Дар ҳудуди ноҳия заминҳои обӣ тавассути наҳрҳо ва пойгоҳҳои обкашӣ обёрӣ карда мешаванд ва аз сабаби суст будани низоми маблағгузорӣ, кӯҳнаву фарсуда шудани техника ва таҷҳизотҳои мавҷуда солҳои охир қариб 4201 гектар замини обӣ аз гардиши кишоварзӣ берун мондааст (аз ҷумла дар ҷамоатҳои деҳоти "Навбаҳор" 901га, "Меҳнатобод" 217 га, "С. Истиқлол" 714 га, "Бустонқалъа" 160 га, "Заргар" 1337 га, "Бохтариён" 131 га ва "Хоҷагии об" 741 га).

Зиёда аз 4201 га замини кишти ноҳия тавассути пойгоҳҳои обкашӣ бо оби полезӣ таъмин карда мешаванд. Бештари пойгоҳҳо, аз сабаби саривақт таъмир нагардидан кӯҳнаву фарсуда шудаанд ва мунтазам аз кор мебароянд, ки ин ҳолат барои хоҷагиҳо дар таъмини саривақтии киштзорҳо бо оби полезӣ мушкилоти иловагиро ба вуҷуд меорад.

| № | Номгӯи ҷамоатҳо | Ҳамагӣ | Омодаи кор | Таъмирталаб | Миқдори заминҳое, ки тавассути пойгоҳҳои обкашӣ обёрӣ мегардад, га |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Заргар | 11 | 6 | 5 | 1335 |
| 2 | Бохтариён | 3 | 1 | 2 | 131 |
| 3 | Сарвати Истиқлол | 6 | 4 | 2 | 714 |
| 4 | Ориён | - | - | - | - |
| 5 | Бустонқалъа | 3 | 1 | 2 | 160 |
| 6 | Навбаҳор | 9 | 6 | 3 | 901 |
| 7 | Меҳнатобод | 3 | 2 | 1 | 217 |
| | Ҷамъ: | 35 | 20 | 15 | 3458 |

Истифодаи об аз каналҳо аз ҷониби хоҷагиҳо дуруст ба роҳ монда нашудааст ва баъзан каналҳо аз тарафи хоҷагиҳои деҳқонӣ худсарона сӯрох карда шуда, боиси талафоти оби полезӣ мегардад. Дар натиҷа сатҳи обҳои зеризаминӣ баланд шуда, ба бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ оварда мерасонад. Дар натиҷаи истифодаи дарозмӯҳлат иншоотҳои обтақсимкунӣ низ фарсуда гаштаанд. Сатҳи талафот ва бухоршавии об дар ноҳия ба ҳисоби миёна 0,63 фоизро ташкил менамояд.

Сабаби асосии бад шудани ҳолати мелиоративи заминҳо, ин саривақт нагузаронидани чорабиниҳои мелиоративӣ (тоза нашудани шабакаҳои заҳбурҳо ва махсусан заҳбурҳое, ки дар тавозуни АХД қарор доранд) ва маҳдудияти захираҳои молиявӣ мебошад.

Бо мақсади беҳтар гардонидани ҳолатии мелиоративии заминҳо ва тоза кардани заҳбуру заҳкашҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия барои солҳои 2013-2014 нақшаи чорабиниҳо таҳия ва тасдиқ гардидааст. Таи се соли охир (тӯли солҳои 2012-2014) 2257 га заминҳои кишоварзии обии ноҳия бо коркарди заҳбуру заҳкашҳо аз ҳолати бади мелиоративӣ ба ҳолати қаноатбахш гузаронида шудааст. Хароҷоти маблағҳо дар ин самт таи се сол аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ 1114,6 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби ҳаққи хизмати обрасонӣ 173906 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби худмаблағгузории хоҷагиҳо 189500 ҳазор сомониро ташкил додааст.




Мувофиқи меъёрҳои муқараргардидаи гидротехникӣ, дар се сол як маротиба бояд заҳбуру заҳкашҳо аз лою гил тоза карда шаванд, то ин ки ҳолатии хуби мелиоративии заминҳо нигоҳ дошта шавад. Аммо на ҳамеша ин меъёр риоя карда мешавад.

Таи солҳои охир, дар натиҷаи обхезиҳои пай дар пай 23 км саддҳо (дамбаҳо) ва 13 км саддҳои дарёи Вахш хароб гашта, ба таъмиру азнавсозӣ эҳтиёҷ доранд.

Дарозии умумии шабакаҳои заҳбуру заҳкашҳои ноҳия 821 км-ро ташкил дода, аз ин 159 км (19,3 фоиз) дар тавозуни муассисаҳои обтаъминкунӣ ва 662 км (80,7 фоиз) дар тавозуни ҷамоатҳои деҳот қарор доранд.

*Маълумот оид ба шабакаи заҳбуру заҳкашҳои ноҳияи Бохтар*

| № | Номгуи ҷамоатҳо | Дарозии заҳбуру заҳкаш, км | Аз он ҷумла | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Дар тавозуни муассисаҳои об таъминкуни ноҳия, км | Аз он ҷумла тозашуда км | Дар ҷамоатҳои деҳот, км | Аз он ҷумла | |
| | | | | | | Кушода, км | Болопӯшида, км |
| 1 | Заргар | 208 | 36,0 | 29,0 | 1721 | 170 | 170 |
| 2 | Бохтариён | 152 | 28,0 | 8,0 | 124 | 124 | 124 |
| 3 | Сарвати Истиқлол | 119,1 | 34,0 | 17,6 | 85,1 | 85,1 | 85,1 |
| 4 | Ориён | 17,6 | 1,0 | 1,0 | 16,61 | 16,61 | 16,61 |
| 5 | Бустонқалъа | 28,7 | 2,2 | 2,2 | 26,5 | 23,95 | 23,95 |
| 6 | Навбаҳор | 71,25 | 26,8 | 10,6 | 44,45 | 40,25 | 40,25 |
| 7 | Меҳнатобод | 79,57 | 31,12 | 16,6 | 48,45 | 45,75 | 45,75 |
| Ҳамагӣ: | | 821 | 159 | 85,0 | 662 | 652,4 | 652,4 |

Дарозии шабакаҳои обтаъминкуние, ки дар тавозуни ҷамоатҳои ноҳияи Бохтар қарор доранд, беш аз 744,9 км–ро ташкил дода, барои обёрӣ намудани беш аз 24398 га замин хизмат мерасонанд. Ба ҳолати 1 январи соли 2015 беш аз 282,7 км ва ё 34,37 фоизи масоҳати шабакаҳои обтаъминкунӣ тоза гардидааcту халос

*Шабакаҳои обтаъминкуние, ки дар тавозуни ҷамоатҳои ноҳияи Бохтар қарор дорад*

| № | Номи ҷамоатҳо | Майдони замини обёришаванда (га) | Дарозии шабакаҳои обтаъминкунӣ | |
|---|---|---|---|---|
| | | | км | Аз он тоза шуда (км) |
| 1. | Заргар | 5964 | 217,3 | 41,0 |
| 2. | Бохтариён | 6414 | 165,0 | 26,0 |
| 3. | Сарвати Истиқлол | 3549 | 85,1 | 23,0 |
| 4. | Ориён | 830 | 53,7 | 13,6 |
| 5. | Бустонқалъа | 1486 | 58,2 | 24,0 |
| 6. | Навбаҳор | 2573 | 65,6 | 30,0 |
| 7. | Меҳнатобод | 1753 | 100 | 39,6 |
| Ҳамагӣ: | | 24398 | 744,9 | 197,2 - (0,27 %) |

Ҳаҷми асосии корҳо дар самти тоза намудани шабакаҳои заҳбуру заҳкашҳо дар ҷамоатҳои деҳоти “Заргар”, “Навбаҳор” ва “Бохтариён” ба назар расида, мушкилоти асосӣ дар ин самт дар ҷамоатҳои деҳоти “Сарвати Истиқлол” ва “Меҳнатобод” дида мешавад. Сабаби асосии сари вақт тоза нагардидани шабакаҳои заҳбуру заҳкашҳо дар ҷамоатҳои деҳот, ин пеш аз ҳама, бад будани вазъи молиявии хоҷагиҳои кишоварзӣ мебошад. Дар натиҷаи ин, пардохти ҳаққи хизматрасонии об қисман анҷом дода шуда, дар бисёр мавридҳо аз ҷониби худи хоҷагиҳо низ корҳои тозакунии шабакаҳои заҳбуру заҳкашҳои дар мувозинати худи онҳо қарор дошта, сари вақт ба сомон расонида намешавад.

Яке аз мушкилиҳои дигаре, ки дар соҳа ба мушоҳида мерасад, суст будани ҳамоҳангсозии фаъолиятҳо байни Идораи беҳдошти замин ва обёрӣ ва Ассотсиятсияҳои истифодабарандагони об, қарздор будани Ассотсиятсияҳои истифодабарандагони об (АИО) дар назди Идораи беҳдошти замин ва обёрӣ (аз ҷумла қарздории Ассотсиятсияҳои истифодабарандагони оби: “Сарвати Истиқлол” ба маблағи 506,0 ҳаз. сомонӣ, АИО “Ориён - Бохтар” ба маблағи 155,5 ҳаз. сомонӣ, АИО “Заргар” ба маблағи 160,2 ҳаз. сомонӣ ва АИО “Меҳнатобод” ба маблағи 33,3 ҳаз. сомонӣ) маҳсуб меёбад.

**Чорводорӣ.** Чорводорӣ дар баробари дигар соҳаҳо яке аз бахшҳои асосии кишоварзии ноҳия буда, вазни киёсии он дар маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии ноҳия 30,1 фоизро ташкил медиҳад. Соли 2014 хоҷагиҳои чорводории ноҳия ба маблағи 256,2 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд.

*Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар солҳои 2012-2014*

| Номгӯи маҳсулот | Воҳиди ченак | Солҳо | | | Соли 2014 нисбати соли 2012 (%) |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2012 | 2013 | 2014 | |
| Гӯшт | тонна | 5872 | 6395 | 7320 | 124,6 |
| Шир | тонна | 32985 | 36058 | 37609 | 114 |
| Тухм | ҳаз.дона | 2189 | 2361 | 2496 | 114 |
| Пилла | тонна | 34 | 31 | 14,9 | 43,8 |
| Асал | тонна | 19,5 | 22,6 | 41,8 | 214,4 |
| Пашм | тонна | 141 | 142 | 150 | 106,4 |
| Моҳӣ | тонна | 7,6 | 7,8 | 58,2 | 765,8 |

Аз рӯи маълумоти расмии оморӣ дар ноҳия то 1 январи соли 2014 ҳамагӣ 63850 сар чорвои калони шоҳдор ба қайд гирифта шудааст, ки аз он 34871 сарро модагов ташкил медиҳад.

*Саршумори чорво дар солҳои 2012-2014 (сар)*

| Номгӯй | Солҳо | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012 | | | 2013 | | | 2014 | | |
| | Ҳамагӣ | хоҷагиҳои деҳқонӣ | хоҷагии хонавода | Ҳамагӣ | хоҷагиҳои деҳқонӣ | хоҷагии хонаводагӣ | Ҳамагӣ | хоҷагиҳои деҳқонӣ | хоҷагии хонаводагӣ |
| Чорвои калони шохдор | 63250 | 3934 | 59316 | 63783 | 3943 | 59840 | 63850 | 3970 | 59880 |
| аз он ҷумла, модагов | 34489 | 945 | 33544 | 34812 | 950 | 33862 | 34871 | 961 | 33910 |
| Бузу гӯсфанд | 68206 | 11316 | 56890 | 69379 | 11378 | 58001 | 71218 | 12013 | 59205 |
| Асп | 914 | 108 | 806 | 1068 | 88 | 980 | 1070 | 88 | 982 |
| Парранда | 77991 | 4687 | 73304 | 79458 | 4928 | 74530 | 79499 | 4929 | 74570 |
| Занбӯри асал (оила) | 1323 | 280 | 1043 | 2494 | 280 | 2214 | 2940 | 280 | 2660 |

Дар ноҳия 93,8%-и саршумори чорво ба сектори аҳолӣ ва 6,2% ба хоҷагиҳои деҳқонӣ рост меояд. Дар ноҳияи Бохтар 1 хоҷагии зотпарварӣ фаъолият дорад. Барои беҳтар ва зиёд намудани маҳсулнокии чорво дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия 4 нуқтаи бордоркунии сунъӣ фаъолият мекунад ва дар ноҳия тақрибан 2 фоизи чорво ба таври сунъӣ бордор карда мешавад.

Бо мақсади беҳтар намудани зоти чорво қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №501 аз 1 октябри соли 2007 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди зотпарварӣ ва хушзоткунии чорво дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015» ба тасвиб расидааст, ки дар заминаи он дар ноҳия соли 2014 ҶДММ хоҷагии зотпарварии «Баракати чорводор» ва кооперативӣ истеҳсолии «Сомон» ба шабакаи хоҷагиҳои зотпарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шуд. ҶДММ хоҷагии зотпарварии «Баракати чорводор» ва кооперативӣ истеҳсолии «Сомон» бошад, ба хушзоткунии чорво машғул мебошанд, ки пас аз шомил гаштан ба шабакаи хоҷагиҳои зотпарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои хушзот намудани зотҳои мавҷуда замина мегузоранд. Дар баробари ин, барои дар оянда беҳтар намудани зоти чорво ва гирифтани насли чорвои солим дар ноҳия 1743 сар барзаговҳои (буқаҳои) зотӣ, 3383 сар қӯшқорҳои зотӣ ва 107 аспҳои зотӣ парвариш ва нигоҳубин карда мешавад.

Дар ноҳияи Бохтар барои рушди соҳаи чорводорӣ ва ташкили базаи хӯроки чорво шароити хуб мавҷуд аст (34,5% ё 19168 га майдони умумии заминҳои кишоварзӣ

чарогоҳ мебошад) ва ҳамаи хоҷагиҳои чорводории ноҳия бо чарогоҳҳои зимистона таъмин мебошанд.

Мушкилии асосии хоҷагиҳои чорводор, набудани корхонаҳои хурди коркарди маҳсулоти ширӣ мебошад. Таъсиси корхонаи коркарди маҳсулоти ширӣ ва коркарди пашм бо назардошти истифода аз манбаи мавҷудаи ашёи хоми маҳаллӣ, яке аз самтҳои асосии рушди чорводории ноҳия дарояндаи наздик аст. Ба роҳ мондани коркарди маҳсулоти чорводорӣ дар таъмини аҳолӣ ба ҷойҳои нави корӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар ноҳия мусоидат менамояд.

***Коркарди пӯст ва пашм.*** Рушди соҳаи коркарди ашёи чорво (пӯст ва пашм) бо назардошти истифода аз манбаи мавҷудаи ашёи хоми маҳаллӣ, ҷиҳати пайдо намудани арзиши иловашудаи маҳсулоти истеҳсолӣ ва аз ин ҳисоб ғанӣ гардонидани буҷети маҳаллӣ, таъмини бозори дохилӣ ва баланд бардоштани иқтидори содиротии ноҳия, ташкили ҷойҳои нави корӣ, ки ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат менамояд, аҳамияти назарраси иқтисодӣ дорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки миқдори зиёди пӯсту пашми дар ноҳия мавҷудбуда, аз сабаби набудани нуқтаҳои қабул ва коркард истифода намегардад. Бо ин мақсад «Барномаи коркарди пурраи ашёи хоми чорво (пӯст ва пашм) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба тавсиб расидааст, ки дар доираи он ташкили нуқтаҳои ҷамъоварии ашёи хоми чорво (пӯст ва пашм), зиёд кардани истеҳсол ва ҷамъоварии ашёи хоми чорво дар ноҳияҳои чорводори ҷумҳурӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва маблағҳои иттифоқи «Тоҷикматлубот» дар назар дошта шудааст.

**Паррандапарварӣ.** Дар ноҳия 79499 сар парранда ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин 6,2 фоиз ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ва 93,8 фоиз ба аҳолӣ рост меояд. Дар доираи иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 октябри соли 2006 №451 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди соҳаи паррандапарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007 - 2015» дар ноҳия бо ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ фабрикаи паррандапарварии ш/х «Заргар» ташкил карда шуд, аммо мутаассифона, то кунун фаъолият наменамояд. Айни замон имконияти ба кор даровардани фабрикаи мазкур мавҷуд буда, пешбинӣ мегардад, ки дар натиҷаи фаъолият кардани он ҷойҳои нави корӣ ташкил гардида, иқтидорҳои нави истеҳсолӣ зиёд мегардад.

**Занбӯри асалпарварӣ.** Занбӯри асалпарварӣ яке аз соҳаҳои камхарҷу сердаромади соҳаи кишоварзӣ мебошад. Шароити иқлимии ноҳияи Бохтар барои инкишофи соҳаи занбӯрпарварӣ хело мусоид аст. Захираҳои маҷудаи растаниҳои шаҳддиҳандаи ноҳия имкон медиҳад, ки шумораи оилаи занбӯри асал зиёд карда шуда, истеҳсоли он дучанд карда шавад. Солҳои охир соҳаи мазкур дар ноҳия рушд ёфта, истеҳсоли асал тадриҷан зиёд шудааст. Истеҳсоли асал аз 19,5 тоннаи соли 2012 ба 41,8 тонна дар соли 2014 расонида шуд, ки ин нишондиҳанда ба 22,3 тонна ва ё 114,3 фоиз зиёд мебошад. Зиёд намудани истеҳсоли асал дар панҷ соли оянда яке аз самтҳои асосии Барномаи рушди ноҳия ба ҳисоб меравад.

**Соҳаи байторӣ.** Рушди соҳаи чорводорӣ, асалпарварӣ ва паррандапарварӣ аз хизматрасониҳои сифатноки байтори ҷиҳати саривақт пешгирӣ намудани касалиҳои сирояткунанда вобастагӣ дорад.

Дар ноҳия 2 адад клиникаи хусусии байтори, 3 адад нуқтаҳои бордоркунии сунъии чорво ва 1 адад озмоишгоҳ фаъолият дорад. Мушкилии асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, набудани бинои маъмурии бахши байтории ноҳиявӣ, аз фаъолият боз мондани ягона дорухонаи байторӣ ва набудани нуқтаи махсуси забҳи чорво мебошад. Дар ҷамоатҳои ноҳия барои безарар гардонидани чорвои фавтида ҷои махсус (чоҳи Бейккарӣ) мавҷуд нест.

Дар ноҳия ҳолатҳои алоҳидаи касалиҳои зардкасал (лептоспироз), ҳорӣ (бешенство), вабои сумдарди ҳайвонот ва дигар касалиҳо дар байни чорвои калон ва моли майда, ҳамзамон дар байни мурғони хонагӣ (псевдочума) ба мушоҳида мерасад.

Барои бахши байтории ноҳия аз ҳисоби маблағҳои эпизотии ҷумҳурӣ маводи биологии пешгирии касалиҳои сирояткунанда сӯхтанӣ 100%, вабои сумдард 25,2%, гули моли майда 100%, барои ташхиси касалии сил туберкулин ппд 100% ва ваксинаи пешгирии буғумдарди чорвои калони шохдор 100% ҷудо карда мешавад.

Барои дар сатҳи баланд ба роҳ мондани хизматрасонии байторӣ, роҳ надодан ба талафшавии чорво ва парранда аз таъсири касалиҳои сироятӣ ва инвазионӣ (ангалӣ), дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан зарур аст.

Беҳтар намудани хизматрасонии байторӣ, ташкил намудани ҷойҳои махсус барои забҳ (ҷиҳати нест кардани хуну партовҳои гуногуни нолозим), сӯзонидан ва гӯронидани чорвои талафёфтаи шубҳаноки гирифтори касалии сироятӣ ва дар ин замина нигоҳ доштани тозагии муҳити зист аз ифлосшавӣ, яке аз самтҳои асосии татбиқи барнома дар панҷ соли оянда мебошад.

Нокифоягии маблағгузорӣ ба соҳаи мазкур имконият намедиҳад, ки мушкилиҳои мавҷудаи вобаста ба пешгирии касалиҳои сирояткунанда дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ, беҳтарсозии насли чорво, ташвиқу тарғиби таҷрибаи пешқадам ва дар амал татбиқ намудани дастовардҳои илмии соҳаи байтори чораҳои саривақтӣ андешида шавад. Илова ба ин, таи солҳои охир дар ҳудуди ноҳия афзоиши сагҳои бе соҳиб ба мушоҳида мерасад, ки сабаби асосии паҳншавии бемориҳои ҳорӣ маҳсуб меёбад. Дар натиҷа таи се соли охир аз газидани сагҳои дайду 826 нафар одамон осеб бардоштанд.

Бинобар ин, дар сатҳи ҷамоатҳои деҳот зарурияти ташкил намудани нуқтаҳои махсуси безараргардонии сагҳои дайду ба миён омадааст.

Ҳамзамон, дар ҳудуди ноҳия як бозори чорво ва як бозори фурӯши молҳои омехта (либоса ва хӯрока) мавҷуд аст, ки танҳо дар як тои он (бозори молҳои омехта) озмоишгоҳ мавҷуд мебошад, ки он ҳам ба талаботи стандартӣ ҷавобгуй нест. Аз ин лиҳоз, дар ҳудуди бозорҳои мавҷуда ташкил намудани озмоишгоҳҳои байтории ба талаботи муосири стандартӣ ҷавобгуй, мувофиқи мақсад мебошад.

Мушкилиҳои асосие, ки дар ин самт ба мушоҳида мерасад, набудани таҷҳизот ва техникаҳои замонавӣ, мутахассисони баландихтисос, музди меҳнати ночиз, баланд будани нархи доруворӣ ва таъмин набудан бо ваксинаҳо ва доруҳои дезинфексионию дезинсексионӣ мебошад. Илова бар ин нуқтаҳои бордоркунии сунъие, ки дар сатҳи ҷамоатҳо мавҷуданд аз норасогии азот ва нутфа барои беҳтар намудани зоти чорвои шахсӣ танқисӣ мекашанд.

**Моҳипарварӣ.** Рушди соҳаи моҳипарварӣ дар қатори бахшҳои дигари кишоварзӣ яке аз самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб рафта, дар таъмини аҳолӣ бо гӯшт ва дар ин замина нигоҳдории солимии аҳолӣ нақши муҳим мебозад. Маҳсулоти моҳӣ на танҳо дар таъмини амнияти озуқаворӣ, балки дар рушди соҳаи фарматсевтика ва барои барқарорсозии солимии аҳолӣ васеъ истифода бурда мешавад.

Тибқи маълумотҳои расмӣ, истеҳсоли моҳӣ дар миқёси вилоят 0,6 фоизро ташкил медиҳад. Иқлими мусоид ва шароити мувофиқи ноҳия имконият медиҳад, ки дар ин ҷо намудҳои гуногуни моҳӣ, аз қабили амури сафед ва капур истеҳсол ва парвариш карда шавад.

Ҷойгир будани ноҳия дар канори дарёи Вахш барои бунёди ҳавзҳо ва ташкили хоҷагиҳои моҳипарварӣ шароити мусоидро фароҳам меорад. Дар ноҳия 7 хоҷагии деҳқонии хурди моҳипарварӣ фаъолият дорад. Майдони умумии заминҳои ба моҳипарварӣ фарогирифташуда 58 гектарро ташкил медиҳад. Яке аз мушкилотҳои асосие, ки моҳипарварони ноҳия ба он дучор мегарданд, норасогии воситаҳои молиявӣ, базаи сусти хӯроки моҳӣ ва баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ мебошад.

Бо мақсади рушди соҳаи мазкур дар ноҳия Барномаи рушди соҳаи моҳипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015 (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №306 аз 2 июли соли 2008 тасдиқ шудааст) мавриди иҷроиш қарор дорад ва дар натиҷаи иҷрои он дар ноҳияи Бохтар истеҳсоли моҳӣ аз 7,6 тоннаи соли 2012 дар соли 2014 ба 58,2 тонна расонида шуд, ки ба андозаи 7,7 маротиба зиёд мебошад.

### *2.1.2. Саноат*

**Таҳлили ҳолати мавҷуда.** Дар ноҳияи Бохтар 19 корхонаи саноатӣ, аз ҷумла ҶДММ "Қутайба", ҶДММ "Бохтар Инвест Коттон", ҶДММ "Коттон Ансор", ҶДММ "Коттон Суҳроб", ҶДММ "Оби Билол", ҶДММ "Ресандаи Хатлон", ҶС "Ф. Саидов", ҶДММ "Сиддиқи Содиқ", ҶДММ "Континентал" ва ғайраҳо фаъолият менамоянд.

*Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар тӯли солҳои 2012-2014 (ҳаз. сомонӣ)*




Ҳаҷми умумии истеҳоли маҳсулоти корхонаҳои саноатии ноҳия дар якҷоягӣ бо сектори хусусӣ дар соли 2014 маблағи 137407,5 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбати соли гузашта ба маблағи 2894,3 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

*Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар корхонаҳои ноҳия*
*дар солҳои 2012-2014 (ҳазор сомонӣ)*

| № | Номи корхона ва маҳсулоти истеҳсолшаванда | Воҳиди ченак | Миқдори истеҳсоли маҳсулот | | | Арзиши маҳсулоти истеҳсолшуда (ҳазор сомонӣ) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
| 1 | ҶДММ «Қутайба» | | | | | | | |
| | Истеҳсоли консерва | қутии шартӣ | - | 4000 | 13000 | - | 22 | 71,5 |
| 2 | ҶДММ «Бохтар Инвест Коттон» | | | | | | | |
| | Нахи пахта | тонна | 1649 | 2722,4 | 2182,6 | 13499 | 23947,4 | 20236,5 |
| | Чигит | тонна | 26414 | 4376,5 | 3510,5 | | | |
| 3 | ҶДММ «Коттон Ансор» | | | | | | | |
| | Нахи пахта | тонна | 1288 | 1325 | 1549,3 | 11654,6 | 12548 | 13006,6 |
| | Чигит | тонна | 1998 | 2012 | 2251,1 | | | |
| 4 | ҶДММ «Коттон Сухроб» | | | | | | | |
| | Нахи пахта | тонна | 1674 | 845 | 1368,8 | 15538,3 | 7763 | 16110,5 |
| | Чигит | тонна | 2848 | 2370,4 | 1457,9 | | | |
| 5 | ҶДММ «Оби Билол» | | | | | | | |
| | Обҳои ташнашикан | Декалитр | 1840 | 6000 | 5120 | 33,1 | 78,8 | 76,8 |
| 6 | ҶДММ «Ресандаи Хатлон» | | | | | | | |
| | Калобаи ресмон | тонна | 216 | 343 | 106,3 | 1839,6 | 2547,1 | 866 |
| 7 | Ҷ.С. «Ф. Саидов» | | | | | | | |
| | Нахи пахта | тонна | 304 | 156 | - | 2248,9 | 1168,5 | - |
| | Чигит | тонна | 450 | 265 | - | | | |
| 8 | ҶДММ «Сиддиқи Содиқ» | | | | | | | |
| | Пахтаи курпабоб | тонна | 67,6 | 71,6 | 69 | 73,2 | 74,6 | 79,3 |
| | Қолини дастӣ | м2 | - | - | 10,7 | | | |

| № | Номи корхона ва маҳсулоти истеҳсолшаванда | Воҳиди ченак | Миқдори истеҳсоли маҳсулот | | | Арзиши маҳсулоти истеҳсолшуда (ҳазор сомонӣ) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
| 9 | ҶДММ «Континентал» | | | | | | | |
| | Наҳи пахта | тонна | 586 | 937,9 | 91,7 | 4776,6 | 7964 | 826,8 |
| | Чигит | тонна | 967 | 1482,4 | 131,7 | | | |
| 10 | ҶС «Заргари Тоҷиддин» | | | | | | | |
| | Нахи пахта | тонна | 645 | 514,1 | 577,4 | 5994,4 | 6722,4 | 6518,5 |
| | Чигит | тонна | 1129 | 1057,3 | 917,7 | | | |
| 11 | ҶСП «Баҳтиёр» | | | | | | | |
| | Нахи пахта | тонна | 2881 | 2621,8 | 2238,1 | 32537,5 | 22374 | 21400 |
| | Чигит | тонна | 4667 | 4203,6 | 3580,1 | | | |
| 12 | КИ «Ҳалими Қаландар» | | | | | | | |
| | Равғани пахта | тонна | 4,3 | 4,3 | 6,1 | 63,5 | 73,1 | 87,1 |
| | Кунчора | тонна | 36 | 36 | 19 | | | |
| 13 | ҶСК «Фурудгоҳи Қурғонтеппа» | | | | | | | |
| | Сангреза 0-5 | м3 | 326 | 1340 | 730 | 29,4 | 103,3 | 116,6 |
| | Сангреза 5-10 | м3 | - | 170 | - | | | |
| 14 | ҶДММ «Зафар XXI» | | | | | | | |
| | Истеҳсоли мебел | адад | 1174 | 686 | 661 | 383,1 | 484,2 | 348 |
| | Ҳамагӣ: | | - | - | - | 88671,2 | 85870,4 | 79744,2 |

Дар доираи Барномаи рушди ноҳияи Бохтар, яке аз самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи саноат мусоидат намудан ҷиҳати бо иқтидори пурра ба кор даровардани корхонаҳои мавҷуда, дар давоми солҳои 2016-2020 зиёд намудани шумораи корхонаҳои саноатии хурду миёна ва дар ин замина самаранок истифода бурдани иқтидорҳои маҳаллӣ бо истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ мебошад.

Айни ҳол дар ноҳияи Бохтар ба рушди устувори соҳаи саноат ҷалби нокифояи сармояи хориҷию дохилӣ, мавҷуд набудани инфрасохтори лозимӣ, нокифоягии маблағгузорӣ, ворид нагардидани технологияҳои муосири саноатӣ ва норасогии мутахассисони соҳибаҷриба, монеагӣ менамоянд. Бинобар ин, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияро зарур аст, ки барои ташкили корхонаҳои нави истеҳсолии хурду миёна ва воридоти технологияҳои муосир, лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва бизнес нақшаҳоро таҳия намуда, барои ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ аз тамоми сарчашмаҳои имконпазир истифода намуда, ҳамкориро дар якҷоягӣ бо сохторҳои вилоятӣ, соҳибкорон, ташкилотҳои байналхалқии дар ҷумҳурӣ фаъолиятдошта ва вазорату идораҳои дахлдор, тақвият бахшида самаранок намоянд.

### *2.1.3. Соҳибкории хурду миёна*

**Таҳлили ҳолати мавҷуда.** Соҳибкории хурду миёна (СХМ) дар рушди иқтисодиёти ноҳия, бахусус барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва ғанӣ гардонидани қисми даромади буҷаи маҳаллӣ нақши калон мебозад. Дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ҳиссаи маҳсулоти тавлиднамудаи бахши соҳибкории хурду миёна зиёд аст. Пешравии соҳибкории хурду миёна дар ноҳия бештар дар соҳаҳои тиҷорат, хизматрасонии маишӣ, сохтмон, нақлиёт ва коммуникатсия бештар ба назар мерасад.

Тибқи натиҷаҳои таҳлил дар ноҳияи Бохтар шумораи субъектҳои соҳибкории шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ (шахсони воқеӣ) тамоюли зиёдшавӣ дошта, дар соли 2014 ҳамагӣ 1494 ададро (аз ҷумла 501 шахси ҳуқуқӣ ва 993 адад шахси воқеъӣ) ташкил додааст. Соҳибкории хурду миёна (СХМ) дар таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ нақши муҳимро иҷро менамояд, зеро айни ҳол дар субъектҳои мазкур 25607 нафар бо ҷойи кор таъмин гаштаанд. Дар соли 2014 дар ноҳия соҳибкорони дорои патент 993 нафар (аз ҷумла занҳо 423 нафар) буданд. Соҳибкорони тариқи патент фаъолиятдошта асосан ба фурӯши молҳои омехта, фурӯши маҳсулоти хӯроквōрӣ, мусофиркашонӣ ва боркашонӣ машғул мебошанд. Шумораи соҳибкорони дорои шаҳодатнома бошад ба 501 нафар расидааст. Айни замон, дар ноҳияи Бохтар 125 ҷамъияти масъулияташон маҳдуд ба қайд гирифта шудаанд.

*Нақши СХМ дар таъмини шуғли аҳолӣ аз рӯи соҳаҳо*

| Соҳаҳо | Миқдори субъектҳои ба қайд гирифташуда | | Шуғли аҳолӣ | |
|---|---|---|---|---|
| | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ (бо соҳибкорони инфиродӣ) | Миқдори ҷойҳои корӣ | % аз шуғли умумӣ |
| Кишоварзӣ | 385 | 683 | 23963 | 79,9 |
| Саноат | 34 | - | 701 | 9,9 |
| Сохтмон | 12 | - | 125 | 6,4 |
| Нақлиёт ва алоқа | 6 | - | 264 | 4,1 |
| Савдо | 28 | 212 | 119 | 63 |
| Хизматрасонӣ | 12 | - | 35 | 20 |
| Хизмати молиявӣ | 7 | - | 147 | 54,4 |
| Дигар соҳаҳо | 17 | 98 | 253 | 20,9 |
| Ҳамагӣ шуғл дар СХМ | 501 | 993 | 25607 | 100% |

**Пешниҳоди хизматрасониҳо барои рушди СХМ**. Барои дастгирии бахши хусусӣ дар ҳудуди ноҳия филиали бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк», филиали ҶСП «Тоҷиксодиротбонк» ва филиали ҶСШК «Агроивестбонк» фаъолият менамоянд. Тӯли се соли охир (солҳои 2012-2014) барои рушди соҳаҳои ҳоҷагии ҳалқи ноҳия ва беҳбудии фазои соҳибкорӣ аз ҷониби муассисаҳои бонкӣ дар маҷмӯъ тақрибан ба маблағи 33 миллион сомонӣ қарзҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат дода шудааст, ки аз ин 13780098 сомонӣ ё 42%, ба соҳаи кишоварзӣ, 6056613 сомонӣ ё 18,3% ба сохтмон, 10251071 сомонӣ ё 31% барои рушди соҳибкорӣ ва 2901985 сомонӣ ё 8,7% ба дигар соҳаҳо ва барои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ рост меояд.

Илова бар ин, соли 2014 ба воситаи бонкҳои ноҳияи Бохтар аз хориҷи кишвар ва муҳоҷирони меҳнатӣ ба андозаи 14,3 миллион доллари ИМА ва 73,3 миллион рубли Руссия ворид гаштааст.

*Иттилоот оид ба фаъолияти қарздиҳӣ дар солҳои 2012-2014. (ҳазор сомонӣ)*

| Номгӯи ташкилотҳои молиявӣ | Сол | Маблағи умумии қарзи додашуда | Шумораи қарзгирандагон | Бахшҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Кишоварзӣ | Сохтмон | Соҳибкорӣ | Саноат | Дигар соҳаҳо |
| Филиали ҶСШК «Агроинвестбонк» | 2012 | 1036158 | 101 | 773384 | - | 142717 | - | 120057 |
| | 2013 | 4834226 | 364 | 3600773 | - | 823455 | - | 409998 |
| | 2014 | 9868720 | 604 | 7612530 | - | 1813360 | - | 442830 |
| | Ҷамъ | 15739104 | 1069 | 11986687 | - | 2779532 | - | 972885 |
| Филиали Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк» | 2012 | 815800 | 123 | 134900 | - | 501500 | - | 179400 |
| | 2013 | 1644200 | 186 | 230600 | - | 1228500 | - | 185100 |
| | 2014 | 4915400 | 665 | 630800 | - | 2720000 | - | 1564600 |
| | Ҷамъ | 7375400 | 974 | 996300 | - | 4450000 | - | 1929100 |
| Филиали ҶСП «Тоҷиксодиротбонк» | 2012 | 2343453 | 109 | 43356 | 2004127 | 295970 | - | - |
| | 2013 | 3577433 | 134 | 371205 | 2000847 | 1205381 | - | - |
| | 2014 | 3954377 | 148 | 382550 | 2051639 | 1520188 | - | - |
| | Ҷамъ | 9875263 | 391 | 797111 | 6056613 | 3021539 | - | - |
| Ҳамагӣ: | | 32989767 | 2434 | 13780098 | 6056613 | 10251071 | - | 2901985 |

Соҳибкорон дар ноҳия яке аз нерӯҳои бузург ва созанда маҳсуб меёбанд, ки аз дуруст ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи онҳо, рушди минбаъдаи иқтисодиёти ноҳия вобастагии калон дорад. Айни замон, дар ноҳия имкониятҳои зиёди ҳамкорӣ, иқтидорҳои калони истеҳсолӣ ва қувваи кории арзон мавҷуд мебошад, ки дар ин самт соҳибкорони ватанию ҳориҷӣ метавонанд фаъолияти худро самараноктар ба

роҳ монанд. Илова бар ин, ҳоло аксари занон ва духтарон дар хона бе кор мебошанд ва онҳоро метавон тавассути ташкили корхонаҳои нав, барқарор ва ё ба кор даровардани корхонаҳои аз кор бозмонда ва ё васеъ намудани доираи фаъолияти корхонаҳои мавҷуда, ба кор ҷалб намуд.

***Мушкилиҳои асосии соҳаи СХМ***. Бад будани ҳолати техникии роҳҳои маҳаллӣ, нархи гарони сӯзишворию равғанҳои молиданӣ, баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ, набудани малакаи фаъолияти соҳибкорӣ, мавҷуд набудани Ассотсиатсияи соҳибкорон барои имконияти ҳифзи манфиатҳои соҳибкорон, дар сатҳи паст қарор доштани иттилоотнокии соҳибкорон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва ғайраҳо рушди соҳаи мазкурро бо монеаҳо дучор месозад. Мушкилиҳои дигаре, ки ба рушди соҳибкорони хурду миёна таъсири манфӣ мерасонад, ин дастрас набудани маблағҳои грантӣ барои рушди соҳибкорӣ, сатҳи баланди фоизи қарзҳо ва мӯҳлати кӯтоҳи истифодаи он, монеаҳои маъмурӣ, набудани иттилооти зарурӣ барои ташкил ва идоракунии бизнес, бахусус дар байни занҳо мебошад.

## 2.2. ИҶТИМОИЁТ

### *2.2.1. Маориф*

Рушду нумӯи соҳаи маориф дар раванди пешравии ҷомеа ва барои расидан ба як қатор ҳадафҳои муҳими сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нақши ҳалкунанда мебозад. Зимнан баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар сатҳи маҳаллӣ яке аз рукнҳои асосии дастрасӣ ба рушди устувор махсуб ёфта, бо мақсади ба даст овардани маълумоти сазовор ҷорӣ намудани низоми идоракунии самарабахши маорифро дар сатҳи маҳаллӣ тақозо менамояд.

**Сатҳи умумии маълумотнокӣ.** Таркиби аҳолии ноҳия мутобиқи нишондиҳандаи маълумотнокӣ (ба истиснои маълумотнокии ибтидоӣ) ба ҳолати 1 январи соли 2015 чунин мебошад:

- шумораи аҳолии дорои маълумоти олии касбӣ 5537 нафар (аз ҷумла, занҳо 957 нафар);
- шумораи аҳолии дорои маълумоти олии нопурра 921 нафар (аз ҷумла, занҳо 252 нафар);
- шумораи аҳолии дорои маълумоти миёнаи касбӣ 5714 нафар (аз ҷумла, занҳо 1611 нафар);
- шумораи аҳолии дорои маълумоти умумии асосӣ 13709 нафар (аз ҷумла, занҳо 8310 нафар) ва;
- шумораи аҳолии дорои маълумоти миёнаи умумӣ 60276 нафар (аз ҷумла, занҳо 29545 нафар)

*Таркиби аҳолии ноҳия аз рӯи маълумотнокӣ*
*(мутобиқи барӯихатгирии аҳолӣ дар соли 2010)*



Дар ноҳияи Бохтар 8 адад (аз ин 1 адад хусусӣ) муассисаи таҳсилоти томактабӣ, 49 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 3 муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ, 8 муассисаи таҳсилоти умумии ибтидоӣ, 1 Гимназияи давлатӣ, 1 мактаби Президентӣ барои бачагони лаёқатманд, 1 мактаб-интернати ғайридавлатӣ барои кӯдакони ятим ва 1 Маркази таҳсилоти иловагӣ мавҷуд мебошад.

Дар 52 адад муассисаҳои таълимӣ забони таълим тоҷикӣ буда дар 11-тои боқимонда таълим бо забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ ба роҳ монда шудааст.

***Маълумоти томактабӣ.*** Дар 8 муассисаҳои томактабии ноҳия 1044 нафар кӯдакон дар 53 гурӯҳ ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд, ки он нисбат ба талабот хеле кам мебошад. Зеро шумораи умумии кӯдакони то 6 сола дар ноҳия 28038 нафарро ташкил медиҳад ва дар ин замина фарогирии кӯдакон (синни 3-6 сола) дар муассисаҳои томактабӣ ҳамагӣ 3,72 фоизро ташкил медиҳаду халос. Иқтидори мавҷудаи муаассисаҳои томактабии ноҳия барои тарбияи 1290 нафар кӯдакон мерасад. Дар муассисаҳои томактабии ноҳия ба таълиму тарбияи кӯдакон 53 нафар мураббиёни дорои маълумоти педагогӣ сафарбар карда шудаанд.

*Шумораи кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ*

| Нишондодҳо | Иқтидор (нафар) | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2012 | | 2013 | | 2014 | |
| | | ҳамагӣ | аз ҷумла, духтарон | ҳамагӣ | аз ҷумла, духтарон | ҳамагӣ | аз ҷумла, духтарон |
| Муассисаи таҳсилоти томактабии №1 | 190 | 148 | 70 | 180 | 93 | 190 | 93 |
| Муассисаи таҳсилоти томактабии №2 | 200 | 170 | 69 | 190 | 74 | 200 | 83 |
| Муассисаи таҳсилоти томактабии №3 | 240 | 160 | 86 | 170 | 85 | 170 | 84 |
| Муассисаи таҳсилоти томактабии №4 | 60 | 60 | 26 | 60 | 16 | 60 | 29 |
| Муассисаи таҳсилоти томактабии №5 | 240 | 170 | 63 | 170 | 70 | 170 | 61 |
| Муассисаи таҳсилоти томактабии №6 | 200 | 120 | 67 | 150 | 76 | 150 | 76 |
| Муассисаи таҳсилоти томактабии №23 | 160 | 100 | 46 | 100 | 46 | 101 | 48 |
| ҳамагӣ: | 1290 | 928 | 427 | 1020 | 460 | 1010 | 474 |

Дар доираи иқтидорҳои мавҷудаи муассисаҳои томактабӣ пурра фаро гирифта нашудани кӯдакон ба мушкилоти зерин марбут мебошад:

- таъмирталаб будани муассисаҳои томактабӣ;
- аз кор боз мондани шабакаҳои гармидиҳӣ;
- фарсудагӣ ва таъмиру тармим нагаштани воситаҳои таҳвили обу ташноб;
- норасогии воситаҳои таълимӣ, асбобу анҷом ва мебел.

Дар мавриди ҳозира биноҳои боғчаҳои кӯдаконаи №4 ва №23 ба таъмири асосӣ ниёз доранд. Бинобар корношоям гаштани хатти гармидиҳӣ, дар мавсими сардӣ бинои муассисаҳои томактабӣ тариқи оташдонҳо (печҳо) бо нерӯи гармӣ таъмин карда мешавад, ки аз лиҳози бехатарӣ манфӣ арзёбӣ карда мешавад.

Ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани дастгирии молиявӣ дар самти гузаронидани таъмири ҷории муассисаҳои томактабӣ, ҳамасола аз ҷониби ташкилотҳои дахлдори ноҳиявӣ (ба ҳайси сарпараст) ва ташкилотҳои мухталифи хориҷӣ кӯмакҳои молиявӣ ва моддӣ расонида мешавад, вале ин низ басанда нест. Бинобар он, яке аз самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи соҳаи мазкур, фароҳам овардани шароити мусоид барои иштироки бахши хусусӣ мебошад. Мутаассифона, то кунун дар ноҳия ҳамагӣ 1

боғчаи хусусӣ фаъолият менамояду халос. Вале баъзе аз соҳибкорони маҳаллӣ тасмим гирифтаанд, ки минбаъд дар заминаи собиқ мактаби №64 сохтмони кӯдакистонро дар деҳаи Дониёрқули ҷамоати деҳоти Меҳнатобод ба роҳ монанд. Ин иқдом барои рушди минбаъдаи муассисаҳои томактабии хусусӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рақобати солим ҷиҳати пешниҳоди хизматрасониҳои сифатнок замина мегузорад.

***Маълумоти миёна.*** Дар соли хониши 2014-2015 дар ноҳия шумораи умумии хонандагон 46707 нафарро буда, аз ин теъдод 21849 нафар ё 46,7 фоиз духтарон мебошанд.

*Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ (нафар)*

| | Соли хониш | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012-2013 | | | | 2013 -2014 | | | | 2014 -2015 | | | |
| Синфҳо | Ҳамагӣ | Писар | Духтар | % духтарон | Ҳамагӣ | Писар | Духтар | % духтарон | Ҳамагӣ | Писар | Духтар | % духтарон |
| Гурӯҳи тайёрӣ | 160 | 90 | 70 | 43,7 | 180 | 92 | 88 | 48,8 | 356 | 170 | 186 | 52,2 |
| I | 4621 | 2395 | 2226 | 48,1 | 4184 | 2177 | 2007 | 47,9 | 4712 | 2472 | 2240 | 47,5 |
| II | 4696 | 2401 | 2295 | 48,8 | 4417 | 2314 | 2103 | 47,6 | 4257 | 2217 | 2040 | 47,9 |
| III | 4541 | 2333 | 2208 | 48,6 | 4337 | 2259 | 2078 | 47,9 | 4407 | 2311 | 2096 | 47,6 |
| IV | 4988 | 2635 | 2353 | 47,1 | 4219 | 2179 | 2040 | 48,3 | 4319 | 2226 | 2093 | 48,5 |
| Ҳамагӣ I-IV | 18846 | 9764 | 9082 | 48,1 | 17157 | 8929 | 8228 | 47,9 | 17695 | 9226 | 8469 | 47,8 |
| V | 4574 | 2482 | 2092 | 45,7 | 4780 | 2623 | 2157 | 45,1 | 4246 | 2212 | 2034 | 47,9 |
| VI | 5110 | 2703 | 2407 | 47,1 | 4304 | 2299 | 2005 | 46,5 | 4740 | 2576 | 2164 | 45,6 |
| VII | 4994 | 2495 | 2499 | 50,0 | 4738 | 2529 | 2209 | 46,6 | 4268 | 2271 | 1997 | 46,8 |
| VIII | 4868 | 2619 | 2249 | 46,2 | 4640 | 2388 | 2252 | 48,5 | 4673 | 2510 | 2163 | 46,3 |
| IX | 4390 | 2403 | 1987 | 45,2 | 4495 | 2445 | 2050 | 45,6 | 4561 | 2306 | 2255 | 49,4 |
| Ҳамагӣ V-IX | 23936 | 12702 | 11234 | 46,9 | 22957 | 12284 | 10673 | 46,5 | 22488 | 11875 | 10613 | 47,1 |
| X | 3093 | 1751 | 1342 | 43,3 | 3249 | 1796 | 1453 | 44,7 | 3421 | 1937 | 1484 | 43,3 |
| XI | 3094 | 1880 | 1214 | 39,2 | 2807 | 1655 | 1152 | 41,0 | 3103 | 1820 | 1283 | 41,3 |
| Ҳамагӣ X-XI | 6187 | 3631 | 2556 | 41,3 | 6056 | 3451 | 2605 | 43,0 | 6524 | 3757 | 2767 | 42,4 |
| Ҳамагӣ: | 48969 | 26097 | 22872 | 46,7 | 46170 | 24664 | 21506 | 46,5 | 46707 | 24858 | 21849 | 46,8 |

Шумораи умумии хонандагон дар давоми соли хониши 2014-2015 нисбат ба соли хониши 2013-2014 ба андозаи 1,16% зиёд шуда, дар муқоиса ба соли хониши 2012-2013 бошад, дар ҳаҷми 4,6% кам гардид, ки сабаби ин ба васеъ гаштани ҳудуди шаҳри Қурғонтеппа аз ҳисоби ноҳияи Бохтар ва ба ихтиёри шаҳр гузаштани се мактаби ноҳия (мактабҳои №№29,45,49) алоқаманд мебошад.

Аз шумораи умумии хонандагони соли хониши 2014-2015 (46707 нафар) 59 фоиз дар басти аввал, 39 фоиз дар басти дуюм ва 2 фоизи боқимонда бинобар сабаби норасогии синфхонаҳо (мактабҳои №№14, 24, 55, 56 ва 61) дар басти сеюм ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд.

Бинобар набудани муассисаҳои таҳсилоти миёнаи асосӣ дар деҳаҳои Авлиёи ҷамоати деҳоти Бӯстонқалъа ва деҳаи Октябри Кабири шуъбаи сеюми ҳоҷагии ба номи Файзали Саидови ҷамоати деҳоти Бохтариён, мавҷуд набудани муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар деҳаи Саричашма 2-и ҷамоати деҳоти Навбаҳор ва дар масофаи дур воқеъ гардидани чунин муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ва миёнаи умумӣ, солҳои охир шумораи муайяни духтарони синфҳои 9 ба идомаи таҳсил дар синфҳои болоӣ фаро гирифта намешаванд, ки чунин ҳолат хеле ташвишовар ба назар мерасад. Барои рафъи мушкилии ҷойдошта зарур аст, ки дар 5 соли татбиқи Барнома дар ин деҳаҳо ҷиҳати дастрасӣ пайдо кардани духтарони маҳал ба маълумоти пурраи миёна, биноҳои нави муассисаҳои таълимӣ ва синфхонаҳои иловагӣ бунёд карда шаванд.

*Ҳиссаи фарогирии хонандагон ба таҳсил дар соли хониши 2014-2015*




Тибқи талаботи «Низомнома дар бораи мактабҳои маълумоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҳар як синф шумораи талабагони синфҳои 1-11 то 25-30 хонанда муқаррар гардидааст. Аммо дар баъзе муассисаҳои таълимии ноҳияи Бохтар шумораи хонандагон дар ҳар як синф то 35 нафар мебошад, ки ин ба стандартҳои муосири низоми маориф ҷавобгӯ нест.

Яке аз мушкилоти асосии соҳаи маорифи ноҳия, норасогии синфхонаҳои таълимӣ дар мактабҳои №№1, 3, 5, 8, 9, 10, 11, 14, 18, 19, 26, 35, 42, 52, 55, 56, 65 мебошад.

Муассисаҳои таълимии ноҳия аз норасоии таҷҳизотҳои лабораторӣ (реактивҳо) дар озмоишгоҳҳои фаннӣ (алалхусус аз фанни химия, биология, физика) барои гузаронидани корҳои амалӣ танқисӣ мекашанд.

***Дастгирии кӯдакон аз оилаҳои камбизоат.*** Ҷиҳати бо таълиму тарбия фаро гирифтани хонандагони оилаҳои камбизоат, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №244 аз 2 майи соли 2010 «Дар бораи пардохти кӯмакпулӣ (ҷубронпулӣ) ба оилаҳои камбизоат, ки кӯдаконашон дар мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил менамоянд" ҳар нимсола ба 5707 нафар, ки 15 фоизи шумораи умумии хонандагонро ташкил медиҳанд, дар ҳаҷми 20 сомонӣ маблағ пардохт карда мешавад. Дар соли 2014 барои баланд бардоштани дараҷаи фарогирии кӯдакони оилаҳои камбизоат (аслан хонандагоне, ки аз яке аз волидонашон маҳруманд, кӯдакони ятиммонда, кӯдакони яке аз волидонашон маъюббуда, кӯдакони волидонашон бо кор таъмин набуда, кӯдакони аз оилаҳои камбизоат ё аз оилаҳои серфарзанд (беш аз 5 кӯдак доранд) аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба маблағи умумии 114140 сомонӣ ҷубронпулӣ дода шудааст.

Айни замон дар ноҳияи Бохтар 70 (аз ин миқдор 7 муассисаи томактабӣ) кумитаи падару модарон ва омӯзгорон (КПМО) фаъолият менамояд. Ҳадафи асосии ташкили чунин кумитаҳо, ҷалби бештари падару модарон ба ҳалли мушкилиҳои мавҷудаи соҳаи маориф мебошад.

**Таъминот бо омӯзгорон.** Дар муассисаҳои таълимии ноҳия 2277 нафар омӯзгорон кору фаъолият мекунанд, ки аз он 1126 нафар ва ё 49,4 фоизро занҳо ташкил медиҳанд.

Набудани шароити мусоиди иҷтимоию иқтисодӣ боиси аз муассисаҳои таълимӣ рафтани омӯзгорони соҳибтаҷриба мегардад, ки таи се соли охир 92 омӯзгор корро тарк намуда, ба дигар корҳои ғайриомӯзгории музднок ё муҳоҷирати меҳнатӣ рафтаанд. Дар муассисаҳои таълимии ноҳия дар соли 2014 ҳамагӣ 12 нафар омӯзгорони соҳимбихтисос (махсусан аз фанҳои забонҳои русӣ, англисӣ, математика, физика, химия ва технологияи информатсионӣ) намерасад.

*Шумораи умумии омӯзгорон (нафар)*

| Нишондиҳандаҳо | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2014 нисбат ба соли 2012 бо фоиз |
|---|---|---|---|---|
| Шумораи умумии омӯзгорон | 2294 | 2162 | 2277 | 7,4 |
| аз ҷумла, занон | 1135 | 1055 | 1126 | 13,2 |
| Дорои маълумоти олӣ | 1482 | 1415 | 1504 | 6,7 |
| аз ҷумла, занон | 548 | 522 | 575 | 11,5 |
| Олии нопурра | 98 | 88 | 111 | 3,1 |
| аз ҷумла, занон | 60 | 57 | 66 | 3,7 |
| Миёнаи касбӣ | 581 | 528 | 495 | 64,3 |
| аз ҷумла, занон | 418 | 367 | 356 | 31,7 |
| Миёнаи ибтидоӣ | 133 | 131 | 167 | 68,8 |
| аз ҷумла, занон | 109 | 109 | 128 | 56,7 |
| Муаллимони аз коррафта | 238 | 150 | 109 | 29,7 |
| аз ҷумла занҳо | 93 | 53 | 38 | 2 |
| Норасогии кадрҳо | 14 | 10 | 12 | 2 |

Дар натиҷаи ташкил намудани курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омузгорон дар солҳои 2013-2014 ва 2014-2015 тибқи нақшаи пешбинишуда ҳамагӣ 20% омузгорон ва ё зиёда аз 855 нафар таҷрибаю малакаҳои худро боз ҳам беҳтар намуданд.

***Маълумоти фарогир.*** Дар ноҳияи Бохтар 24 нафар кӯдакони маъюб, аз ин миқдор 14 нафар кӯдакони маъюби модарзод (аз ҷумла 3 нафар духтарон) ба қайд гирифта шудаанд, ки дар муассисаи таълимии №20 ва №26 ба таълим фаро гирифташуда, 10 нафари боқимонда ба таълими хонагии инфиродӣ (инклюзивӣ) фаро гирифта шудаанд.

***Барқарорсозии инфрасохтори мактабӣ.*** Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №436 аз 27 августи соли 2008 «Дар бораи Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008–2015, ки дар хонаҳои шахсӣ, вагонхонаҳо, биноҳои маъмурию ҷойҳои ҷамъиятӣ ҷойгиранд», як қатор корҳо ба иҷро расонида шудаанд.

Ҳоло дар аксар муассисаҳои таълимии деҳот хонандагон аз меъёри муқарраргардида зиёд қабул гардидаанд ва дар ин замина талабот ба сохтмони мактабҳои нав ва синфхонаҳои иловагӣ сол то сол афзоиш меёбад. Барои рафъи мушкилии ҷойдошта сохтмони мактабҳои нави замонавӣ ва биноҳои иловагӣ зарур мебошад.

Барои ташвиқу тарғиби пешбурди тарзи ҳаёти солим дар мактабҳо пайваста инфрасохтори лозимаи варзишӣ бунёд мегардад. Дар муассисаҳои таълимиии ноҳия 27 адад толорҳои варзишӣ ва 53 адад майдончаҳои варзишӣ мавҷуд аст. Новобаста аз ин, яке аз мушкилиҳои ҷойдошта, ба таъмиру барқарорсозӣ ва таҷҳизоти варзишӣ эҳтиёҷ доштани толорҳои варзишӣ дар мактабҳои №№1,2, 3, 4, 18, 20 ва 43 мебошад.

***Компютеркунонии мактабҳо.*** Дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия 39 синфи компютерӣ ташкил кардашуда, дар онҳо 1457 адад компютер ва 144 адад принтер мавҷуд аст, ки 1 компютер ба 14 нафар хонанда рост меояд. Айни замон, дар ноҳия "Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015" пурра таъмин гардидааст. Барои таъмини пайвастаи синфхонаҳои компютерӣ бо нерӯи барқ ба мактабҳои ноҳия 29 адад генератор тақсим карда шудааст.

Новобаста аз ин, норасогии нерӯи барқ дар фасли зимистон дар мактабҳои деҳот барои гузаронидани дарсҳои амалии фанни технологияи информатсионӣ монеа пеш меоварад. Бинобар ин таъмини мактабҳо бо хати озоди барқ зарур мебошад.

***Шабакаи таъминот бо оби нӯшокӣ ва гармӣ.*** Дар тӯли солҳои зиёд мавриди истифода қарор гирифтан ва мунтазам таъмир нагардидани қубурҳои обгузари

мактабҳои деҳот, боиси аз кор баромадани шабакаи таъминоти оби нӯшокӣ гаштааст. Шабакаи таъминоти гармии мактабҳои ҳудуди ноҳия аслан тавассути таҷҳизоти барқӣ ва печҳои аловӣ сурат мегирад. Бо сабаби кор накардани системаҳои гармидиҳии мавҷуда аксарияти мактабҳои маркази ноҳия ва деҳот аз таъминоти гармидиҳии буғӣ кайҳо маҳрум гаштаанд.

***Шаклҳои нави идоракунӣ.*** Гузариш ба низоми нави маблағгузории соҳа, яъне маблағгузории сарикасӣ, бо мақсади таъминоти нисбатан самарабахши истифодаи маблаҳои буҷетӣ, ташкили шароит барои фаъолияти самарабахши муассисаҳои таълимоти умумӣ ва баланд бардоштани сифати таълим дар дабистон равона карда шудааст. Дар доираи амали қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №505 аз 1 октябри соли 2007 «Оид ба тасдиқи қоидаҳои маблағгузории меъёрии (сарикасии) муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» аз 1 январи соли 2009 дар ноҳия 63 муассисаи таълимӣ (49 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, 3 мактаби таҳсилоти асосии умумӣ, 8 мактаби таҳсилоти ибтидоӣ ва 1 Гимназияи давлатӣ) ба шаклҳои нави маблағгузорӣ ва идоракунӣ гузаронида шуданд.

Бахри татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф ва мақсаднок ҷорӣ намудани шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузорӣ, назорат ба рафти иҷрои ислоҳот аз рӯи дастурамали хароҷот ба як хонанда, дар доираи татбиқи "Лоиҳаи омӯзиши босифат" бо маблағгузории USAID таи ин солҳо чандин чорабиниҳои омузишӣ гузаронида шуд. Аз ҷумла аз 1 январи соли 2009 сар карда бевосита ба шӯъбаи маориф, раёсати молия ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои гузаштан ба шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузории меъёрӣ (сарикасӣ) кӯмаку дастгирии техникӣ намуда, мутахассисон ва муҳосибони ин муассисаҳоро бо маводи корӣ (қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону дастурҳои Вазорати маорифу молия, низомномаи баҳисобгирии муҳосибавӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва бо дигар маводҳои зарурӣ) таъмин намуданд. Дар доираи фаъолияти хеш аз соли 2007 инҷониб, ташкилоти USAID дар 41 мактаби ноҳия синфҳои ибтидоиро бо хӯроки гарми якдафъаина таъмин намуд, ки тақрибан 17,6 ҳазор нафар хонандагонро фаро гирифт ва ҳоло ҳам татбиқи амалии ин лоиҳа идома ёфта истодааст.

*Маблаггузории соҳа дар давоми солҳои 2011-2014(ҳазор сомонӣ)*




Дар соли 2015 барои маблағгузории соҳа аз ҳисоби буҷет ҷудо намудани 41,7 миллион сомонӣ дар назар дошта шудааст, ки нисбат ба соли 2012 тақрибан 1,7 маротиба зиёд мебошад. Новобаста аз он, ки маблағгузории соҳа солҳои охир афзоиш ёфтааст, мутаассифона, он барои пурра бартараф намудани мушкилиҳои асосии соҳа нокифоя мебошад.

***Маълумоти олӣ ва миёнаи махсус.*** Бинобар ҷорӣ гардидани низоми имтиҳонҳои марказонидашудаи дохилшавӣ дар солҳои 2013-2014 ҳамагӣ 851 нафар фақат тибқи Маркази миллии тестӣ ба мактабҳои олии кишвар дохил гардиданд. Дар се соли охир 2543 нафар хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии ноҳия ба мактабҳои олӣ ва миёнаи махсуси шаҳрҳои Кулоб, Қурғонтеппа ва Душанбе, барои азхуд кардани ихтисосҳои мухталиф дохил шуданд. Илова бар ин, дар тӯли солҳои 2011-2014 аз ҳисоби хатмкардагони мактабҳои ноҳия 48 нафар дар муассисаҳои таълимии олии хориҷи кишвар (Федератсияи Россия ва дигар кишварҳо) таҳсил менамоянд.

Тибқи нақшаи корӣ ҳар сол аз рӯи квотаи президентӣ хонандагони болаёқат ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ дохил мешаванд. Тӯли солҳои 2012-2014 тибқи квотаи президентӣ ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ 65 нафар дохил шуданд, ки 29 нафар писар ва 36 нафарашон духтарон мебошанд.

Тибқи дурнамо соли 2015 қабули 25 нафар хонандагон ба мактабҳои олии кишвар аз ҳисоби квотаи президентӣ дар назар дошта шудааст, ки аз ин 13 нафар духтарон мебошанд.

Татбиқи амалии Барномаи рушди ноҳияи Бохтар барои ҳаллу фасли масъалаҳои зерини соҳаи маориф нигаронида шудааст:

- таҷдиди инфрасохтори мавҷудаи муассисаҳои таълимӣ, алалхусус таъмиру тармим намудани шабакаҳои гармидиҳӣ, бунёди гӯшаҳои санитарию беҳдоштии алоҳида барои духтарону писарон;
- бо китобҳои дарсӣ пурра таъмин намудани тамоми хонандагон;
- бунёди муассисаҳои таълимии нави замонавӣ, синфхонаҳои иловагӣ ва дар заминаи мактабҳои мавҷуда сохта ба истифода додани иншоотҳои иловагии ба фаъолияти мактабҳо алоқамандбуда;
- ба роҳ мондани низоми иштироки ҷомеа, ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ ва хусусӣ дар идоракунии мактабҳо тавассути таъсис додани ассотсиатсияҳои падару модарон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, бо мақсади баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ва масъулияти онҳо дар тарбияи фарзанд, таъмини шаффофияти истифодаи маблағҳои ҷудогардида.

### *2.2.2. Тандурустӣ*

***Ҳолати умумӣ.*** Соҳаи тандурустӣ дар ноҳия яке аз соҳаҳои муҳим ва афзалиятнок ба шумор рафта, барои тақвият бахшидан ба солимии аҳолӣ ва такмили хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар ин самт нақши асосиро мебозад. Дар фасли мазкур самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи тандурустӣ, талаботҳои молиявии таъминкунандаи пешбурди фаъолияти заминавии низоми хизматрасониҳои ёрии тиббии аввалия ва беҳдошти солимии аҳолӣ, муайян сохтани мушкиливу норасоиҳо ва роҳҳои ҳалли он баррасӣ мегардад.

Дар баробари ин, фаъолияти зерсохторҳои соҳа, аз қабили дармонгоҳҳо, марказҳои саломатӣ, бунгоҳҳои тиббӣ, сатҳи хизматрасониҳои соҳа, анҷом додани корҳои профилактикӣ, роҳу усулҳои бартараф кардани камбудиву норасоиҳо, механизми анҷом додани раванди ислоҳот дар соҳаи мазкур ва ҳадафу вазифаҳои минбаъда мавриди таҳлил қарор дода мешаванд.

***Давомнокии миёнаи умр.*** Ташаккули тарзи ҳаёти солим яке аз омилҳои муҳими беҳбуд ёфтани нишондиҳандаҳои тандурустӣ мебошад. Чорабиниҳои иттилоотию тавзеҳӣ дар миёни аҳолӣ, ки ба дарки мафҳумҳое чун танзими оила, талқини малакаҳои гигиенӣ ва тағйирёбии меъёрҳои ахлоқӣ мусоидат мекунад, унсурҳои асосии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар ноҳия маҳсуб меёбанд.

Мувофиқи маълумотҳои мавҷуда, ҳоло дар ноҳияи Бохтар нишондиҳандаҳои миёнаи давомнокии умр 75 сол буда, барои мардон 73 сол ва барои занон бошад 75 солро ташкил медиҳад. Нишондиҳандаи мазкур дар ноҳия назар ба дигар ноҳияҳои вилоят 4 сол пасттар аст. Яке аз омилҳои асосие, ки ба ин нишондиҳанда таъсири

манфӣ мерасонад, ба талаботҳои стандартии муосир мутобиқ набудани шароитҳои зисти аҳолӣ мебошад.

***Беморихои паҳншуда.*** Яке аз ҳадафҳои асосии рушди соҳаи тандурустии ноҳия, аз пешгирӣ ва бартараф намудани паҳншавии бемориҳои сирояткунанда иборат мебошад. Дар ноҳия ба монанди дигар минтақаҳо бемориҳои дар байни аҳолӣ аз ҳама бештар паҳншуда бемориҳои дил, фишорбаландӣ, диабети қанд, сил, зардпарвин, буғумдард, кирми рӯда (гелминтоз дар байни кӯдакон ва наврасони то 14 сола), ҷоғар, дарунравии шадид дар байни кӯдакон, санги талха ва гурда, бемории меъда ва рӯдаи дувоздаҳангушта, осеббардорӣ, авориҳои баъди таваллуд, камвазнӣ (гипотрофия) ва рахит дар байни навзодон мебошад. Дар ин самт якчанд омилҳои асосие мавҷуд аст, ки ба паҳншавии бемориҳо дар байни аҳолӣ сабаб гардидаанд. Аз ҷумла: саривақт муроҷиат накардан ба кормандони соҳаи тиб, аз ташхиси барвақтӣ нагузаштан, сатҳи пасти иттилоотнокӣ ва суст будани корҳои ташвиқотию тарғиботӣ, дастрасии сусти аҳолӣ бо оби тозаи ошомиданӣ ва баланд будани сатҳи камбизоатӣ дар байни аҳолии деҳот.

***Саломатии модар ва кӯдак.*** Саломатии аҳолӣ вазифаи асосии соҳаи иҷтимоии ноҳияи Бохтар маҳсуб гардида, ҳадафи он ба дастрасӣ пайдо намудани аҳолӣ ба хизматрасониҳои хушсифати тиббӣ нигаронида шудааст.

Дар ноҳияи Бохтар 222118 нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунад, ки аз ин шумора 55494 нафар занҳои қобили таваллуд мебошанд. Шумораи таваллуд дар соли 2014 ҳамагӣ 7031 нафарро ташкил додааст. Суръати миёнаи солонаи таваллуд 1,4 фоиз мебошад.

*Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ ва хона, сатҳи фавти модар*

| Нишондиҳандаҳо | Соли 2011 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ, таваллуд | 6206 | 6256 | 6294 | 7031 |
| Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ | 6105 | 5735 | 6057 | 6835 |
| Ба ҳисоби фоиз (%) | 98,3 | 91,6 | 96,2 | 97,2 |
| Таваллуд дар хона | 661 | 524 | 237 | 196 |
| Ба ҳисоби фоиз (%) | 10,6 | 8,3 | 3,7 | 2,7 |
| Фавти модарон (барои 100 ҳазор зиндатаваллуд) | 1 | - | - | - |

Теъдоди таваллуд дар ноҳия афзоиш ёфта истодааст, шумораи фавти модарон бошад дар се соли охир мушоҳида нагаштааст. Шумораи умумии таваллуд дар соли 2014 нисбат ба соли 2011 ба 13,3 фоиз зиёд шуда, 97,2 фоизи таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ сурат гирифтааст. Дар соли 2014 нисбат ба соли 2011 шумораи таваллуд дар хона 3,3 маротиба кам гардидааст ва чунин ҳолат аз баланд гардидани маърифатнокии аҳолӣ оиди истифодабарии хизматрасониҳои тиббӣ шаҳодат медиҳад.

Вале пеш аз ҳама, дар таъмини беҳдошти солимии модарон амалӣ гаштани барномаҳои давлатӣ роҷеъ ба солимии репродуктивӣ, танзими оила ва дуруст ба роҳ мондани фаъолияти самараноки муассисаҳои КАТС, хадамоти патронаҷӣ ва тибби оилавӣ нақши калон мебозад. Дар соли 2014 барои беҳтар намудани сатҳи солимии репродуктивии занон аз ҷониби Маркази солимии репродуктивии ноҳияи Бохтар 18697 нафар занон бо маводҳои контрасептивӣ таъмин карда шудааст. Дар ҷамоатҳо ва маркази КАТС-и ноҳия бо ҷалби кормандони саҳроӣ миёни занҳои синну соли репродуктивӣ 7035 сӯҳбат ва 150 лексия, инчунин дарсҳои омузишӣ дар мавзӯи «Хатари исқоти ҳамл ба саломатии занон», «Воситаҳои пешгирии хомиладории номатлуб», «Танзими оила» ва «Бемориҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаранда» гузаронида шудааст. Барои баланд бардоштани сатҳи иттилоотнокии аҳолӣ бошад ба иштирокчиён адабиётҳои зерин - «Ман медонам» ва «Интихоби ман» бо забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ тақсим карда шуданд.

Мутаассифона масъалаҳои пешрафт ва ҳифзи саломатии модару кӯдак, ҳалли саривақтии мушкилиҳои соҳа дар сатҳи маҳал, паҳн намудани иттилоот дар байни

ҷамоатҳо, фаъолияти гуруҳҳои корӣ, заминаи моддию техникӣ, таҳлилу омӯзиш ва ташхиси саривақтии бемориҳо аз ҷониби муассисаҳои тандурустии ноҳия ба талаботи имрӯза ҷавоб дода наметавонанд.

*Камхунӣ ва норасоии йод дар организми занҳои баъди таваллуд*

| Нишондод | Соли 2011 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|---|
| Шумораи занҳои ҳомила ва баъди таваллуд | 15374 | 14589 | 15614 | 16669 |
| Камхунӣ | 3454 | 3545 | 3716 | 4261 |
| Ба ҳисоби фоиз (%): | 22,5 | 24,3 | 23,7 | 25,5 |
| Гирифтори ҷоғар | 247 | 340 | 439 | 415 |
| Ба ҳисоби фоиз (%): | 1,6 | 2,3 | 2,8 | 2,4 |

Ҳиссаи занҳои гирифтори бемории камхунӣ дар байни занҳои қобили таваллуд дар соли 2014 нисбат ба соли 2011 бошад 3 фоиз зиёд шудааст. Чунин тамоюл дар гирифторӣ ба бемории ҷоғар дар миёни занон низ ба назар мерасад.

*Ҳиссаи гирифторӣ ба бемориҳои камхунӣ*
*ва ҷоғар миёни занони ҳомила ва баъди таваллуд (%)*




Солҳои охир дар ноҳия коҳишёбии индекси солимии модарон мушоҳида мешавад, ки сабаби ин гирифтор будани занони ҳомиладор:

- ✓ ба бемориҳои экстрагеneталӣ (бемориҳои гурда, камхунӣ, ҷоғар ва ғайра);
- ✓ саривақт муроҷиат накардан ба духтур ҳангоми аломатҳои ҳомиладорӣ;
- ✓ риоя накардани фосилаи байни таваллуд;
- ✓ таваллуд дар шароити хона;
- ✓ зоиш дар синни бармаҳал;
- ✓ дастрасӣ надоштан ба маводҳои пешгирикунандаи ҳамл;
- ✓ сатҳи пасти иттилоотнокии занон дар масоили саломатии репродуктивӣ ва ба
- ✓ камбизоатӣ марбут мебошад.

*Сатҳи фавти кӯдакон дар солҳои 2011-2014*

| Нишондиҳандаҳо | Соли 2011 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|---|
| Фавти кӯдакони то 5 сола (аз рӯи 1000 з/т) | 193 | 141 | 129 | 174 |
| Ба ҳисоби фоиз (%) | 32,1 | 44,3 | 48,7 | 40,4 |
| Фавти кӯдакони то 1 сола (аз рӯи шумора 1000 з/т) | 143 | 100 | 98 | 110 |
| Ба ҳисоби фоиз (%) | 4,3 | 0,6 | 0,6 | 0,6 |

Шумораи кӯдакони синну соли 0-14 дар давраи солҳои 2009-2014 ба 6,4 фоиз зиёд шудаст (шумораи кӯдакони то 14 сола соли 2009-70046 нафар буд ва соли 2014 бошад 74520 нафар шуд). Фавти кӯдакони то як сола таи як соли охир 12,2 фоиз ва кӯдакони то

5 сола бошад 34,8 фоиз зиёд шудааст, ки ин ҳолат хеле ташвишовар аст. Фавти кӯдакон дар муассисаҳои тиббии ноҳия бошад аз асфиксия ба 0,8 фоиз рост меояд

Сабаби асосии чунин тамоюли болоравӣ ба омилҳои зерин марбут мебошад:
- ✓ Баланд будани нишондоди фавти перинаталӣ (06 рӯза) бинобар ғайриқаноатбахш будани солимии занҳои ҳомила;
- ✓ баланд будани сатҳи бемориҳои роҳи нафас (гарчанде фаъолияти марказҳои ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона ва эмкунӣ дуруст ба роҳ монда шудааст);
- ✓ паст будани маърифатнокии модарон ва шароити пасти иҷтимоии оилаҳои деҳаҳои дурдаст;
- ✓ сатҳи пасти хизматрасонии муассисаҳои КАТС (аз сабаби нокифоягии маблағ, наҷлиёт, мутахассисон ва фарсудаю корношоям будани таҷҳизотҳои тиббӣ ва биноҳо);
- ✓ баланд будани сатҳи бемориҳои радифӣ, аз қабили камғизогӣ, рахит, нуқсонҳои модарзодӣ, камхунӣ ва ғайраҳо.

***Бемориҳои сироятӣ***. Масъалаи мубориза бар зидди бемориҳои сироятӣ низ дар ноҳия хеле муҳим мебошад. Ҳолати кунунии санитариву эпидемиологии ноҳия дар шароити ҳозира ба стандартҳо ҷавобгуй нест, ки ин ба афзоиши баъзе бемориҳои сироятӣ дар ноҳия боис гардидааст.

*Динамикаи бемориҳои сироятӣ*

| Намуди бемориҳои сироятӣ | Соли 2011 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|---|
| Бемории сил | 253 | 244 | 86 | 60 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | 125 | 112 | 84 | 77 |
| Газидан, олудашавӣ, харошидан аз тарафи ҳайвонҳо | 65 | 196 | 162 | 247 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | 29 | 90 | 73 | 119 |
| Исҳоли хунин (дизентерия) | 5 | 8 | 6 | 3 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | 2 | 3 | 2 | 1 |
| Сироятҳои шадиди рӯдаву меъда | 2975 | 3743 | 4986 | 4768 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | 1353 | 1717 | 1136 | 2303 |
| Гелминтоз | 197 | 201 | 185 | 214 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | 89 | 92 | 84 | 51 |
| Табларза (малярия) | - | - | - | - |
| Бемории ВНМО | - | - | - | - |
| Ҳамагӣ, аҳолӣ | 219786 | 217890 | 219362 | 222118 |

Тайи чор соли охир шумораи гирифторӣ ба бемории сил ва исҳоли хунин кам шуда, вале мутаасисифона, шумораи бемориҳо дар натиҷаи газидани ҳайвонот ва гелминтоз зиёд шудааст. Сабаби асосии мунтазам афзоиш ёфтани шумораи беморони гирифторӣ ба кирми рӯда, ба нодуруст истифода бурдани ғизо ва паст будани маснуъияти бадан марбут мебошад. Танҳо дар тӯли се соли охир аз бемории сил 9 нафар фавтидааст. Сабаби асосии афзоиши бемориҳои сироятӣ - бо оби тозаи нӯшокӣ пурра таъмин набудани аҳолӣ, бад будани ҳолати санитариву эпидемиологии муассисаҳои таълимӣ, маишӣ ва хӯроки умумӣ, набудани партовгоҳҳо ва сатҳи пасти хизматрасониҳои рифоҳӣ (коммуналӣ) дар деҳот, паст будани маърифатнокии аҳолӣ доир ба масъалаҳои пешгирии бемориҳои сироятӣ, камбизоат будани аҳолӣ ва гарон будани арзиши доруворӣ ва хизматрасонии тиббӣ мебошад.

Дар ҳамкории зич бо Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид тӯли солҳои 2011-2012 бо маблағгузории Хазинаи Глобалӣ оид ба мубориза бар зидди бемориҳои ВНМО, сил ва вараҷа, дар ҷамоатҳои Бохтариён, Бӯстонқалъа, Навбаҳор, Меҳнатобод, Заргар, Сарвати Истиқлол ва Ориён лоиҳаи «Ҷомеаи солим» амалӣ гардид. Мақсади асосии лоиҳа ин пешгирии паҳншавии бемории сил, ошкор кардани беморон ва назорати табобати беморони ДОТС маҳсуб ёфта, дар ин самт дар байни аҳолӣ корҳои

фаҳмондадиҳӣ оид ба аломатҳои бемории сил, роҳҳои пешгирӣ ва тарзи табобати беморӣ ба анҷом расонида шуд. Мунтазам дар доираи маблағгузории Хазинаи Глобалӣ ба ҳамаи беморони гирифтори сил (натиҷаи мусбӣ дошта) маводҳои ғизоӣ (орд, равған, нахуд ва ғайра) дар ҳар як се моҳа таъмин карда мешавад.

Дар ин давра, беш аз 7035 нафар аз табақаҳои гуногуни аҳолӣ ба омӯзишҳои саҳроӣ фаро гирифта шуданд. Инчунин, дар доираи лоиҳаи мазкур 4 нафар бо аломатҳои бемории сил ба Маркази мубориза бар зидди сил барои ташхис равона карда шуданд, ки дар натиҷа гирифтор шудани 3 нафари онҳо бо ин намуди беморӣ тасдиқ гардид. Дар ин муддат ба 120 нафар беморони дар қайдбуда аз ҳисоби наздикон ва фаъолони ҷомеа ихтиёриён вобаста карда шуданд, ки рафти табобати онҳоро дар ҳамбастагӣ бо муассисаҳои тиббӣ назорат мебаранд.

***Бемориҳои ғайрисироятӣ.*** Дар ноҳияи Бохтар бемориҳои захми меъда, газаки меъда, сирози ҷигар, газаки шадиди шушҳо, газаки гурда, тарбод, ғадуди дарунӣ, камхунӣ, ҷоғар ва бемории ишемияи дил солҳои охир афзоиш ёфтааст. Сабаби афзоиши ин бемориҳо паст будани маърифатнокиии аҳолӣ доир ба пешгирии бемориҳо, тарзи ҳаёти солим, саривақт муроҷиат накардан ба муассисаҳои тиббӣ, камбизоатӣ, баланд будани арзиши ташхиси тиббӣ (ЭКГ, эндоскопия, ултрасадои дил, ташхиси рентгенӣ), гаронии нархи доруворӣ ва набудани шароити иҷтимоӣ мебошад.

***Сохтори соҳаи тандурустӣ ва раванди ислоҳот.*** Низоми тандурустии ноҳияи Бохтар аз муассисаҳои бистарикунонӣ ва КАТС иборат аст.

*Муассисаҳои тиббии ноҳияи Бохтар*

| Сохтори шабакаҳои КАТС | Ҷамъ 36 муассисаҳои КАТС |
|---|---|
| Маркази саломатии ноҳиявӣ | 1 |
| Марказҳои саломатии деҳот | 23 |
| Бунгоҳи саломатӣ | 43 |
| Муассисаҳои бистарикунонӣ | Ҷамъ: 6 |
| | 1 беморхонаи марказӣ (дорои 245 кат) |
| | 2 беморхонаи рақамӣ (дорои 140 кат)<br>3 беморхонаи минтақавӣ (дорои 60 кат) |
| | 1 маркази репродуктивии занон |
| | 1 маркази тарзи ҳаёти солим |
| | 1 маркази ҳамбастагии бемориҳои кӯдакон |
| | 1 маркази мубориза бар зидди касалии сил. |
| Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ | 1 адад |
| Ёрии таъҷилии тиббӣ | 2 адад |

Бинобар ҷорӣ гардидани равандҳои ислоҳоти соҳаи тандурустӣ ва самаранок татбиқ гаштани «Стратегияи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020» дар назди Вазорати тандурустӣ «Донишкадаи такмили ихтисоси баъдидипломии кормандони тибби Тоҷикистон» таъсис ёфтааст. Дар муассисаи мазкур барои тайёр намудани кормандони соҳаи тиб низоми нави усулҳои идоракунӣ ва маблағгузорӣ таҳия шудааст, ки тавассути он кормандони соҳа омӯзонида мешаванд.

*Сатҳи маълумотнокии кормандони соҳаи тандурустӣ*

| Муассисаҳои тиббӣ | Шумораи кормандон | Бо маълумоти миёнаи махсус | Бо маълумоти олӣ | Дигар кормандон | Кормандони хурди тиббӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Муассисаҳои КАТС | 473 | 296 | 61 | 28 | 88 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 100 | 62,5 | 13 | 6 | 18,5 |
| Хадамоти бистарӣ | 504 | 226 | 36 | 120 | 122 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 100 | 44,8 | 7,1 | 23,9 | 24,2 |

***Иштироки ҷомеа дар беҳтар намудани саломатӣ*** дар ноҳияи Бохтар ҷиҳати ҳаллу фасли масъалаҳои марбут ба солимӣ қариб мушоҳида намешавад ва ташаббусҳои аҳолӣ оид ба беҳтар намудани вазъи санитарию гигиенӣ начандон хуб ба роҳ монда шудааст. Фаҳмиши аҳолӣ оид ба масъалаҳои пешбурди тарзи ҳаёти солим дар сатҳи паст қарор дорад.

Барои беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ дар ноҳия як қатор мушкилиҳои инфрасохторӣ мавҷуданд, ки ҳалли онҳо дар панҷ соли оянда самти асосии Барномаи мазкур аст. Аз ҷумла:

- ✓ набудани ҷомашӯйхона дар беморхонаи марказии ноҳия (БМН);
- ✓ набудани автоклави мутамарказонидашуда дар КАТС-и ноҳия;
- ✓ набудани маблағ барои таъмири асосии беморхонаҳои минтақавию рақамӣ;
- ✓ ҷойгир будани 1 адад бунгоҳи тиббӣ дар хона, 2 адад дар боғча ва 1 адад дар клуб;
- ✓ таъмирталаб будани қисми зиёди марказҳои саломатӣ ва бунгоҳҳои тиббӣ;
- ✓ норасогии ҳуҷраҳои қабули беморон дар Маркази саломатии ноҳия;
- ✓ пайваст набудани муассисаҳои тиббӣ ба хатҳои оби нӯшокӣ;
- ✓ фарсуда ва корношоям гардидани шабакаи гармидиҳии беморхонаи марказӣ ва беморхонаҳои рақамӣ;
- ✓ набудани таҷҳизотҳои муосир дар муассисаҳои тиббии ноҳия, (аз қабили дастгоҳҳои наҷот, рентген, флюорография, тамизкунанда, гастроскоп, кювез ва ғайра) ва таҷҳизоти компютерию принтер барои таҳияи ҳисоботҳо оид ба фаъолияти муассисаҳои тиббӣ.

*Мушкилии асосии соҳаи тандурустӣ*

| № | Номгӯи мушкилот | Мавзеъ |
|---|---|---|
| 1. | Бад гардидани заминаю моддию техникӣ | |
| - | Азнавсозии муассисаҳои тандурустӣ аз сабаби дар хонаҳои шахсӣ ҷойгир будан ва дар ҳолати садамавӣ қарор доштанашон | Бунгоҳи саломатии зарурияtдоштаи ҳудуди тамоми ҷамоатҳои ноҳия<br>Беморхонаи марказии ноҳиявӣ |
| - | Таъмирталаб будани муассисаҳои тиббии ноҳия ва гирду атрофи он | Як қисми шӯъбаи аворизи занон, шӯъбаи кӯдакона ва шӯъбаи амрози даруна ва ошхонаи беморхонаи марказии ноҳия |
| 2. | Фарсуда ва ё набудани таҷҳизоти муоинаи тиббии рентгенӣ-2 адад, таъмири таҷҳизоти ФГС-1 адад, таҷҳизоти УЗИ-1 адад, бронхоскоп-2 адад, таҷҳизоти автоклав-3 адад, дефибрилятор-2 адад, таҷҳизоти нафаси сунъӣ (ИВЛ-ПО) -2 адад, УВЧ-4 адад, электроотсос -2 адад, таҷҳизоти ФЭК -3 адад, таҷҳизоти рентгении стомотологӣ-1 адад, микроскопи электронӣ 4 адад, сентрофуга -2 адад, термостат -4 адад, маҷмӯи отоларингологӣ-3 адад, шкафи хушккунӣ – 4 адад, дастаасбоби ҷарроҳӣ -5 адад, камераи Гаряев-2 адад, таҷҳизоти хурди ҷарроҳӣ – 3 адад, таҷҳизоти калони ҷарроҳӣ – 3 адад, коогулограф – 3 адад | Ҳамаи муассисаҳои тиббии ноҳия |
| 3 | Нарасидани таҷҳизоти инвентарӣ, катҳои беморхонавӣ- 25 адад, тарозу ва катченкунакҳо барои кӯдакони навзод ва то 1-сола 5 адад, миз барои асбобҳои тиббӣ-10 адад, шкафҳо-20 адад, катҳо – 22 адад, диван-20 адад, мизу курсӣ - 50 маҷмӯъ | Беморхонаи марказии ноҳия, шуъбаҳои амрози даруна, амрози қалб, урологӣ, гинекологӣ. |
| 4 | Норасоии таҷҳизоти ёридиҳанда, компютер-6 адад, видеокамера-1 адад, суратгираки рақамӣ -3 адад, проектор-2 адад | Маъмурияти сохтори госпиталӣ ва муассисаҳои КАТС, шӯъбаи қабул, Маркази солимии репродуктивӣ, Марказҳои саломатии деҳот |
| - | Норасогии автомошинаи хизматӣ -2 адад | Маркази омор ва иттилоотӣ, маркази солимии репродуктивӣ |
| - | Норасогии доруворихои бепул барои шахсони имтиёзнок | Иштирокчиёни: Ҷанги Бузурги Ватанӣ, Афғонистон ва садамаи Чернобил. |

| | | |
|---|---|---|
| 5 | Сатҳи пасти тахассусии кадрҳои тиббӣ; | |
| - | Сатҳи пасти тахассусии табибони ҷавон | Дар тамоми муассисаҳои тиббии ноҳия |
| - | Норасогии шумораи кормандони соҳаи тиб дар ноҳия, алалхусус табибони дорои маълумоти олӣ | Дар тамоми муассисаҳои тиббии ноҳия |
| 6 | Суръати сусти ислоҳоти соҳаи тандурустӣ | |
| - | Номутаносибии маблағҳои ҷудошуда барои зинаи аввал ва дуввуми хизматрасонии тиббӣ | Соҳаи тандурустӣ |

Қобили зикр аст, ки аз 8 ҳадафи ҳуҷҷати Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола 3 ҳадафи он ба бахши тандурустӣ иртибот дорад, аз ҷумла: кам кардани сатҳи фавти кӯдакон (ҳадафи 4), беҳбудии ҳифзи модарон (ҳадафи 5) ва мубориза ба муқобили ВНМО/БПНМ, вараҷа ва сил (ҳадафи 6) ва таҳлили амикро дар ин самт тақозо менамояд.

Дар соҳаи тандурустии ноҳия татбиқи Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола (ҲРҲ) аз сохтану барқарор кардани бунгоҳҳои тиббӣ ва марказҳои саломатӣ дар деҳот, бо таҷҳизоти тиббӣ ва доруворихои лозима таъмин намудани муассисаҳои тандурустии ноҳия, андешидани тадбирҳои муассир тариқи таъмин намудани ҳамаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ва воситаҳои пешгирикунадаи ҳамл, зиёд кардани мутаносибии ДОТС, дар сатҳи ноҳия пурқувват намудани чораҳои мубориза бо бемориҳои сирояткунанда, ташкил намудани чорабиниҳои самарабахш дар заминаи пешгирӣ ва мубориза бар зидди ВНМО, бахусус дар байни ҷавонон, ба роҳ мондани маъракаи мубориза бар зидди касалии гелминтоз дар байни кӯдакони то 14-сола, таъмини муассисаҳои тандурустии ноҳия (хусусан дар сатҳи деҳот) бо мутахассисони баландихтисос, пешниҳод намудани имтиёзҳои зарурӣ ба мутахассисони ҷавон (таъмин бо манзилҳои истиқоматӣ ё қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ) иборат мебошад.

### *2.2.3. Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ*

Соҳаи таъминоти иҷтимоии ноҳия аз низоми суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, таъминот бо нафақа, шуғл, муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқи оила, кӯдакон, расонидани кӯмаки суроғавии иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои осебпазир ва камбизоат иборат аст.

***Гурӯҳи осебпазири аҳолӣ.*** Ба гурӯҳи осебпазири аҳоли нафақахӯрон, маъюбон, кӯдакони маъюб ва оилаҳои камбизоат дохил мешаванд.

*Шумораи нафақахӯрон аз рӯи табақаҳои мухталиф дар давоми солҳои 2011-2014*

| Гурӯҳҳои осебпазир | Солҳо | | | | Соли 2014 нисбат ба соли 2011 бо % |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | |
| Нафақахӯрон (аз рӯи синну сол) | 9874 | 10223 | 9645 | 10220 | 103,5 |
| Маъюбон | 5164 | 4795 | 4432 | 4095 | 79,3 |
| Маъюбони модарзод | 762 | 688 | 620 | 640 | 84 |
| Бесаробонмондагон | 1311 | 1310 | 1123 | 1161 | 88,6 |
| Ҳамагӣ нафақахӯрон | 16470 | 16466 | 15304 | 15595 | 94,7 |
| Оилаҳои камбизоат, ки ҷубронпулии пардохти истифодаи хизматрасонии коммуналӣ (барои истифодаи нерӯи барқ) мегиранд. | 4872 | 5041 | 4672 | 4561 | 93,6 |

Дар ноҳия ба ҳолати 31 декабри соли 2014, ҳамагӣ 17 нафар маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, 10 нафар маъюбон иштирокчиёни садамаи Чернобыл ва 2046 нафар маъюбони гурӯҳҳои 1,2,3 ба қайд гирифта шудаанд, ки 1069 нафари онҳоро занон ташкил медиҳанд. Бинобар он дар самти мазкур лозим аст, ки аз ҷониби мутахассисони соҳавӣ ва шахсони масъул ба ҳолати равонию физиологии аҳолӣ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир гардад.

Шумораи нафақахурон аз рӯи синну сол тайи солҳои 2012-2014 мутаносибан 3,5 фоиз афзоиш ёфтааст.

Солҳои охир дар ноҳия афзоиши шумораи кӯдакони маъюб ба назар мерасад, ки сабаби онро мутахасисон дар зиёд шудани теъдоди бемориҳои гуногун, хусусан фалаҷи майнаи сар ҳангоми таваллуд ва афзоиши ҳолатҳои никоҳҳои хешутаборӣ арзёбӣ менамоянд.

Дар баробари ин, мушкилии дигаре, ки мутахасисони соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ шарҳ медиҳанд, норасогии воситаҳои махсуси ёрирасон мебошад.

Феълан зиёда аз 43 нафар маъюбони гурӯҳҳои гуногун ба аробачаҳои маъюбӣ эҳтиёҷ дошта, аз он 16 нафар ба таъминоти фардӣ (индивидуалӣ) ниёз доранд.

Дар ноҳия ҳаҷми миёнаи нафақа паст буда 232,58 сомонӣ, аз ҷумла, нафақаи аз руйи пиронсолӣ 227,71 сомонӣ, аз руйи бесаробонӣ 317,63 сомонӣ, аз руйи маъюбӣ 287,99 сомонӣ ва нафақаи иҷтимоӣ 137,27 сомониро ташкил медиҳад. Зеро меъёри нафақа дар сатҳи ҷумҳурӣ муқаррар карда мешавад ва мутаасифона дар доираи тағйир ёфтани сатҳи таваррум (андозаи нархҳои бозори истеъмолӣ) индексатсия намегардад.

Яке аз омилҳои асосии дар оянда зиёд намудани ҳаҷми нафақа, рушди иқтисодиёт ва беҳтар шудани имкониятҳои молиявии ҷумҳурӣ мебошад.

Соли 2014 шумораи умумии хонаводаҳое, ки бинобар баланд гардидани тарифҳо барои истифодаи нерӯи барқ ҷубронпӯлӣ гирифтаанд 4561 нафарро ташкил додаанд, ки нисбат ба соли 2011 ба 6,4 фоиз кам гаштааст.

Бо мақсади дастгирии молиявии кӯдакони синни мактабӣ аз оилаҳои камбизоат дар соли 2012 барои 6216 нафар дар ҳаҷми 248,6 ҳазор сомонӣ, дар соли 2013 барои 5576 нафар 223,1 ҳазор сомонӣ ва то моҳи июли соли 2014 барои 5538 нафар 221,5 ҳазор сомонӣ кӯмакпулӣ пардохт карда шудааст.




**Хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона.** Дар ин самт Маркази минтақавии хизматрасонии иҷтимоии ҳокимияти давлатии ноҳияи Бохтар фаъолият менамояд, ки хизматрасонии суроғавиро ба анҷом мерасонад. Шумораи умумии кормандони марказ 25 нафарро ташкил медиҳад. Дар соли 2014 шумораи умумии нафароне, ки барои дастрасии хизматрасонии суроғавӣ ба маркази мазкур расман муроҷиат намуданд, 148 нафарро ташкил додааст ва ба ҳамаи муроҷиаткардагон пурра хизматрасониҳои лозима расонида шудааст. Маркази мазкур ба эҳтиёҷмандон аз рӯи 19 намуди иҷрои кор хизмат мерасонад. Мушкилоти асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, ин норасогии маводҳои ниёзи аввал (хӯрока) ба ниёзмандон мебошад. Зеро аксари эҳтиёҷмандонро камбизоатоне ташкил медиҳанд, ки сарчашмаи иловагии даромад надоранд. Дар ин самт ҷалб намудани ташкилотҳои дохилию хориҷӣ барои дастгирии ниёзмандон ва беҳтар ба роҳ мондани хизматрасонии хушсифат зарур аст.

**Бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ.** Самти асосии сиёсати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Бохтар дар бозори меҳнат дар давраи то соли 2020 ҷалб ва ҳавасманд намудани муассисаҳои дахлдор ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ ва дар ин замина баланд бардоштани самаранокӣ ва рушди бозори меҳнат ба ҳисоб меравад.

Мувофиқи маълумоти расмӣ, шумораи аҳолии ноҳияи Бохтар ба ҳолати 31 декабри соли 2014 теъдоди 222118 нафарро ташкил додааст, ки аз он 163,3 ҳазор нафарашон захираҳои меҳнатӣ мебошанд.

Шӯъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Бохтар ҷиҳати мусоидат ба шуғли аҳолӣ, бо назардошти вазъи шуғли аҳолӣ ва талаботи бозори меҳнати кишварҳои хориҷӣ (асосан Федератсияи Россия ва Қазоқистон) низоми доимоамалкунандаи мониторинги бозори меҳнатро мунтазам пайгирӣ намуда, таҳлили ҳолати он, ояндабинии талаботу пешниҳодҳоро ба қувваи корӣ амалӣ менамояд.

Дар доираи "Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Бохтар барои солҳои 2013-2014" дар давоми солҳои 2013-2014 беш аз 906 нафар курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзиро дар марказҳои таълимӣ (аз рӯи касбҳои дӯзандагӣ, кафшергари барқӣ, муҳосиб - компютер) хатм намудаанд.

Бо мақсади таъмини аҳолӣ бо ҷои кор дар давоми солҳои 2011-2014 аз ҷониби шӯъбаи мазкур дар ҳамбастагӣ бо сохторҳои дахлдор 15025 ҷойҳои нави корӣ ташкил карда шуд, ки аз ин 6030 нафар бо ҷои кори доимӣ таъмин гардидаанд. Аз сабаби паст будани музди меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ, соҳаҳои буҷавӣ ва набудани шароити мусоиди иҷтимоӣ, махсусан дар деҳот, нисфи зиёди ба кор қабулшудагон ҷои кории худро тарк намуда, ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ё ба муҳоҷирати меҳнатии бурунмарзӣ рафтаанд.

*Раванди татбиқи Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии ноҳияи Бохтар барои солҳои 2011-2014*

| Номгӯи чорабиниҳо | Солҳо | | | | | | | | Соли 2014 нисбат ба соли 2011 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | | 2012 | | 2013 | | 2014 | | |
| | Нақша | Иҷро-иш | Нақша | Иҷро-иш | Нақша | Иҷро-иш | Нақша | Иҷро-иш | |
| Таъсиси ҷойҳои нави корӣ | 4050 | 4130 | 2080 | 2178 | 3664 | 3664 | 5053 | 5053 | 122% |
| Таъмини аҳолӣ бо ҷои кори доимӣ | 250 | 285 | 295 | 302 | 520 | 520 | 503 | 518 | 181% |
| Касбомузӣ | 180 | 180 | 200 | 200 | 252 | 252 | 300 | 340 | 188% |
| Корҳои ҷамъиятии музднок | 98 | 98 | 67 | 67 | 75 | 75 | 65 | 65 | |

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки аз рӯи ҳамаи нишондиҳандаҳо нақшаи дурнамо бар зиёд иҷро карда мешавад. Новобаста аз ин, солҳои охир бинобар сабаби суст будани дастгирии молиявӣ, тафриқаи калони музди меҳнат дар байни кормандони соҳаҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ мушкил гардида истодааст. Аз ин лиҳоз, ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва дар заминаи он ба роҳ мондани коркарди ашёи хоми маҳаллӣ зарур мебошад.

Самти асосии сиёсати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Бохтар то соли 2020, пеш аз ҳама, ҷалб ва ҳавасмандгардонии муассисаҳои дахлдор ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ дар бозори меҳнат, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сохторҳои дахлдори соҳа ва дар ин замина мусоидат намудан ба рушди бозори меҳнат маҳсуб меёбад.

**Музди меҳнат**. Дар давоми солҳои 2011-2014 афзоиши воқеии тамоми даромадҳои пулии аҳолӣ, аз ҷумла музди меҳнат ва нафақа ба назар мерасад. Музди миёнаи меҳнат дар ноҳия дар соли 2014 нисбат ба соли 2011 ба андозаи 184 фоиз афзуда бошад ҳам, бо вуҷуди ин як қатор масъалаҳои иҷтимоӣ, махсусан масъалаҳои меҳнатӣ, аз қабили дараҷаи баланди табақабандии аҳолӣ аз рӯи андозаи даромадҳо, сатҳи пасти музди меҳнати кормандони соҳаҳои иҷтимоӣ, кишоварзӣ ва сатҳи баланди музди меҳнати кормандони соҳаҳои хизматрасонии бонкӣ, сохтмон ва саноат ба назар мерасад.

*Музди миёнаи меҳнат аз рӯи соҳаҳо дар тӯли солҳои 2011-2014*

| Соҳаҳо | Солҳо | | | | Соли 2014 дар муқоиса бо соли 2011 бо% |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | |
| Саноат | 306 | 355 | 341 | 387 | 107% |
| Кишоварзӣ | 174 | 175 | 194 | 202 | 116% |
| Хоҷагии манзилию коммуналӣ (ХМК) | 205 | 412 | 399 | 517 | 2,5 маротиба |
| Нақлиёт | 306 | 599 | 561 | 725 | 2,3 маротиба |
| Алоқа | 298 | 430 | 303 | 379 | 159% |
| Ташкилотҳои буҷавӣ | 412 | 620 | 711 | 765 | 185% |
| Маориф | 303 | 403 | 584 | 691 | 2,2 маротиба |
| Тандурустӣ | 377 | 634 | 640 | 733 | 194% |
| Фарҳанг | 239 | 459 | 460 | 524 | 2,2 маротиба |
| Бонкҳо | 557 | 1136 | 1089 | 1164 | 2,1 маротиба |
| Сохтмон | 488 | 890 | 659 | 716 | 146% |
| Ҳамагӣ дар ноҳия (ба ҳисоби миёна) | 246 | 315 | 377 | 454 | 184% |

Музди миёнаи аз ҳама пасти меҳнат ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд, ки чун пас аз ба шаклҳои нави хоҷагидорӣ гузаштани аксарияти хоҷагиҳои деҳқонии мавҷуда сатҳи даромаднокиашон ниҳоят паст ва аксаран аз сохторҳои дахлдори андоз, барқ ва обтаъминкунӣ қарздор шудаанд. Инчунин, тарзу усул ва тартиби ба кор қабул намудан ва муайян намудани андозаи музди меҳнат дар ин хоҷагиҳо дуруст ба роҳ монда нашудааст. Илова бар ин, ҳар як роҳбари хоҷагӣ дар алоҳидагӣ музди меҳнати саҳмдорони худро бо хоҳиши худ муайян намуда, дар аксар ҳолатҳо талаботи қоидаҳои Кодекси меҳнатро риоя намекунад. Яке аз омилҳои асосие, ки ба паст шудани музди миёнаи меҳнат дар соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ таъсир расонидааст, паст шудани нархи нахи пахта дар бозори ҷаҳонӣ мебошад.

**Сатҳи бекорӣ.** Бо назардошти афзалият ва самтҳои асосии соҳа, яке аз ҳадафҳои стратегии Барномаи рушди ноҳия дар панҷ соли оянда, бо ҷои кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ ва дар ин замина коҳиш додани сатҳи бекорӣ мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф дар доираи Барномаи мазкур ба кор даровадани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ пешбинӣ мегардад. Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки яке аз омилҳои асосие, ки бекорони расман бақайдгирифташуда сари вақт ва пурра бо кор таъмин карда намешавад, ба дархост ва пешниҳоди муассисаю идораҳои корфармо ва ташкилотҳои дахлдор вобаста аст. Дар баробари ин, ҳангоми гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ аксари иштирокчиён аз паст будани музди меҳнат ва шароити номусоиди корӣ норозӣ буда, аз ишғоли вазифаҳои пешниҳодшуда даст мекашанд.

Тибқи маълумоти расмӣ, сатҳи бекорӣ (бекороне, ки расман ба қайд гирифта шудаанд) дар соли 2014 нисбат ба соли 2011 то ба 12 фоиз афзоиш ёфтааст. Дар соли 2013 аз шумораи умумии бекорони расман ба қайд гирифташуда, танҳо 5 фоизи онҳо бо кор таъмин карда шудаанду халос.

Дар давоми чор соли охир дар доираи "Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии ноҳияи Бохтар" беш аз 6030 нафар ба ҷои кори доимӣ таъмин карда шудаанд.

Бо мақсади паст кардани сатҳи бекорӣ, таъмини шароити мусоид барои фаъолияти минбаъда ва дастгирии молиявии бекорон, аз ҷониби шӯъбаи агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати ноҳия, аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ҳамасола қарзҳои бефоиз ва имтиёзнок пешниҳод карда мешавад. Дар тӯли солҳои 2011-2014 шумораи умумии бекороне, ки аз қарзҳои бефоиз истифода намудаанд, 49 нафарро ташкил дода, ҳаҷми умумии маблағи пешниҳодшуда ба 178,5 ҳазор сомонӣ баробар гаштааст. Ҳамасола ба ҳисоби миёна ба 12 нафар ба маблағи умумии 44,6 ҳазор сомонӣ қарзҳои бефоиз дода мешавад, ки ин хеле кам буда, барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ басанда нест.

Сабаби кам будани шумораи истифодабарандагони қарзҳои бефоиз, надоштани иттилооти кофӣ ва маҳдуд будани ҳаҷми маблағҳои ҷудошуда мебошад.

Дар ноҳия иқтидорҳои бузурги истеҳсолӣ ва захираҳои меҳнатии зиёди истифоданагардида мавҷуд аст, ки дар натиҷаи самаранок ва оқилона истифода намудани онҳо, масъалаи паст намудани сатҳи бекорӣ аз байн бардошта мешавад.

Бо ин мақсад то соли 2020 ташкили 23500 ҷойҳои нави корӣ дар назар дошта шудааст.

***Муҳоҷирати меҳнатӣ.*** Дар шароити кунунӣ таҳким бахшидан ба муносибатҳои нави иқтисодиёти бозаргонӣ, таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор ва музди меҳнати сазовор хеле муҳим мебошад. Дар ноҳия муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷи кишвар, асоси ташаккули сарчашмаи даромади воқеии аҳолӣ маҳсуб гашта, барои мунтазам баланд гардидани сифати зиндагии мардум замина мегузорад. Интиқоли маблағҳои (трансфертҳои) муҳоҷирони меҳнатӣ дар рушди фаъолияти бонкӣ, муносибатҳои тиҷоратӣ, сохтмон, пардохти андозҳо ва дастрасӣ ёфтан ба хизматрасониҳои сифатноки бахши иҷтимоӣ дар маҳал нақши муҳимро мебозад. Зеро ҳаҷми интиқоли маблағҳо дар соли 2014 тақрибан ба 74 миллион сомонӣ (ё 14,5 миллион доллари ИМА) расидааст, ки аз буҷети маҳаллӣ (56,5 миллион сомонӣ, ки аз ин 34,7 миллион сомониаш субвенсия мебошад) 30,9 фоиз зиёд мебошад.

Мутобиқи маълумотҳои расмии мавҷуда, муҳоҷират тайи солҳои 2011-2014 мунтазам афзоиш ёфта, дар соли 2014 шумораи муҳоҷирон ба хориҷи кишвар ба 7600 нафар расидааст, ки нисбат ба соли 2013 ба андозаи 8 фоиз зиёд аст. Муҳоҷирати меҳнатӣ асосан ба кишварҳои Федератсияи Россия ва Қазоқистон сурат мегирад. Дар давоми солҳои 2013-2014 тариқи филиали бонкҳо (Амонатбонк, Тоҷиксодиротбонк, Агроинвестбонк ва Эсхата) аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ 28,79 миллион доллари ИМА ва 143 миллион рубли русӣ интиқол дода шудааст.

Бинобар шиддат гирифтани бӯҳрони иқтисодӣ дар Федератсияи Россия, ҳаҷми интиқоли маблағҳо аз ин кишвар, бахусус бо ифодаи доллари ИМА минбаъд мумкин коҳиш ёбад ва ин раванд ба рушди иқтисодиёти ноҳия таъсири манфӣ мерасонад. Илова бар ин, тибқи ақидаи коршиносони маҳаллӣ дар давоми ду-се соли оянда шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ ба Россия бо назардошти ба тасвиб расидани як қатор қонунҳои федералӣ ҷиҳати пурзӯр намудани масъулият барои риоя накардани қонунгузории амалкунандаи муҳоҷиратии Федератсияи Россия, паёмадҳои манфии бухрони иқтисодӣ дар натиҷаи таҳримҳои (санксияҳо) нисбати кишвари Россия ҷоришуда, паст шудани қурби рубли русӣ, баланд гаштани арзиши патенту иҷозатнома барои фаъолияти меҳнатии муҳоҷирон, сертификат оид ба касалиҳои ВИЧ инфексия, полиси суғуртаи тиббӣ, сертификат оид ба донистани забони русӣ, таърих ва асосҳои қонунгузории Федератсияи Россия коҳиш меёбад.

*Тамоюли муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷи кишвар*
*дар давоми солҳои 2011-2014(нафар)*



Ҷиҳати танзими ҷараёни муҳоҷирати бурунмарзии меҳнатӣ, андешидани тадбирҳои зерин зарур аст:

- тавассути мақомотҳои салоҳиятдори ҷумҳурӣ оид ба муҳоҷират, якҷоя бо мақомотҳои дахлдори Федератсияи Россия ва Қазоқистон ба роҳ мондани механизми гузаронидани муоинаи тиббии муҳоҷирони меҳнатӣ бо мақсади эътироф намудани натиҷаи онҳо;
- ба суғуртакунонии ҷамъшаванда ва ихтиёрӣ фаро гирифтани муҳоҷирони меҳнатӣ;
- такмили низоми омӯзиши касбҳо барои муҳоҷирони меҳнатӣ, ки дар дигар кишварҳо ба он талаботи бозори меҳнат вуҷуд дорад;

***Муҳоҷирати дохилӣ.*** Ба роҳ мондани муҳоҷирати экологии дохилӣ (ихтиёрӣ) тавассути аз ҷойҳои хавфнок ба ҷойҳои бехавф кӯчонидани аҳолӣ, яке аз афзалиятҳои рушди ноҳия ба шумор меравад. Дар ин самт қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №474 аз 2 ноябри соли 2013 "Дар бораи нақшаи миёнамӯҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2014-2016" ба тасвиб расидааст, ки дар доираи он аз ноҳия ва гирду атрофи он кӯчонидани 36 оила ба нақша гирифта шудааст ва ҳоло ин тадбир зина ба зина амалӣ мешавад. Ҷиҳати иҷрои муқаррароти қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011 - 4 оила, соли 2012 - 5 оила, соли 2013 - 6 оила, соли 2014 - 5 оила аз минтақаи хавфноки соҳили чапи дарёи Вахш ба ҷойҳои бехавф кӯчонида шудаанд ва дар соли 2015 ба мавзеи бехавф кӯчонидани 16 оила пешбинӣ гардидааст.

Бо мақсади рушди минбаъдаи соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ, барои аз худ намудани заминҳои бекорхобидаю даштҳои нокорами минтақаҳои мухталиф ва мусоидат намудан ба паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия дар доираи татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №677 аз 3 декабри соли 2012 "Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ дар солҳои 2013-2015" дар соли 2013 - 74 оила ва дар соли 2014 -74 оиларо ба ноҳияи Ҷиликул ба таври ихтиёрӣ муҳоҷир намуд. Дар соли 2015 муҳоҷирати 72 оила ба нақша гирифта шудааст.

### *2.2.4. Фарҳанг, сайёҳӣ ва варзиш*

Дар ноҳияи Бохтар 40 муассисаи фарҳангӣ мавҷуд аст, аз ҷумла 8 кохи фарҳанг, 29 китобхона (китобхонаи марказӣ, китобхонаи бачагона ва 27 китобхонаҳои деҳот), мактаби бачагонаи мусиқӣ, боғи фарҳанг ва фароғатӣ ва Филармонияи халқӣ.

Шумораи умумии кормандони соҳа дар муассисаҳои фарҳангии ноҳия 113 нафарро ташкил дода, аз ин шумора 15 нафар дорои маълумоти олӣ, 14 нафар дорои маълумоти олии ғайрисоҳавӣ, 17 нафар дорои маълумоти миёнаи махсус ва 67 нафар дорои маълумоти миёна мебошанд. Аз шумораи умумии кормандон 34 нафарашон кормандони техникӣ маҳсуб меёбанд.

Бо мақсади баланд бардоштани дониш ва малакаи кормандони соҳа дар давоми солҳои 2010-2014 беш аз 5 нафар аз тарафи бахши фарҳанги ноҳия ба Донишкадаи Давлатии Санъати Тоҷикистон барои такмили ихтисос (ба ихтисосҳои коргардонӣ, корманди муассисаҳои клубӣ ва китобдории китобхонаҳои оммавӣ) равон карда шуданд.

Айни замон муассисаҳои фарҳангии ноҳия аз норасогии мутахассисони баландихтисоси соҳавӣ танқисӣ мекашанд. Шумораи умумии эҳтиёҷот ба кадрҳои баландихтисос 21 нафарро ташкил медиҳад, аз ҷумла, роҳбари бадеӣ 1 нафар, роҳбари мусиқӣ 1 нафар, овозхон 2 нафар, дастурдеҳон 2 нафар, раққосон 1 нафар, навозандагон 2 нафар, 1 нафар коргардон, 1 нафар устоди рақс ва 10 нафар мутахассисони соҳаи китобдорӣ.

***Боғи фарҳанг ва истироҳат.*** Боғи фарҳанг ва истироҳати ноҳия соли 2002 дар майдони 6 гектар бунёд гардида, дар тобеияти бахши фарҳанг қарор дорад. Шумораи умумии кормандони боғ 9 нафарро ташкил медиҳад. Дар боғи фарҳанг ва фароғатии

ноҳия арғунчакҳо барои хурдсолон, чархофалакҳо (каруселҳо), лағчонакҳо, майдончаи волейбол ва майдончаи консертӣ мавҷуд нест.

Боғи мазкур ба васлу насб кардани арғунҷаку каруселҳо, панҷарабандӣ намудани гирду атрофи он, сохтмони бинои маъмурӣ, нуқтаҳои маишию фароғатӣ, аз ҷумла ҳуҷраҳои бозии тенис, доминову шашка, нуқтаи бозиҳои кӯдаконаи «Лимпопо», чойхонаи фароғатӣ, курсиҳои нишаст дар ҳавои кушод ва ҳавзи шиноварии кӯдакона, эҳтиёҷ дорад.

Дар нақшаи ҳароҷоти бахши фарҳанг моддаи махсуси маблағгузорӣ оид ба таъмину таъмир ва нигаҳдории боғи номбурда мавҷуд нест.

***Китобхонаҳои ноҳия.*** Дар ноҳия 29 китобхонаҳои оммавӣ фаъолият доранд, ки аз ин 1 китобхонаи марказӣ, 1 китобхонаи бачагона ва 1 китобхонаи деҳаи «Меҳнатобод» дар мувозинаи бахши фарҳанги ноҳия буда, 3 адад китобхонаҳои деҳот дар мувозинаи ҷамоатҳои деҳот, 13 китобхона дар мувозинаи хоҷагиҳои ноҳия ва 4 китобхона дар тавозуни дигар ташкилоту муассисаҳо қарор доранд.

Мушкилии асосии китобхонаҳои ноҳияи Бохтар, норасогии китобҳои тозанашр, рафҳои китобмонӣ ва таҷҳизоти компютерӣ мебошад.

***Коххои фарҳангии ноҳия.*** Чуноне, ки дар боло қайд гардид, дар ноҳия 8 кохи фарҳанг фаъолият дорад, ки аз он 2 кохи фарҳангӣ дар мувозинаи бахши фарҳанг қарор дошта, коххои фарҳангии ҷамоатҳои деҳоти «Сарвати Истиқлол», «Навбаҳор» ва «Заргар» дар мувозинаи ҷамоатҳо, коххои фарҳангии ҷамоати шаҳраки «Бохтариён» дар мувозинаи ҳоҷагии ба номи Ф.Саидов, коххои фарҳангии ҷамоатҳои деҳоти «Меҳнатобод» дар мувозинаи ҳоҷагиҳои деҳқонии «Меҳвар» ва «Ориён» қарор доранд. Аз ин муассисаҳо 2 кохи фарҳангӣ таъмирталаб буда, кохи фарҳанги ҷамоати деҳоти «Меҳнатобод» баъд аз сӯхтори соли 2002 бо сабаби аз буҷет ҷудо нагардидани маблағ, то ҳол барқарор карда нашудааст.

***Мактаби мусиқии бачагона.*** Дар мактаби мусиқӣ 7 ҳуҷраи дарсомӯзӣ вуҷуд дорад, ки дар он муаллимони ихтисосноки навозиши рубоб, фортепиано, аккордеон, дойра, дутор, солфеджио, овозхонӣ ва адабиёти мусиқӣ фаъолият мекунанд.

Мактаби мазкур ба асбобҳои мусиқӣ аз ҷумла рубоб, дойра, таблак, фортепиано, аккордион, (асбобҳо кӯҳнаву фарсуда шудаанд) ва адабиёти назариявии мусиқӣ ниёз дорад.

Мушкилиҳои муассисаҳои фарҳанги ноҳия дар маҷмӯъ ба омилҳои зерин марбут мебошанд:

- нокифоя будани мизу курсиҳо дар коххои фарҳангии ҷамоатҳои деҳоти «Сарвати Истиқлол», «Ориён» ва кохи фарҳангии тобистонаи шаҳраки Исмоили Сомонӣ;
- норасогии асбобҳои мусиқии миллӣ, асбобҳои мусиқии муосири барқӣ, воситаҳои техникии тақвияти овоз ва сару либоси саҳнавӣ;
- норасогии адабиётҳои тозанашр бо забони давлатӣ;
- нокифоя будани маблағгузориҳо барои таъмиру тармими муассисаҳои фарҳангӣ;
- набудани воситаҳои нақлиёт (автобус ва ё микроавтобус) барои расонидани хизмати фарҳангӣ ба сокинони ноҳия ва берун аз он;
- мавҷуд набудани бино барои 6 китобхонаҳои оммавӣ (ҳоло онҳо дар муассисаҳои таълимӣ ҷойгиранд);
- ба таъмири асосӣ ниёз доштани коххои фарҳангӣ дар ҷамоатҳои деҳоти «Ориён», «Навбаҳор» ва «Меҳнатобод»;
- мавҷуд набудани асбобҳои равшанидиҳанда ҳангоми пахши садои мусиқӣ, инчунин проектор ва дигар маводҳои зарурӣ барои намоиши кинофилмҳо.

**Сайёҳӣ.** Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи ноҳияи Бохтар ба ҳисоб меравад. Айни замон дар ноҳияи Бохтар инфрасохтори аввалиндараҷа, ба

монади истироҳатгоҳи «Аквапарк», майдони варзишӣ, боғи истироҳатӣ, 3 адад тарабхонаҳо ва 2 меҳмонхона мавҷуд мебошад.

Рушди соҳаи туризм баҳри паст кардани сатҳи бекорӣ дар ноҳия замина ва имкониятҳои муфидро фароҳам оварда, барои ғанӣ гардонидани буҷети маҳаллӣ мусоидат ҳоҳад намуд.

Барои пешбурди сиёсати соҳа ва татбиқи самараноки он дар ноҳия бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ амал намуда истодааст, ки дар он 3 нафар кормандон машғуланд, аз ҷумла 1 мутахассиси пешбар дар самти сайёҳӣ фаъолият менамояд.

Дар сатҳи ҷумҳурӣ сол то сол ба рушди соҳаи сайёҳӣ диққати махсус дода шуда, дар ин замина «Барномаи рушди туризм дар ҶумҳурииТоҷикистон барои солҳои 2015-2017» қабул карда шудааст, ки дар доираи он то соли 2017 дар ноҳияи Бохтар ба анҷом расонидани корҳои назаррас барои фароҳам овардани шароити рушди туризм пешбинӣ шудааст. Илова бар ин, барои боз ҳам беҳтар гардонидани хизматрасонии соҳа, қабули бештари меҳмонон ва заминаи мусоид фароҳам овардан барои рақобати солим дар ин самт то соли 2020 сохтмони тарабхонаву меҳмонхонаҳои нави замонавӣ ба нақша гирифта шудааст.

Мушкилии асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, норасогии воситаҳои молиявӣ мебошад. Бинобар маҳдуд будани имкониятҳои буҷети маҳаллӣ ва нокифоягии воситаҳои молиявӣ, аксар чорабиниҳое, ки дар барнома пешбинӣ гардидааст, сари вақт маблағгузорӣ ва татбиқ карда намешаванд.

Дар ноҳия бо истифодаи имкониятҳои ҷуғрофии мавзеи соҳили дарёи Вахш ташкил намудани минтақаи туристӣ бо сохтмони тарабхона, меҳмонхона, ҳавзҳои шиноварӣ, марказҳои фарҳангию фароғатӣ мувофиқи мақсад мебошад. Мутаассифона, айни ҳол дар ноҳия ташкилоту муассисаҳои муаррификунандаи туризм фаъолият намекунад. Дар ин самт бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ноҳияи Бохтар, ки аз се воҳиди корӣ ҳамагӣ 1 воҳиди кории фаъолияткунанда дорад, бояд бо шумораи иловагии штатҳои корӣ ва мутахасисон таъмин гардида бо истифода аз шабакаи ҷаҳонии интернет корро дар самти муаррифӣ, реклама, ҷалб ва ташвиқу ташкили ширкатҳои сайёҳии ватанию хориҷӣ тақвият бахшад

**Варзиш.** Бо мақсади рушди ҳамаҷонибаи соҳаи варзиш дар доираи «Барномаи маҷмӯии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» №606 аз 7 октябри соли 2011 ва «Барномаи рушди футбол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2016» №205 аз 17 марти соли 2012, дар ноҳия нақшаи чорабининиҳои рушди соҳа тартиб дода шудааст, ки дар доираи он гузаронидани як қатор чорабиниҳо, аз ҷумла ташкили дастаи яккачини футболи “Бохтар” дар лигаи якуми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст. То соли 2015 барои татбиқи амалии чорабиниҳои мазкур, 535 ҳазор сомонӣ маблағ пешбинӣ гардидааст.

Айни замон дар ноҳия варзишгоҳи марказӣ, 44 майдончаҳои баскетбол, волейбол ва футбол, 2 майдончаи бадминтон, 24 толорҳои варзишӣ дар назди мактабҳо ва 5 толори варзишӣ мавҷуд буда, ҳаводорони варзиш аз онҳо истифода менамоянд.

Дар ноҳия мактаби варзишӣ фаъолият намуда, барои пешбурди соҳа 28 нафар мураббиёни варзида, ки аз онҳо 1 нафар мурабии шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 14 нафар устодони варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 32 нафар номзад ба устоди варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, аз руи 15 намуди варзиш, футбол, волейбол, баскетбол, шашка, шоҳмот, тенниси рӯи миз, дастхобонӣ, гуштини тарзи озод ва миллӣ, дзюдо, самбо, бадминтон, бокс, варзиши сабук, тӯби дастӣ ва якҳарбаи шарқӣ ба 588 нафар шогирдон машқу тамрин медиҳанд. Дастовардҳои варзишгарони ноҳия дар намудҳои гуштини дзюдо, якҳарбаи шарқӣ ва варзиши сабук бештар мебошад.

Бештари муассисаҳои таълимии ноҳия толорҳои варзишӣ ё ин, ки майдонҳои варзишии худро надоранд. Аз ин лиҳоз, сохтмон ва муҷаҳазгардонии толорҳо ва майдончаҳои волейболу баскетбол дар ҷамоатҳо мувофиқи мақсад буда, ба солимии аҳолӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

Варзишгарони ноҳия дар мусобиқаҳои варзишии сатҳи гуногун, аз ҷумла мусобиқоти ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ фаъолона иштирок намуда, бештар дар

намудҳои дюзюдо, якҳарбаи шарқӣ ва варзиши сабук сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гаштаанд.

*Иштироки варзишгарони ноҳия дар мусобиқаҳо тӯли солҳои 2010-2014*

| №. | Солҳо | Мусобиҳаҳои ноҳиявӣ | Вилоятӣ | Ҷумҳуриявӣ | Байнал-милалӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2010 | 14 | 20 | 8 | 1 | 43 |
| 2 | 2011 | 28 | 21 | 9 | 2 | 61 |
| 3 | 2012 | 15 | 27 | 11 | 3 | 56 |
| 4 | 2013 | 26 | 26 | 14 | 3 | 69 |
| 5 | 2014 | 18 | 29 | 16 | 4 | 67 |

*Ҷоизаҳои варзишгарони ноҳия дар мусобиқаҳо тӯли солҳои 2010-2014*

| №. | Солҳо | Медали тилло | Медали нуқра | Медали биринҷӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2010 | 4 | 16 | 18 | 38 |
| 2 | 2011 | 12 | 24 | 23 | 59 |
| 3 | 2012 | 19 | 25 | 20 | 64 |
| 4 | 2013 | 22 | 14 | 21 | 57 |
| 5 | 2014 | 15 | 8 | 28 | 57 |

Қисми иншоотҳои варзишии ноҳия ба талаботи ҳозиразамон ҷавобгӯ намебошанд ва ба таъмир ниёз доранд. Дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия норасогии толорҳои варзишӣ, майдончаҳои варзишӣ, махсусан майдонҳои футболбозӣ мушоҳида мешавад, аксарияти онҳо соддаву оддӣ сохта шудаанд ва дар ҳолати ногувор қарор доранд.

Баъзе деҳаҳои ноҳия аз марказ дар масофаи дур воқеъ мебошанд ва дар ҳудуди онҳо танҳо дар мактабҳо майдонча ё толори варзишӣ мавҷуд асту халос. Бинобар дурии роҳ кӯдакону наврасон ва ҷавонони ин деҳаҳо аз иштирок дар ҳама чорабиниҳои варзишӣ маҳрум мебошанд. Дар деҳаҳои гирду атрофи ноҳия ҳамчунин норасоии лавозимоту таҷҳизотҳои варзишӣ ба назар мерасад ва иншоотҳои варзишӣ ба таъмир эҳтиёҷ доранд.

Шумораи умумии ҷавонон дар соли 2014 дар ноҳияи Бохтар 78956 нафар мебошад, ки ин 37,4 фоизи аҳолии ноҳияро ташкил медиҳад. Аз ин лиҳоз, дар 8 ҷамоатҳои ноҳияи Бохтар ташкил намудани иншооти муосири варзишӣ, марказҳои машқу тамрин, марказҳои ҷавонон ва муҷаҳҳаз гардонидани онҳо бо техникаю воситаҳои лозимии муосир, инчунин ҷалби ҷавонон ба курсҳои омӯзишии кӯтоҳмуддат мувофиқи мақсад мебошад.

## 2.3. ИНФРАСОХТОР

### *2.3.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ*

**Таҳлили ҳолати воқеии соҳа.** Дар ноҳия барои таъмини аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ ва танзими масоили марбут ба оби нӯшокӣ Корхонаи давлатии фаръии "Обтаъминкунӣ ва канализатсияи ноҳияи Бохтар", ки тобеъи КВД «Хоҷагии Манзилию Коммуналӣ»-и ҷумҳурӣ мебошад, фаъолият намуда, дар ҳудуди ҷамоати шаҳраки Исмоили Сомонӣ ва ҷамоати деҳоти Меҳнатобод хизматрасонӣ менамояд. Корхонаи мазкур соли 2011 ташкил шуда, айни ҳол дар он 26 нафар коргарон фаъолият мекунанд, ки аз онҳо 2 нафар дорои маълумоти олӣ ва 2 нафар дорои маълумоти касбӣ-техникӣ мебошанд.

Дар тавозуни корхонаи номбурда 2 адад чоҳҳои амудӣ бо 2 адад агрегати обинтиқолдиҳандаи тамғаи ЭЦВ 10-120-60 (воқеъ дар шаҳраки Исмоили Сомонӣ) ва 3 адад насосҳои обкашии тамғаи СД 320/50, 2 истгоҳи интиқоли пасобҳо ва истгоҳи тоза кардани обҳои истифодашуда мавҷуд мебошад. Ҳамзамон, корхонаи зикргардида 1 трактори Т-40, 1 экскаватори "ЮМЗ Белорус", 1 адад агрегати кафшергарӣ, 1 автомашинаи умури садамавии тамғаи "Алтай" дорад, ки истеҳсоли 1980 буда, айни ҳол фарсуда гаштаанд.

Дарозии умумии қубурҳои оби дар тавозуни корхонаи мавсуф қарор дошта 28,9 км, аз ҷумла, дарозии шоҳқубурҳо (магистралӣ) 26,4 км ва қубурҳои обрасонӣ 2,5 км буда, дарозии қубурҳои коррезӣ бошад (канализатсия) 9 км мебошад. Айни замон 26,5% қубурҳои обтаъминкунии ноҳия бо сабаби фарсудаю корношоям гардидан, ба ивазу барқарорсозӣ ниёз доранд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки 25,7 фоизи аҳолии ноҳия бо оби нӯшокӣ таъмин буда (аз рӯи реҷа 3 соат: саҳар, нисфирӯзӣ ва шабона (дар маҷмӯъ дар як рӯз 9 соат)), 11,6 фоизи хонаҳои истиқоматии шаҳраки Исмоили Сомонӣ ва 11,5 фоизи муассисаю ташкилотҳо ба хатти канализатсия пайваст мебошанду халос.

Илова бар ин, дар сатҳи ҷамоатҳои ноҳия обтаъминкунии зиёда аз 3200 нафар аҳолии деҳаҳои Қизил Шарқ, Марксизм, Виён, деҳаи Максим Горкийи ҷамоати деҳоти Сарвати Истиқлол ва 1800 нафар аҳолии деҳаҳои Будёний, Бригадаи 1 ва 2, Сулҳободи ҷамоати деҳоти Меҳнатободро "Корхонаи истифодабарии обҳои нӯшокии деҳоти ноҳияи Бохтар" ба зимма дорад.

Корхонаи номбурда 9000 нафар аҳолии маркази ноҳия-шаҳраки Исмоили Сомонӣ ва 1200 нафар аҳолии ҷамоати деҳоти Меҳнатободро бо оби нӯшокӣ таъмин менамояд. Дар ихтиёри корхона 2 обанбор мавҷуд мебошад, ки дар он дар як вақт ба миқдори 4000 $м^3$ оби нӯшокӣ нигоҳ дошта мешавад.

*Маълумот оид ба таъминоти аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ*

| Ҷамоатҳо | Аҳолӣ (нафар) | Ба оби нӯшокӣ дастрасӣ доранд | Бо фоиз, % | Ба оби нӯшокӣ дастрасӣ надоранд | Бо фоиз, % |
|---|---|---|---|---|---|
| Шаҳраки И.Сомонӣ | 8521 | 7000 | 82,1% | 1521 | 17,9% |
| Шаҳраки Бохтариён | 49645 | 2084 | 4,2% | 47561 | 95,8% |
| Шаҳраки Бустонқалъа | 43122 | 16555 | 38,4% | 26567 | 61,6% |
| Ориён | 22975 | 11122 | 48,4% | 11853 | 51,6% |
| Меҳнатобод | 34654 | 7551 | 21,7% | 27103 | 78,3% |
| Сарвати Истиқлол | 10791 | 3654 | 33,8% | 7137 | 66,2% |
| Заргар | 33730 | 8122 | 24% | 25608 | 76% |
| Навбаҳор | 18680 | 1149 | 6,1% | 17531 | 93,9% |
| Ҳамагӣ | 222118 | 57237 | 25,70% | 164881 | 74,30% |

Таҳлил нишон медиҳад, ки ҳолати ташвишовар вобаста ба таъмини аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокии безарагардонидашудаи тавассути хатти обрасонӣ пешниҳодшаванда, дар ҷамоати шаҳраки Бохтариён, ҷамоатҳои деҳоти Навбаҳор, Заргар, Меҳнатобод ва Сарвати Истиқлол ба назар мерасад. Дар ҷамоати шаҳраки Бохтариён аҳолии 5 деҳа (бо назардошти минбаъд барқарорсозии чоҳҳои амудии шӯъбаи 1 ва шӯъбаи 2-юми хоҷагии тухмипарварии Файзали Саидов), дар ҷамоати деҳоти Навбаҳор аҳолии 8 деҳа (деҳаҳои Чорсу, Гулистон, Гули Сурх ва ғайра), дар ҷамоати деҳоти Заргар аҳолии 4 деҳа (деҳаҳои 17-ум Партсъед, Комсомол, Тоштеппа, Орҷеникидзе), дар ҷамоати деҳоти Меҳнатобод аҳолии 7 деҳа (Ворошилов, Лоҳутӣ, Сулҳобод, Ҷомӣ, Хурсандӣ 1, Хурсандӣ 2, Қизил Байрақ), дар ҷамоати деҳоти Сарвати Истиқлол аҳолии 5 деҳа (деҳаи Бофанда, қисман деҳаҳои Марксизм, Ленин, Янги Юл, Роҳи Ленин, Қизил Шарқ), дар ҷамоати шаҳраки Бустонқалъа аҳолии 6 деҳа (деҳаҳои Аэропорт, Гулистон, Ҳаёти Нав, Сабзавот (қисман), Бустонқалъа (қисман), Боғутокпарварӣ), дар ҷамоати деҳоти Ориён аҳолии 4 деҳа (деҳаҳои Қаҳрамон, М.Гиёев, Ҳаёти нав, Будёний) ва дар маркази ноҳия 52 фоизи аҳолии 2 кӯча (кӯчаҳои Айнӣ ва А.Асроров) бо оби нӯшокӣ таъмин нестанд ва аҳолии онҳо обро бо воситаҳои гуногун аз масофаи аз 400 то 1500 метр меоранд.

Аз ин лиҳоз, дар панҷ соли минбаъда дар доираи барномаи рушди ноҳия татбиқи лоиҳаҳои таъминоти аҳолии деҳаҳою ҷамоатҳо ва кӯчаҳои зикршуда бо оби тозаи нӯшокӣ пешбинӣ мегардад, зеро ин яке аз афзалиятҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад.

Тибқи «Барномаи беҳтар намудани таъминоти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2007-2020», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон №514 аз 2 декабри соли 2006 тасдиқ шудааст, аз ҷониби корхонаи мазкур ба маблағи 310 ҳазор сомонӣ корҳои барқарорсозӣ, таҷдид ва сохтмони иншоотҳои таъминоти об, кашидани хатҳои оби нӯшокӣ амалӣ гардидаанд. Инчунин, аз ҷониби ташкилоти USAID корҳо оид ба таҷдиду барқарорсозии 4,8 км хатҳои таъминоти оби нӯшокӣ дар маркази ноҳия ба маблағи 165 ҳазор доллари ИМА ба анҷом расонида шуд.

### *2.3.2. Хоҷагии манзилию коммуналӣ*

**Хадамоти рифоҳӣ.** Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и ноҳияи Бохтар бо баровардани партовҳои сахти маишӣ (ПСМ) машғул аст. Корхона танҳо дар маркази ноҳия фаъолият мекунад ва ҳамагӣ ба 838 муштарӣ, аз ҷумла ба 38 ташкилоту корхона ва 896 хоҷагиҳои аҳолӣ (7957 нафар) хизмат мерасонад. Дар маркази ноҳия ва ё ҳудуде, ки бо хизматрасонии ХМК фаро гирифта шудааст зиёда аз 7957 нафар аҳолӣ истиқомат менамояд.

Дар ноҳия ҳаҷми зиёди партовҳоро партовҳои сахти маишӣ ташкил менамоянд. Дар соли 2014 ҳаҷми партовҳои сахти маишии (ПСМ) баровардашуда, аз ҳисоби аҳолӣ 832 м$^3$, аз ҳисоби муассисаҳои буҷавӣ ва ташкилотҳои дигар 439 м$^3$-ро ташкил медиҳад, ки ба як нафар аҳолии маркази ноҳия тахминан 0,14 м$^3$ рост меояд. Дар маҷмӯъ аз маркази ноҳия дар як шабонарӯз 7,11 м$^3$ партовҳо кашонида мешаванд. Меъёри ҷамъшавии партовҳо ба сари ҳар оила бошад 0,4 м$^3$-ро ташкил медиҳад. Мутобиқи меъёрҳои муайяншуда, ҳаҷми ПСМ-и баровардашуда дар ноҳия ба ҳисоби миёна ҳар сол 1271 м$^3$-ро ташкил медиҳад. Дар соли 2014 сатҳи ҷамъоварии ҳаққи хизматрасонӣ барои ПСМ ҳамагӣ 92%-ро ташкил дод.




Барои ҷамъоварӣ ва баровардани ПСМ дар корхонаи мазкур 4 автомобили боркаш (КАМАЗ, ГАЗ 53, 2 адад мошини ГАЗ 52) ва 1 трактори Т-28 мавриди истифода қарор дорад, ки айни замон ниҳоят кӯҳнаву фарсуда мебошанд. Аз сабаби норасоии техника ва таҷҳизоти ҳозиразамон корхона дар баровардани партовҳо бо мушкилот рӯ ба рӯ мегардад, зеро партовгоҳи маркази ноҳияи Бохтар дар ҳудуди 2 га дар масофаи 23 км дуртар аз маркази ноҳия дар қисмати поёнии деҳаи Виён воқеъ гардидааст.

Дар муассисаи КВД-и «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и ноҳияи Бохтар ягон қуттии партовҷамъкунӣ мавҷуд нест.

КДФ "Хоҷагии Манзилию Коммуналӣ"-и ноҳияи Бохтар инчунин ба кабудзоркунӣ, чароғонкунӣ, тозагии санитарии кӯчаҳои марказӣ ва ороиши маркази ноҳия машғул мебошад.

Корхона ба техникаи ҳозиразамон, аз ҷумла ба техникаи борбардор (мехлопата), мошинаҳои партовбарорӣ, ассенизатсионӣ ва таҷҳизоти кафшергарӣ эҳтиёҷ дорад.

Дар ҷамоатҳо раванди ҷамъ карда баровардан ва безарар намудани партовҳои сахти маишӣ ба роҳ монда нашудааст. Муассисаи коммуналии ноҳия, ки бевосита ба ин

корҳо мутасаддӣ мебошад, айни ҳол иқтидори дар сатҳи ҷамоатҳо ҳал намудани ин мушкилиро надорад. Дар доираи Барномаи рушди ноҳия барои ҳалли масъалаи зикргардида, ҷудо намудани қитъаҳои замин барои партовгоҳ ва ташкил намудани корхонаи коркарди партовҳои сахти маишӣ пешбинӣ мегардад.

Дар доираи Барномаи рушди ноҳия ва дар асоси нақшаи генералии маркази ноҳияи Бохтар барои ҳалли масъалаи дар боло номбаршуда сохтмони 6 км хатти ташноб бо пайвастшавии 17 иншоот ва бунёди хатти таъминоти оби нӯшокӣ ба масофаи 6,5 км бо пайвастшавии 22 иншоот пешбинӣ шудааст. Инчунин, барои беҳтар намудани сифати хизатрасонии рифоҳӣ дар давраи солҳои 2016-2020 дар маркази ҷамоатҳо ташкил намудани муассисаи коммуналӣ пешбинӣ гардидааст.

*Мушкилоти асосии соҳа:* талафоти зиёд аз офатҳои табиии марбут ба об дар мавсими боришот, иқтидори пасти техникӣ ва эҳтиёҷ доштани КВД "Хоҷагии манзилию комуналӣ"-и ноҳия ба техникаҳои партовкашонӣ, обпошдиҳанда, экскватор, асенизатор ва техникаи боркунанда, мавҷуд набудани хатти оби нӯшокӣ дар аксарияти деҳаҳои ноҳия, дар тавозуни ҷамоатҳо қарор надоштани хатҳои обгузар ва масъалаҳои вобаста ба таъмиру барқарорсозии онҳо, минтақаи муҳофизати санитарӣ надоштани манбаъҳои об ва хатҳои оби нӯшокии мавҷуда, ба меъёрҳои сохтмонӣ ҷавобгӯ набудани хатҳои оби нӯшокӣ, мавҷуд набудани ҳавзи бо маҳлули хлор тоза ва коркард намудани оби нӯшокӣ ва ғайра.

### *2.3.3. Барқтаъминкунӣ*

Дар ноҳия ба таъминоти барқ муассисаи «Шабакаҳои барқии ноҳияи Бохтар» машғул буда, он тобеъи ҶСК «Шабакаҳои барқии ҷануб»-и минтақаи Қурғонтеппаи вилояти Хатлон мебошад ва аз соли 1981 инҷониб фаъолият дорад. Айни замон, теъдоди кормандони он 134 нафар буда, аз ин шумора 22 нафарашон кормандони муҳандисӣ-техникӣ мебошанд. Шабакаи барқии мазкур ба 35 корхонаи саноатӣ, 578 адад корхонаҳои ғайрисаноатӣ, 20 муассисаю ташкилотҳои буҷавӣ, 90 ташкилоти буҷети маҳаллӣ ва 4 адад корхонаҳои обтаъминкунии ноҳия, инчунин ба 101 адад хоҷагиҳои деҳқонӣ ва 21631 муштариёни (хоҷагиҳои оилавӣ) ноҳияи Бохтар ва ҳоҷагии С.Ҷураеви ҷ/д Тоҷикободи ноҳияи Вахш хизмат мерасонад.

Дар тавозуни корхонаи зикршуда 14 зеристгоҳи барқӣ: ЗИБ «Байрақ» 35/10 кВ, ЗИБ «Прядилная» 220/110/10 кВ, ЗИБ «Заргар» 35/10 кВ, ЗИБ «Навобод» 110/10 кВ, РП-6 кВ «Давлат» 110/6 кВ, чашмаки «2Т-4 НОБ-и №4», ЗИБ «Горкий» 35/10 кВ, ЗИБ «Макашур» 35/10 кВ, ЗИБ «Водозабор» 35/6 кВ, ЗИБ «Ломоносов» 110/35/10 кВ, ЗИБ «Қурғонтеппа» 110/35/6 кВ, ЗИБ «Будёний» 35/10 кВ, ЗИБ «Очистной сооружение» 35/10 кВ, ЗИБ Киров» 35/10 кВ ва 54 чашмак, қарор дорад.

Манбаи асосии барқтаъминкунандаи ноҳия 3 нерӯгоҳи обии барқӣ (НОБ), (аз ҷумла НОБ-ҳои «Бохтар», «Марказӣ» ва «Шаршар») мебошад. Шумораи умумии трансформаторҳои қуввагии гуногунтамғаи ноҳия 661 адад буда (аз ин шумора 401 трансформатор дар тавозуни "Шабакаҳои барқи ноҳияи Бохтар" ва 260 трансформатор дар тавозуни истифодабарандагон қарор дорад), тавоноии умумии онҳо ба 179410 кВА баробар мебошад.

Дарозии умумии хатҳои барқии шиддатнокиашон 6-10кВ – 551,7 км, дарозии хатҳои барқии шиддатнокиашон 0,4 кВт – 1316 км буда, тавассути он 100%-и аҳолии ноҳияи Бохтар бо нерӯи барқ таъмин мегардад.

Аз ҷониби муштариён дар соли 2014 ба миқдори 183,86 ҳазор кВт/соат барқ истифода шудааст. Талафоти технологӣ ба 18% баробар гардидааст.

Ҳамзамон, дар давраи мазкур ба миқдори 1033,3 ҳазор кВт. соат қувваи барқ фурӯхта шудааст, ки нисбати соли гузашта ба маблағи 260,7 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад, аз ҷумла, ба аҳолӣ ба миқдори 536,4 ҳазор кВт/соат қувваи барқ фурӯхта шудааст, ки он нисбати соли гузашта 103% зиёд мебошад.

Ҳаҷми умумии фурӯши нерӯи барқ дар соли 2014 ҳамагӣ 26,6 млн. сомониро ташкил дод, ки дар қиёс ба соли 2012 ба андозаи 5,5 млн. сомонӣ зиёд мебошад, ки ба

афзоиши тарифҳо, афзоиши аҳолӣ ва талаботи он, афзоиши ҳаҷми фуруши барқ алоқаманд мебошад.

*Миқдори фурӯши қувваи барқ дар ноҳияи Бохтар дар давоми солҳои 2013–2014*

| № | Нишондодҳо | Воҳиди ченак | 2012 | 2013 | 2014 | Соли 2014 дар қиёс бо соли 2012 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Маблағи умумии аз фурӯши қувваи барқ ба дастомада | сомонӣ | 7512791 | 9996240 | 12327100 | 164,1 |
| 2 | Ҳаҷми умумии истифодаи қувваи барқ | кВт/с | 135757814 | 156164871 | 183863175 | 135 |
| 3 | Аз ҷумла, маблаги барқи ба аҳолӣ фурухташуда | сомонӣ | 4290647 | 6183601 | 8236015 | 191 |
| | Ҳаҷми умумӣ | кВт/с | 3900588 | 5621455 | 6536519 | 167 |
| 4 | ба ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | сомонӣ | 777910 | 3812639 | 4091085 | 525 |
| | Ҳаҷми умумӣ | кВт/с | 6203429 | 3040381 | 2881045 | 46 |
| 5 | Нарҳи 1 кВт/с (ба ҳисоби миёна) | | 13,77 | 12,76 | 13,24 | |
| | - ба аҳолӣ | Дирам | 11 | 11 | 12,6 | |
| | - ба ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | Дирам | 12,54 | 12,54 | 14,2 | |
| 6 | қарзи умумии муштариён дар назди корхона, аз ҷумла, аз ҳисоби: | сомонӣ | 13008457 | 16670624 | 19929015 | 153 |
| | - аҳолӣ | сомонӣ | 1359340 | 1722705 | 2938669 | 216 |
| | - ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | Ҳазор сомонӣ | 11649117 | 14947919 | 16990346 | 145 |
| 7 | - талафоти умумӣ | % | 18,5 | 17,6 | 18 | |

Яке аз мушкилиҳое, ки дар ин самт ба назар мерасад, кӯҳнаю фарсуда гардидани хатҳои барқии ҳавоӣ ва симчӯбҳои хатҳои интиқоли барқии шиддатнокиашон 0,4-6-10 кВ ба шумор меравад. Сохтмони он ба солҳои 60-уми асри гузашта рост омадааст ва дар ин муддат ягон маротиба корҳои азнавсозӣ ва барқароркунӣ гузаронида нашудааст, ки ин мушкилоти иловагиро дар фасли зимистон пеш меоварад.

Мушкилоти мазкурро хусусан дар маҳаллаҳои нав бунёдшудаистода ва маркази ноҳия мушоҳида намудан мумкин аст. Бо назардошти ҳалли мушкилии мазкур, масъалаи иваз намудани пояҳои чӯбин ба пояҳои оҳану бетонӣ ва инчунин бо назардошти аз меъёр зиёд дар ҳолати серборӣ қарор доштани трансформаторҳои 10-6-0,4 кВ иваз намудани онҳо ба трансформаторҳои тавоноияшон зиёдтар ба миён омадааст. Барои беҳтар намудани вазъи барқтаъминкунӣ ва инчунин кам намудани талафоти технологии шабакаҳои барқӣ, зарурияти иваз намудани ХИБ-10-6 кВ бо дарозии 22 км (бо назардошти ивази 529 адад пояҳои чубини фарсуда), ХИБ-0,4 кВ бо дарозии 42 км (бо 1257 адад пояҳои чӯбини фарсуда), зарурияти ивази 31 трансформаторҳои 0,4-6-10 кВ (31 адад трансформатор ) ба миён омадааст.

Яке аз мушкилиҳои марказие, ки айни замон мутахассисони соҳаро ба ташвиш овардааст, сол то сол зиёд гардидани ҳаҷми қарзи истифодабарандагон мебошад. Ҳаҷми зиёди қарз ба аҳолӣ рост меояд ва танҳо дар соли 2014 маблағи он тақрибан 12 млн. сомониро ташкил дода, дар қиёс ба соли 2012 ба андозаи 6706 ҳазор сомонӣ зиёд гардидааст. Сабабҳои асосии қарздории аҳолӣ, сол то сол баланд гардидани арзиши нерӯи барқ, паст будани сатҳи музди меҳнат ва қобилияти пасти пардохтпазирии аҳолӣ мебошад. Мушкилии дигари соҳа, ин зиёд будани ҳаҷми талафоти нерӯи барқ мебошад. Ба ин нишондод, аз як тараф, кӯҳнаю фарсуда шудани ноқилҳои барқӣ ва аз тарафи дигар, норасогӣ ва аз кор баромадани ҳисобкунакҳои барқии мавҷуда таъсири манфӣ расонидааст.

Бо сабаби қатъ гардидани интиқоли гази табиӣ ба ноҳия, аҳолӣ бештар аз қувваи барқ истифода мебаранд, ки ин ҳолат боиси пеш аз мӯҳлат аз кор баромадани трансформаторҳо, хатҳои барқӣ ва шабакаҳои тақсимоти барқ оварда мерасонад. Ин ҳолатро махсусан дар фасли сармо мушоҳида намудан мумкин аст. Аҳолии деҳаҳо низ аз истифодаи гази табиии маҳрум буда, манбаи асосии истифодабарии гармӣ барои онҳо

қувваи барқ, ҳезум, ангишт ва ғайра ба шумор меравад. Илова бар ин, дар хонаҳои баландошёнаи ноҳия аз сабаби кор накардани шабакаи гармидиҳӣ, таҷҳизотҳои гуногуни гармидиҳии барқиро истифода менамоянд ва ин ҳолат низ зарурати иваз намудани трансформаторҳои мавҷударо (ба трансформаторҳои иқтидораш зиёд) ба миён овардааст.

Барои таъминоти барқи маҳалаҳои навбунёди Навобод ва Навбаҳор, сохтмони 12,4 км ХИБ-10-6 кВ, 31,1 км ХИБ-0,4 кВ ва насби 11 адад зеристгоҳи трансформаторӣ ЗТ-10-6/0,4 кВ лозим мебошад.

***Мушкилоти мавҷудаи соҳа:*** кӯҳнаю фарсуда гардидани хатҳои интиқоли барқ, иқтидори нокифояи трансформаторҳои мавҷуда ва зеристгоҳҳои барқӣ, мунтазам аз кор баромадани трансформаторҳо, корношоям гаштани симчӯбҳо ва пояҳои ХИБ.

Дар доираи татбиқи Барномаи рушди ноҳияи Бохтар дар давоми солҳои 2016-2020 барои ҳалли масъалаҳои ҳалталаби зикргардидаи соҳаи барқтаъминкунӣ ва ҷиҳати беҳтар намудани таъминоти аҳолӣ бо қувваи барқ, иҷрои корҳо оиди аз нав барқарор намудани хатҳои барқии ҳавоӣ ва кабелӣ, бо трансформаторҳои иловагӣ таъмин намудани деҳаҳое, ки шумораи аҳолиашон зиёд шуда истодааст ва аз нав барқарор намудани симчӯбҳои ХИБ, иваз намудани трансформаторҳои тавоноиашон хурд бо трансформаторҳои тавоноиашон зиёд пешбинӣ мегардад.

### *2.3.4. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ*

Робитаи нақлиётии ноҳия бо маркази ҷумҳурӣ, вилоят ва ноҳияҳои ҳамсоя тавассути роҳи автомобилгарди Бохтар-Қурғонтеппа-Душанбе сурат мегирад. Ба воситаи ин роҳ маҳсулоти кишоварзӣ аз нуқтаҳои истеҳсол ва коркард ба маркази вилоят бароварда мешавад. Шабакаи роҳҳои маҳаллӣ дар хизматрасонии нақлиётии ноҳия нақши муҳимро мебозад ва талаботро дар кашонидани маҳсулот байни ҳоҷагиҳо ва мусофиркашонӣ таъмин менамояд.

*Нишондиҳандаҳои асосии соҳаи нақлиёт ва роҳ дар ноҳияи Бохтар*

| № | Нишондодҳо | Воҳиди ченак | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Гардиши савдои чакана | Ҳазор сомонӣ | 2509,7 | 4013,5 | 1642,3 |
| 2 | Ҳаҷми хизматрасонии пулӣ ба аҳолӣ | Ҳазор сомонӣ | 3045,8 | 4611,5 | 1113,6 |
| 3 | Ҳаҷми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ | Ҳазор сомонӣ | 588,8 | 2548,8 | 715,7 |
| 4 | Ҳаҷми боркашонии нақлиётӣ | Ҳазор тонна /км | 18,7 | 22,4 | 27,8 |
| 5 | Ҳаҷми мусофиркашонии нақлиётӣ | Ҳаз.мусофир/км | 395,0 | 413,0 | 413,4 |
| 6 | Таъминоти хонаводаҳо бо нақлиёти сабукрав | Ба 1000 нафар/адад | 80 | 150 | 200 |

Дар ноҳияи Бохтар «Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард» ба нигоҳубин ва истифодабарии роҳҳои ноҳия машғул буда, тобеи Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар ин муассиса 35 нафар кор ва фаъолият менамоянд ва аз ин шумора 7 нафарашон зан мебошанд.

Дар тавозуни муассисаи мазкур 232 км роҳи автомобилгарди истифодаи умум қарор дорад, ки аз ин 27,3 км роҳи аҳамияти байналмилалидошта, 26,3 км роҳи аҳамияти ҷумҳуриявидошта ва 178,4 км роҳҳои дорои аҳамияти маҳаллидошта мебошад. Роҳҳои маҳаллӣ 64% дар ҳолати ғайриқаноъатбахш қарор дошта, солҳои тӯлонӣ дар онҳо таъмири асосӣ гузаронида нашудааст.

Роҳҳои автомобигарди ноҳия бо фарши асфалт 134 км, бо фарши шағалпӯш 98 км буда, роҳҳои боқимондаи ҳудуди ноҳия ягон намуд рӯйпӯш надоранд. Роҳҳои мошингарди маҳаллии ноҳия, ки маркази ноҳияро бо ҷамоатҳои деҳот ва дигар деҳаҳо пайваст мекунанд, 80% ба таъмир ва азнавсозӣ эҳтиёҷ доранд.

Дар ҳудуди ноҳия инчунин 104 купрук, ки дарозии умумиашон 3894 метрро ташкил медиҳад, вуҷуд дорад. Соли 2014 барқарорсозии купрук дар роҳи автомобилгарди Душанбе-Қурғонтеппа дар мавзеи Заргар ба маблағи 3940 сомонӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ба анҷом расонида шуд.

Муассисаи мазкур 8 адад техникаи роҳсозӣ, таҷҳизотҳо ва автомашинаи хизматиро дар ихтиёр дорад (автомашинаҳои тамғаи «НИВА 2114», ГАЗ53, СБ2011, ЗИЛ 130, автогрейдер, боркунаки фронталӣ, автобуси тамғаи «МЕРСЕДЕС», автомошинаи мумфаршкунандаи тамғаи «СЕГМЕР»), ки аз инҳо 4 адад коршоям буда, 4 техникаи боқимонда фарсудаю таъмирталаб гаштаанд ва барои таъмири онҳо 385 ҳазор сомонӣ маблағ лозим аст. Барои беҳтар намудани базаи моддию техникии МДНРА-и ноҳия ва дар ин замина беҳтар намудани фаъолияти он, бо ҷалби сарчашмаҳои имконпазири маблағгузорӣ, дастрас намудани 1 адад автосамосвали қумпошдиҳандаи МАЗ, таҷҳизоти дизелии кафшергарӣ, 1 адад трактори МТЗ 80, 2 адад автомошинаи боркаши КАМАЗ, 1 адад мошини битумкашӣ, 1 адад автогрейдер, 1 адад экскаватори ХУНДАЙ, 1 адад боркунаки фронталӣ (LW-321) ва 1 автомашинаи мумфаршкунанда зарур мебошад.

Соли 2014 ба "Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард"-и ноҳияи Бохтар барои таъмиру нигоҳдории роҳҳо аз буҷети маҳаллӣ 248 ҳазор сомонӣ ва аз буҷети ҷумҳуриявӣ 619 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо гардидааст, ки он пурра азхуд карда шудааст, аммо он барои иҷрои пурраи корҳои таҷдиду азнавсозии роҳу купрукҳо кифоя нест. Зеро тибқи меъёри мавҷуда, барои нигоҳубини як километр роҳҳои маҳаллӣ 84 ҳазор сомонӣ муайян шудааст. Ҳолати техникии роҳҳои мавҷудаи ноҳия ба меъёрҳои роҳсозӣ ва ба талаботи стандартӣ ҷавобгӯ нест ва дар давоми 20 соли охир, ба истиснои 2,3 км роҳи автомобилгарди ҷамоати шаҳраки Бустонқалъа, ягон маротиба таъмири асосӣ нашудаанд (махсусан роҳҳои маҳаллӣ).

Дар доираи Барномаи рушди ноҳия таъмир ва барқарорсозии роҳҳои аҳамияти ҷумҳуриявию маҳаллидошта ва харидорию навсозии техникаи нигоҳубини роҳҳо пешбинӣ мегардад, зеро барои нигоҳдорӣ ва таъмири роҳҳои мошингарди ноҳия дар солҳои 2016-2020 тақрибан 41 млн. сомонӣ маблағ зарур мебошад.

Мусофиркашонӣ ва боркашонии ноҳия тавассути нақлиёти шахсии соҳибкорон амалӣ карда мешавад. Дар ин соҳа 362 адад нақлиёт, аз ҷумла 36 адад мошини боркаш, 2 автобус ва беш аз 324 нақлиёти сабукрав ба мусофирон хизмат мерасонанд. Инчунин, дар соҳаи мазкур, зиёда аз 25 нафар соҳибкорони инфиродӣ фаъолият доранд, ки аз ин 6 нафар ба боркашонӣ, 2 нафар тариқи автобусҳо ва 17 нафар бо нақлиёти сабукрав ба мусофирон хизмат расонида, талаботи аҳолии ноҳияро ба қадри ҳол қонеъ мегардонанд.

*Мушкилиҳои асосии соҳаи нақлиёт ва роҳ:* дар ҳолати ногувор қарор доштани роҳҳои маҳаллӣ ва пулҳо, норасогии техникаҳои ҳозиразамон барои иҷрои корҳои таҷдид ва азнавсозии роҳҳо, норасогии воситаҳои молиявӣ барои гузаронидани таъмири асосӣ ва ҷории роҳҳо, махсусан роҳҳои маҳаллӣ, таъмирталаб будани техникаи мавҷуда, аз офати табиӣ хароб гаштани қисми кӯпрукҳо ва таъмирталаб будани онҳо, фарсуда гаштани фарши қисми асосии аксарияти роҳҳои ноҳия, таъмирталаб будани роҳҳои дохилихоҷагӣ, корношоям шудани воситаҳои техникӣ ва мавҷуд набудани техникаи ҳозирзамон дар МДНРА-и ноҳия.

### *2.3.5. Алоқа ва фазои иттилоотӣ*

Барои беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии алоқа дар ноҳия филиали ҶСК "Тоҷиктелеком" фаъолият менамояд, ки дар заминаи он 1 адад дастгоҳи рақамии дорои 1000 рақамаи гуфтугӯи байниноҳиявӣ васл карда шудааст (дарозии каналҳои телефонии байниноҳиявӣ 45 км ва шумораи дастгоҳҳои телефонҳои асосӣ 420 адад). Дар он 4 корманди техникӣ ва 1 мутахассис фаъолият мекунанд. Тибқи маълумоти оморӣ дар соли 2013 таъминоти аҳолӣ бо дастгоҳҳои телефонӣ (ба ҳазор нафар) 4,2 ададро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2012 - 60 адад ё худ 116% зиёд мебошад. Бо вуҷуди ин ва бархурдор будан аз бинои маъмурию таҷҳизоти ҳозиразамон рақобатпазирии корхона дар сатҳи паст қарор дошта, аҳолӣ фаъолона ба истифодаи алоқаи мобилии ширкатҳои хусусии «ТСелл», «Мегафон», «Билайн» ва «Вавилон» гузашта истодааст.

Дар ноҳия 46 истгоҳи пахши мавҷҳои телевизионӣ мавҷуд буда, ба аҳолӣ имконият медиҳад, ки барномаҳои телевизионии «Сафина», «Баҳористон», «Ҷаҳоннамо» ва «Шабакаи якум»-ро тамошо кунанд. Фарогирии барномаҳои телевизионӣ дар ноҳия «Сафина»-90,4%, «Баҳористон»-76,2%, «Ҷаҳоннамо»-89,6 % ва «Шабакаи якум»-92 %-ро ташкил медиҳад.

Моҳе ду маротиба дар ноҳия рӯзномаи «Бохтар» бо забони тоҷикӣ бо теъдоди 1000 нусха нашр мешавад, ки аҳолиро аз муҳимтарин ахбори иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии ноҳия огоҳ месозад. Мутаассифона, аз сабаби набудани бинои матбаа ва таҷҳизоти чопӣ, рӯзномаи «Бохтар» дар ноҳияи Қурғонтеппа интишор мегардад, ки ин арзиши аслии рӯзномаро ба аҳолии деҳот гаронтар мекунад. Мушкилоти дигар барои матбааи ноҳия надоштани технологияи муосир ва асбобҳои сабти садо ва симо мебошад.

Аҳолии ноҳия ба алоқаи интернет дастрасии маҳдуд дорад. Дар ноҳия дастрасӣ ба интернет асосан тавассути хизматрасонии ҶСК "Тоҷиктелеком" сурат мегирад. Айни ҳол 30 идораву муассиса ба интернет пайваст карда шудаанд.

*Мушкилоти соҳа:* дастрас набудани алоқаи интернет барои сокинони деҳаҳои дурдаст, ба талаботи муосир ҷавобгуй набудани таҷҳизоти хизматрасонии соҳаи алоқа ва ғайра.

## 2.4. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА

### *2.4.1. Ҳифзи муҳити зист*

Дар ноҳия оиди масъалаҳои ҳифзи муҳити зист "Шӯъбаи ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Бохтар" фаъолият менамояд, ки дар он 7 нафар корманд (сардор, 3 нозири давлатӣ ва нозири тибқи шартнома фаъолиятдошта) кору фаъолият менамоянд. Вазифаи асосии шӯъбаи мазкур, ҳифзу назорати истифодаи дурусти захираҳои табиӣ (об, замин, ҳаво, партовҳо, шикор, моҳидорӣ ва дигар захираҳо) мебошад.

Масъалаҳои ҳалталаби соҳа, ки аз онҳо сатҳи некуаҳволӣ (камбизоатӣ)-и аҳолӣ вобаста аст, хеле зиёданд, аз ҷумла: ифлосшавии ҳавои атмосферии ноҳия, шӯршавӣ ва бад шудани ҳолати мелиоративии 208 гектар заминҳо дар ҳудуди ҷамоатҳои Сарвати Истиқлол, Заргар ва шаҳраки Бохтариён, дастрасӣ надоштани қисми зиёди аҳолӣ ба манбаъҳои оби нӯшокии тоза ва мавҷуд набудани шабакаи муосири обу ташноб, ифлосшавии муҳити зист бо партовҳои хатарнок ва сахти маишӣ, камшавии 5 гектар майдони дарахтзорҳо ва ҷангалзорҳо дар ҷамоати шаҳраки Бустонқалъа, бад шудани ҳолати чарогоҳҳои ҳудуди хоҷагии деҳқонии Species Бобоҷон Ғафуров, зиёд шудани теъдоди ҳодисаҳои буридани дарахтон, сатҳи пасти маърифатнокии экологии аҳолӣ, азхудкунии ғайрисамараноки сарватҳои табиӣ, аз ҷумла хок, қуму санг, шағал ва ғайраҳо.

Манбаъҳои ифлосшавии ҳавои атмосферии ноҳия аз рӯи ҳаҷми партовҳои моддаҳои зарарнок, асосан нақлиёти автомобилӣ, истифодаи сӯзишвории сахт аз тарафи аҳолӣ ва дар иншоотҳои саноатӣ ба ҳисоб мераванд.

Қисми асосии партови моддаҳои зарарноки ҳавои атмосферии ноҳия аз ҳисоби 2946 адад нақлиёти автомобилӣ ихроҷ мегардад. Ҳиссаи сӯзонидани сӯзишворӣ аз ҷониби аҳолӣ, дар ҳаҷми умумии партовҳо ҷои дуюмро ишғол менамояд. Солҳои охир истифодаи умумии ангишт ва ҳезум барои гармкунии ҳуҷраҳо ва омода намудани хӯрок афзоиш ёфт (тақрибан дар давоми сол 34512 тн ангишт барои гармкунӣ истифода мешавад). Аз ин рӯ, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии партовҳои ба атмосфера ихроҷшаванда тамоюл ба афзоиш дорад. Манбаи сеюми ифлосшавии ҳавои атмосферӣ, партовҳои иншоотҳои саноатӣ мебошанд. Дар ноҳия 6 адад корхонаи коркарди пахта (ҶДММ "Коттон Ансор", ҶДММ "Коттон Сухроб", ҶДММ "Заргари Тоҷиддин", ҶДММ "Бахтиёр", ҶДММ "Континентал" ва ҶДММ "Коттон Инвест") бо иқтидори умумии коркарди 15 ҳазор тонна пахта, 1 нерӯгоҳи хурди истеҳсоли нерӯи барқ (НОБ №6), 2 корхонаи хурди дӯзандагӣ, 6 адад осиёби барқӣ, 5 корхонаи истеҳсоли масолеҳи инертии сохтмон (ҶДММ "Сомонҷон", "Ҳоҷӣ Алӣ", "Санги Вахш", "Ганҷи Вахш" ва "Коттон Ансор") фаъолият мекунанд ва ба ҳолати экологии ноҳия таъсири антропогении воқеъӣ мерасонанд.

*Партовҳои моддаҳои зараровар ба фазо аз корхонаҳои саноатии ноҳия*

| Номгӯйи моддаҳои зараровар | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ, тн/дар як сол | 294,6 | 414,6 | 415,3 |
| Аз онҳо партовҳои сахт | 262,7 | 375,5 | 376 |
| Газмонанд ва моеъ: | 31,9 | 39,1 | 39,3 |

Яке аз мушкилиҳое, ки дар ин самт ба назар мерасад, надоштани ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳадди имконпазири партовҳо, хулосаи экспертизаи давлатии экологӣ ва иҷозатномаи меъёрӣ мебошад. Дар ноҳияи Бохтар ба истисноӣ корхонаҳои саноатии пахтатозакунии ҶДММ «Коттон Ансор», ҶДММ «Бахтиёр» ва ҶДММ «Континентал», дигар корхонаҳои саноатӣ ҳуҷҷатҳои номбаршударо надоранд ва ин барои пешбурди дурусти сиёсати соҳаи ҳифзи муҳити зист дар сатҳи маҳал таъсири манфӣ мерасонад.

Ноҳияи Бохтар яке аз ноҳияҳои агросаноатии кишвар буда, кишоварзӣ асоси иқтисодиёти онро ташкил медиҳад, аз ин лиҳоз, проблемаҳои экологии он дар алоқамандии зич бо фаъолияти кишоварзӣ вобаста мебошад. Зиёда аз 92,3 фоизи аҳолии қобили меҳнат дар деҳот зиндагонӣ дошта, асосан дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият менамоянд. Вобаста ба ин муаммоҳои асосии экологии ноҳия, ки аз онҳо сатҳи некуаҳволӣ (камбизоатӣ)-и аҳолӣ вобаста аст, ба самтҳои зерин дахл дорад: истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои об ва вазъи мелиоративии заминҳои обӣ.

Тақсимоти хоҷагиҳои калони кишоварзӣ ба шумораи зиёди хоҷагиҳои деҳқонӣ, боиси аз даст додани фарҳанги обёрии заминҳои кишоварзӣ гардид. Набудани таҷриба ва дониши истифодабарии замин раванди харобшавии тадриҷии заминро дар ноҳия тезонид. Ҳаҷми талафоти об ҳангоми расонидани он ба истифодабарандагони об ҳанӯз дар сатҳи баланд буда, то 13-20% мерасад, ҳаҷми оби заҳбур ва заҳкашии дубора истифодашуда ҳоло ҳам зиёд аст, ки он ба тақвияти равандҳои шӯршавӣ ва шӯршавии дубораи замин оварда мерасонад.

Дар ноҳия майдони умумии заминҳои обӣ 24399 га-ро ташкил медиҳад. Тибқи ҳисоботи кадастри ОВХ-1 майдони заминҳои ҳолати мелиоративиашон қаноатбахш 24059 га ва заминҳои ҳолати мелиоративиашон ғайриқаноатбахш ба 340 га баробар мебошад. Таи се соли охир (тӯли солҳои 2012-2014) 2257 га заминҳои кишоварзии обии ноҳия тавассути тоза ва коркарди заҳбуру заҳкашҳо аз ҳолати бади мелиоративӣ ба ҳолати қаноатбахш гузаронида шудааст.

Ҳолати ғайриқаноъатбахши мелиоративии заминҳои обӣ аз ҳисоби баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ ва шӯршавии замин дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳоти Сарвати Истиқлол, Заргар ва шаҳраки Бохтариён ба амал омадааст.

Заминҳои шӯршуда, аз он ҷумла шӯрнокиаш паст 163 га, шӯрнокиаш миёна 177 га ва зиёда аз 83 гектар замин дар ҳолати шӯрнокиаш баланд ба қайд гирифта шудааст.

Сабабҳои асосии баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ, тоза нагардидан ва таъмирталаб гаштани заҳбуру заҳкашҳои дохилихоҷагӣ ва заҳбуру заҳкашҳои байнихоҷагӣ мебошад. Дар ноҳия 159 км заҳбуру заҳкашҳои байнихоҷагӣ (аз он 44 км дар ҳолати ғайриқаноатбахш), 662 км заҳбуру заҳкашҳои дохилихоҷагӣ (аз он 606 км дар ҳолати ғайриқаноатбахш) мавҷуд мебошанд. Шумораи умумии чоҳҳои назоратӣ дар ноҳия 16 ададро ташкил дода, аз ин 10 адад дар ҳолати корношоям қарор дорад.

Яке аз мушкилотҳои ташвишовари соҳа, таъмини аҳолӣ, махсусан аҳолии ҷамоатҳои деҳот ба манбаъҳои оби аз нуқтаи назари экологӣ тоза, меҳсуб меёбад. Дар ноҳия танҳо 25,7 фоизи аҳолӣ ба манбаъҳои оби нӯшокии тоза дастрасӣ доранду халос, боқимонда 74,3 фоиз аз ин манбаи бебаҳо истифода бурда наметавонанд. Қисми зиёди аҳолии ноҳия ба сифати оби нӯшокӣ аз сарчашмаҳои обтаъминкунии обҳои рӯизаминиву зеризаминӣ ва чашмаю дарёчаҳо истифода мебаранд.

Манбаъҳои мавҷудаи оби нӯшокӣ минтақаи муҳофизати санитарӣ надоранд, ба меъёрҳои сохтмонӣ ҷавобгӯ набуда, ҳавзҳои таҳшинкунию полоиши об, инчунин ҳавзи безараргардонии об бо маҳлули хлор надоранд ва ягон сарбанди хатҳои обгузар посбонӣ карда намешаванд. Барои безарар гардонидани оби нӯшокӣ тавассути маркази

назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ (МНДСЭ) ташхиси обҳои нӯшокӣ гузаронида мешавад, вале чанд соли охир бо сабаби имкониятҳои маҳдуди буҷет ва ба таври кифоя ҷудо нагардидани маблағ барои корҳои ташхисӣ, болоравии нархи сӯзишворӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва реактивҳо ташхисҳои безараргардонии оби нӯшокӣ дар ноҳия кам гузаронида мешавад.

Солҳои охир дар ноҳия афзоиши ҳаҷми корҳои сохтмонӣ ба мушоҳида мерасад. Мушкилоти асосии экологие, ки дар ин самт ба назар мерасад ин кифоя набудани иқтидори хатти обу ташноб мебошад. Бинобар ин, ҳамеша хавфи аз партовҳо ифлос гардидани обҳои зеризаминӣ ва оби дарёи Вахш таҳдид мекунад, ки ин диққати ҷиддиро ба худ талаб менамояд. Махсусан, дар фасли тобистон, ки аз ин ҳисоб эҳтимолияти сар задани касалиҳои сироятӣ зиёд мегардад. Дар натиҷаи ин ҳамаи партовҳои маркази ноҳия ба ду заҳкаше, ки аз марказ мегузарад, партофта мешаванд. Дар навбати худ заҳкашҳои номбурда дар ҳолати бад қарор дошта, ба талаботи қоидаҳои санитарию гигиенӣ ва экологӣ ҷавобгӯй нестанд.

Яке аз масъалаҳои муҳими экологии ноҳия, сари вақт ҷамоварӣ нагаштани партовҳо мебошад. Партовгоҳи марказии ноҳия дар деҳаи Виёни ҷамоати Сарвати Истиқлол, дар масофаи 23 км дуртар аз маркази ноҳия ҷойгир шуда, атрофаш маҳкам набуда, ба талабот ҷавобгӯ нест. Бинобар боришоти зиёд, аксари каналу ҷӯйҳои обпарто хароб гашта, айни замон ба таъмиру азнавсозӣ эҳтиёҷ доранд. Дар маркази ноҳия – шаҳраки И.Сомонӣ 13 нуқтаи ба расмият даровардашудаи партовбарорӣ ташкил карда шудааст, ки пешниҳоди хизматрасонӣ аз ҷониби КДФ «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» сурат мегирад. Дар ин самт, сари вақт тоза нагардидани нуқтаҳои партовбарорӣ ба муҳити зист бетаъсир намемонад. Дар баъзе нуқтаҳои аҳолинишин партов дар даруни ҷуйбор ва сой, наздикии ҳавлиҳо ва ҷойҳои ғайримуқаррарӣ партофта мешавад. Суст будани низоми идоракунӣ ва набудани назорати доимӣ мушкилотро дар ин самт боз ҳам мушкилтар мегардонад. Ин мушкилиҳо дар сатҳи деҳот бештар ташвишовар арзёбӣ мегарданд. Мавҷуд набудани хадамоти коммуналӣ дар ҷамоатҳо (ба истиснои ҷамоати шаҳраки Исмоили Сомонӣ), боиси пайдо шудани партовгоҳҳои сершумори ғайрирасмӣ, ифлос шудани замин, соҳилҳои дарё ва афзудани хатари сар задании касалиҳои сироятӣ мегардад.

Манбаи дигар ташаккули партовҳои хавфнок, муассисаҳои тиббии ноҳия, хадамоти байтории ноҳия ва лампаҳои каммасрафи симобдори корношоямшуда мебошад. Муассисаҳои тиббӣ бояд бо печҳо барои сузонидани партовҳои хатарнок таъмин карда шаванд, барои чорвои аз касалиҳо фавтида бошад ташкили чоҳҳои Бейкер зарур аст.

Яке аз манбаъҳои партовҳои хатарнок ин лампаҳои симобдори корношоям мебошад. Дар ноҳия 2 адад нуқтаҳои қабули чунин лампаҳо фаолият менамояд ва дар ин нуқтаҳо 11972 адад лампаҳо ҷамъ карда шудаанд. Лекин, бо назардошти талаботи аҳолии ноҳия ба чунин лампаҳо, метавон гуфт, ки қисми асосии ин лампаҳо дар партовгоҳ партофта мешаванд ва ба муҳити зист паҳн шуда, онро бо симоб олуда месозад. Масъалаи ҷамъоварии минбаъдаи лампаҳои симобдори корношоямшуда танҳо дар ҳолати ҳалли фаврии бунёди корхонаҳои коркарди онҳо ба танзим дароварда мешавад.

Дар айни замон дар ноҳияи Бохтар таҷҳизоти муосири ба ҳифзи табиат мусоидаткунанда мавҷуд нест. Ҳамаи ин ба зиёд шудани касалиҳо дар миёни аҳолӣ, афзудани хароҷоти онҳо барои табобат, коҳиши сатҳи дарозумрӣ ва баланд шудани сатҳи камбизоатӣ оварда мерасонад.

Барои ҳалли ин масъалаҳо лозим аст, ки дар ҳудуди ҷамоатҳои ноҳия барои ташкил намудани партовгоҳ қитъаҳои алоҳидаи замин ҷудо карда шуда, ҷиҳати ташкил намудани муассисаҳои коммуналии хусусӣ ё давлатӣ ва дар соҳаи мазкур ба хизматрасонӣ машғул гардидани онҳо, мусоидат намудан зарур аст.

Дар ҳудуди ноҳияи Бохтар дар давоми солҳои 2016-2020 зиёд намудани шумораи дарахтони сояафкан, барқарорсозии 59 гектар боғ ва истифодаи самараноки 963,2 гектар боғу токзор, барқарорсозии 10 гектар пистазорҳои ҳудуди мавзеи

Эргашқишлоқи ҷамоати шаҳраки Бустонқалъа ва то 14 гектар зиёд намудани майдони ҷангалзор пешбинӣ шудааст.

Норасоии нерӯи барқ, бахсус дар фасли зимистон, нокифоягии шумораи зарурии нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ дар деҳот, арзиши баланди он ба афзоиши ҳолатҳои буридани дарахтону ҷангалзор барои талаботҳои рӯзмарраи зиндагии аҳолӣ (таомпазӣ ва гармкунии хона) оварда мерасонад.

Дар навбати худ, буридани дарахтону ҷангалзор боиси харобшавии захираҳои ҷангал, шиддатгирии равандҳои бодлесии заминҳо, хушкшавии чашмаҳо, камшавии захираҳои об, азхудкунии ғайрисамараноки сарватҳои табии, аз ҷумла хок, қуму санг, шағал ва ғайраҳо, шиддатгирии равандҳои биёбоншавӣ ва зиёдшавии хавфи сар задани офатҳои табиӣ мегардад.

Дар ноҳия дар минтақаҳои хатарнок 6189 нафар ё 2,8%-и аҳолӣ истиқомат менамоянд. Манбаи асосии хавфи офати табии дар ноҳияи Бохтар, сел ва обхезии дарёи Вахш мебошад. Барои пешгирии ин ҳодисаҳо гузаронидани корҳои соҳилмустахкамкунӣ ба нақша гирифта шудааст.

Ҳамасола дар мавсими обхезӣ майдони зиёди дарахтону ҷангалро ҷараёни босуръат ва баланди оби дарёи Вахш шуста мебарад, ки он боиси кам шудани майдони дарахтзор мегардад. Аз ин лиҳоз, ҷиҳати бартараф намудани ин хатарҳо ва барқарорсозии майдони ҷангал, дар мавзеъҳои хоҷагии тухмипарварии ба номи Файзали Саидови ҷамоати шаҳраки Бохтариён ва хоҷагии деҳқонии Ҷомии ҷамоати Заргар ба дарозии тақрибан 29 км бояд корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ гузаронида шаванд.

Майдони чарогоҳҳои ноҳия 66532 га буда, дар ихтиёри хоҷагиҳои деҳқонӣ бошад 39739 гектар чарогоҳ, аз он 454 гектараш обӣ, қарор дорад. Дар айни хол ҳолати ғайриқаноъатбахши 98 гектар чарогоҳҳои воқеъ дар ҷамоати Бустонқалъа, ки боиси кам шудани хуроки чорво мегардад, ба қайд гирифта шудааст.

Шумораи умумии чорво 72839 сар (соли 2014) мебошад, аз ҷумла 13598 сар чорвои калони шохдор ва 59558 сар бузу гӯсфанд ба қайд гирифта шудааст.

Аз ҳолати чарогоҳҳо сатҳи некуаҳволии сокинон сахт вобаста буда, деградатсияи он боиси кам шудани сатҳи даромадҳои аҳолӣ аз чорводорӣ ва боло рафтани сатҳи камбизоатӣ мегардад.

Тибқи меъёри муқаррааргардидаи чорвопарварӣ барои 5 сар моли майда 1 га чарогоҳ зарур мебошад, дар ноҳияи Бохтар ин нишондод дар нисбати чарогоҳҳои тобистона 3,31 гектарро ташкил медиҳад, яъне аз меъёр 2,31 гектар зиёд мебошад. Аммо нисбати чарогоҳҳои зимистона (26793 га) бошад ин нишондод ба 0,52 гектар баробар мегардад, ки аз меъёри муқараргардида 0,48 гектар кам мебошад.

Яке аз афзалиятҳои асосӣ барои рушди минбаъдаи соҳа, ин гузаронидани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ барои нигоҳдории ҳифзи муҳити зист ва солимгардонии аҳолӣ мебошад. Барои баланд бардоштани сатҳи маърифати экологии аҳолии ноҳия зарур аст, ки аз ҷониби сохторҳои дахлдор як қатор чорабиниҳо гузаронида шаванд, аз ҷумла: ташкил ва гузаронидани аксияҳо ва ҳар гуна чорабиниҳои кабудизоркунии ноҳия, ки ба барқарорсозии ҷангалзор равона карда шудааст, ташкили маҷмӯи мақолаҳои экологӣ ва чопи маводҳои дахлдор дар ВАО, ташкил намудани низоми таблиғи умумии донишҳои экологӣ ва шароит барои ташаккул ва баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ, ташкил ва пешбурди «Патрулҳои сабз», ҳаракати экологии ҷавонон дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ.

Вобаста ба мақсад ва мушкилоти дар боло зикргардида афзалиятҳои асосии зерин дар соҳаи ҳифзи муҳити зист муайян гардидаанд:

- Баланд бардоштани савияи дониши экологии аҳолӣ дар ҷамоатҳо ва аз байни онҳо, тайёр намудани нозирони экологӣ ва лидерҳо, ки дар оянда муносибати аҳолиро ба набототу ҳайвонот, об, хок ва ҳаво дигар созанд ва муҳити зистро ҳифз намоянд.
- Сари вақт гузаронидани чорабиниҳои мелиоративӣ дар заминҳои обӣ.
- Ба роҳ мондани сохтмони иншоотҳои обтаъминкунии оби нӯшокӣ дар деҳаҳо.

- Дарёфт намудани манбаъҳои нави обтаъминкунӣ ва ба роҳ мондани истифодаи самараноки об тибқи меъёрҳои тасдиқгардида.
- Ҳалли муаммои сохтмони иншооти корезии мутамарказонида барои партовҳои корезии обҳои ифлос дар маркази ноҳия.
- Ҳалли масъалаи сохтмони нуқтаҳои муваққатии ҷойгир намудани партовҳо дар маҳалҳо ва сохтмони партовгоҳҳо барои безараргардонии партовҳо дар ҷамоатҳои деҳот (дар ҳолати ҷудо намудани қитъаҳои замин дар маҳалҳо).
- Ҳалли масъалаҳо оид ба офатҳои табиӣ тавассути пешгирии онҳо дар асоси сохтмон ва барқарорсозии селроҳаҳо, гузаронидани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар қаламрави ноҳия.
- Аз назорати экологӣ гузаронидани ҳолати нақлиёт бо назардошти муайян кардани иҳроҷи моддаҳои ифлоскунанда.
- Танзими чаронидани чорво дар чарогоҳҳои тобистона бо мақсади пешгирии таназзули замин.

*Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаи ҳифзи муҳити зист дар ноҳияи Бохтар барои солҳои 2015-2018*

| Нишондиҳандаҳо | с.2014 ҳисобот | с.2015 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с.2018 бо % нисбати с.2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2016 | с.2017 | с.2018 | |
| Ҳаҷми умумии ҳудуди обгирӣ аз иншоотҳои табиӣ (ҳазор м$^3$) | 318,1 | 245,6 | 245,6 | 100 | 245,6 | 77,2 |
| Ҳаҷми гардиши об ва оби дубора истифодабаранда – ҳамагӣ (ҳазор м$^3$) | 1230 | 1088 | 1088 | 1000 | 1088 | 88,45 |
| Амнияти зироатҳои кишоварзӣ аз касалӣ ва ҳашаротҳои зарараррасон – ҳамагӣ (ҳазор га) | 223 | 226 | 227 | 100 | 108 | 48,43 |
| аз ҷумла: | | | | | | |
| бо методи биологӣ | 0,9 | 0,9 | 0,9 | 0,9 | 0,9 | 100,00 |
| бо методи кимиёвӣ | 22,1 | 22,8 | 22,8 | 22,8 | 22,8 | 103,16 |
| Обтаъминкунӣ – ҳамагӣ (км) | 26,4 | 27,0 | 27,0 | 27,1 | 27,2 | 103,0 |
| аз ҷумла: | | | | | | |
| водопроводҳои магистралӣ (км) | 25,4 | 25,8 | 26 | 26,7 | 26,8 | 105,5 |
| ҳавлигӣ (км) | 1,0 | 1,2 | | | | |
| Сохтмони шабакаҳои обӣ (км) | 161,59 | 161,59 | 161,59 | 161,59 | 161,59 | 100 |

### *2.4.2. Ҳолатҳои фавқулодда*

**Омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулодда, пешгирӣ ва паст кардани ҳатари пайдоиши онҳо.** Ноҳияи Бохтар дар қисмати марказии вилояти Хатлон ҷойгир шудааст. Масоҳати ноҳия 556 километри мураббаъро ташкил медиҳад. Дар ҷамоатҳои ноҳия дар шаҳраки Бустон Қалъа, Бохтариён ва ҷамоати деҳоти Заргар минтақаҳои хавфноки таҳдиди хатари офатҳои табиӣ мавҷуд мебошанд. Аз 94 деҳаи дар ноҳия мавҷудбуда, 15 деҳа мувоҷеҳи офатҳои табии мебошанд, ки 16%-и нуқтаи аҳолинишинро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии хоҷагиҳои хонаводагии ноҳия, 3110 хоҷагӣ ё 17,5% дар минтақаи хатарнок ҷойгиранд. Ҳамагӣ дар минтақаҳои хатарнок 6189 нафар ё 2,8%-и аҳолӣ истиқомат менамоянд. Манбаи асосии ҳавфи офати табии дар ноҳияи Бохтар сел ва обхезии дарёи Вахш мебошад.

Дар ҳудуди ноҳия ҷамоати шаҳраки Бохтариён, ҷамоати шаҳраки Бустон Қалъа ва ҷамоати деҳоти Заргар ба хатари офатҳои табиӣ, аз ҷумла сел ва обхезӣ мувоҷеҳ мебошанд. Вобаста ба ҳолати мазкур дар давоми солҳои 2015-2016 бояд аҳолии 36 хоҷагӣ ба мавзеъҳои бехавф кӯчонида шаванд.

Дар санадҳо хисороти умумии дар натиҷаи офатҳои табиӣ тайи ин солҳо ба вуқӯъ омада нишон дода шуда, шумораю намудҳои офатҳои табиӣ, ки асосан боронҳои шадиду давомнок, селҳо, бориши барфи зиёд ва хунукиҳо мебошанд, пурра ба қайд гирифта нашудаанд.

*Маълумот оид ба маҳаллаҳои дар минтақаҳои ҳавфнок*
*ва ниҳоят хавфнок ҷойгиршудаи ноҳияи Бохтар*

| Номи маҳаллаҳои дар минтақаи хавфнок ҷойгирифта | Шумораи хоҷагиҳо | Шумораи аҳолӣ | Шумораи хоҷагиҳо дар минтақаҳои хавфнок | Шумораи аҳолӣ дар минтақаҳои хавфнок | Маҳалли барои кӯчонидани аҳолӣ муайяншуда | Намуди ҷараёни таҳдидкунанда | Хулосаи геологӣ | Шумораи мактабҳо дар минтақаи хавфнок | Шумораи бунгоҳҳои тиббӣ дар минтақаи хавфнок |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамоати шахраки Бохтариён | | | | | | | | | |
| Сари Ҳавз | 76 | 749 | 17 | 154 | Сари Ҳавз | Сел, обхезӣ | нест | 1 | 1 |
| Сари Пул | 68 | 892 | 48 | 420 | Сари Пул | Сел, обхезӣ | нест | 1 | 1 |
| Ҳалқачар | 30 | 389 | 30 | 389 | Ҳалқачар | Сел, обхезӣ | нест | 1 | 1 |
| Дустӣ | 118 | 1253 | 83 | 851 | Дустӣ | Сел, обхезӣ | нест | 1 | 1 |
| Навобод | 365 | 2492 | 72 | 540 | Навобод | Сел, обхезӣ | нест | 1 | 1 |
| Домулло Азизов | 44 | 319 | 44 | 319 | Домулло Азизов | Сел, обхезӣ | нест | 1 | |
| Ҷамъ | 701 | 6094 | 294 | 2673 | | | | 6 | 5 |
| Ҷамоати шахраки Бустон Қалъа | | | | | | | | | |
| Механизатор | 192 | 1551 | 87 | 567 | Механизатор | Сел, обхезӣ | нест | 2 | 1 |
| Кучаи Калининская | 121 | 1654 | 23 | 154 | Кучаи Калининская | Сел, обхезӣ | нест | | |
| Хаёти Нав | 153 | 1745 | 17 | 132 | Хаёти Нав | Сел, обхезӣ | нест | 1 | |
| Орзу | 213 | 2150 | 19 | 176 | Орзу | Сел, обхезӣ | нест | | 1 |
| Ҷамъ | 558 | 7100 | 146 | 1029 | | | | 3 | 2 |
| Ҷамоати деҳоти Заргар | | | | | | | | | |
| Фрунзе | 324 | 2552 | 30 | 328 | Фрунзе | Сел, обхезӣ | нест | | 1 |
| Ҷомӣ | 595 | 4231 | 47 | 332 | Ҷомӣ | Сел, обхезӣ | нест | | |
| Хушвакт | 296 | 2180 | 51 | 489 | Хушвакт | Сел, обхезӣ | нест | | |
| Ордченикидзе | 248 | 1815 | 65 | 598 | Ордченикидзе | Сел, обхезӣ | нест | | 1 |
| Ҷапаев | 388 | 3570 | 82 | 740 | Ҷапаев | Сел, обхезӣ | нест | 1 | 1 |
| Ҷамъ | 1851 | 14343 | 275 | 2487 | | | | 1 | 3 |
| Ҳамагӣ дар ноҳия | 3110 | 27537 | 715 | 6189 | | | | 10 | 10 |




Дар натиҷаи офатҳои табии тӯли солҳои 2012-2014 ба иқтисодиёти ноҳия ҳамагӣ 1202410 сомонӣ зарар расонида шудааст, ки ин 0,72 фоизи буҷети сесола ва 1,8 фоизи буҷети яксолаи ноҳияро ташкил медиҳад. Хисороти бештар аз селу обхезиҳо ба соҳаи инфрасохтор, кишоварзӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ ворид шудааст.

Дар давраи мазкур хисороти зиёдтар дар қиёси фоизӣ ба соҳаи инфрасохтор, кишоварзӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ расидааст. Ин хисорот беш аз 2,3 маротиба аз қисми хароҷоти буҷети ноҳия, ки ба ин соҳа равона шудааст, афзунтар аст (251,6 ҳазор сомонӣ ё 0,008%-и қисми хароҷоти буҷети ноҳия).




***Сохтори омодабошӣ ва эътино ба ҲФ дар ноҳия.*** Айни замон, дар ноҳияи Бохтар 9 хадамот вуҷуд дорад, ки бевосита ба пешгирӣ ва бартарафсозии офатҳои табиӣ ҷалб гардидаанд.

*Маълумот оиди нерӯю воситаҳои мавҷуда, захираҳо ва эҳтиёҷот*

| Хадамоти ҳабаррасонӣ ва алоқа (ҶШСК «Тоҷиктелеком») | | |
|---|---|---|
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Маркази огоҳкунанда ва алоқа 1 адад<br>Муҳаррик (генератор) 1 адад | Ноқил 400 метр | Маводҳои сузишвории дизелӣ 1 тонна. |
| Хадамоти таъмини тартибот (ШКД) | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Ҳайҳати шахсӣ- 95 нафар<br>Наклиёти автомобилӣ-- 3 адад | Сузишвории дизелӣ 200 литр<br>Бензин 200 литр | Маводи сузишворӣ ва дигар лавозимотҳои зарурӣ, таҷҳизоти компютерӣ, воситаҳои алоқа, автомашинаи махсус, сару либос, масолеҳи бинокори ва утоқҳои корӣ |
| Хадамоти сӯхторхомӯшкунӣ | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Нав таъсис дода шудааст<br>Автомашинаи сӯторхомӯшкунӣ 1 адад | Вуҷуд надорад | Дастпӯшаки сӯторхомӯшкунии диаметраш 77 мм-600 м 6 адад<br>Даспӯшаки сӯторхомӯшкунии диаметраш 51 мм – 600 м 6 адад<br>Даспӯшаки сӯторхомӯшкунии диаметраш 66 мм – 600 м 10 адад<br>Дастпӯшаки обии диаметраш 125 мм 6 дона<br>Дастпӯшаки обии диаметраш 77 мм 12 дона<br>Ниқоби муқобили газ 6 дона<br>Ҳалтаи борғирӣ 12 дона<br>Дастгоҳи ҳавои тоза 12 адад |

| Хадамоти нақлиёт ва роҳсозӣ | | |
|---|---|---|
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Ҳайати шаҳсӣ 45 нафар<br>Булдозер Т-130 1 адад<br>Булдозер Д-21 1 адад<br>Трактор ЛВ-321 1 адад<br>Автогрейдер 1 адад | ГСМ- 20л.<br>Сузишвории дизелӣ- 600 л. | Булдозер 1 адад<br>Мошини боркашонӣ 1 адад<br>Дигар лавозимоти зарурӣ |
| Хадамоти коммуналӣ | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Техникаи автомобилӣ:<br>ЗИЛ – 130 1 адад<br>Кормандон 19 нафар | Бензин – 200 литр<br>Сузишвории дизелӣ - 100 литр | МСМ (ГСМ) 2,5 тонна<br>Автомашинаи АСМ 1адад<br>Автомашинаи партовбарорӣ 1 адад<br>Трактори Т 28 1 адад<br>Эксаватор боркунак 1 адад |
| Хадамоти санитарӣ ва назорати эпидемологӣ | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Ҳайати шаҳсӣ 16 нафар<br>Автомашинаи сабукрав1 адад<br>Лабораторияи паразитология 1 адад<br>Яҳдон 1 адад<br>Микроскоп 1 адад | Вуҷуд надорад | Маводи безараркунанда 200кг<br>Бино ва ташҳисгоҳи бактералогӣ<br>Камераи сайёр 1адад<br>Муҳаррик 1адад<br>Дистиллятор 2 адад<br>Либосҳои махсус 6 ҷуфт<br>Пироҳани муқобили ҷума 2 адад<br>Автомашина санитарӣ 1 адад |
| Хадамоти муҳофизати ҳайвонот ва наботот | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Автомобил УАЗ-469 – 1 адад | 40% маводҳои дорувории лозимӣ | таҷҳизот ва техникаҳои замонавӣ, бунгоҳҳои қабул ва аз нав кор карда баромадани пашму пӯст.<br>Таъмири асосии бинои маъмурӣ.<br>ҷойҳои махсус барои гӯронидан ва сӯзонидани чорво |
| Хадамоти энергетикӣ | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Ҳайати шаҳсӣ 28 нафар<br>Автомашинаи УАЗ 1 адад<br>Зеристгоҳи 35/10 кв 1 адад<br>Зеристгоҳи 35 / 0/4 кв 1 адад<br>Зеристгоҳи 10 /04- 109 адад<br>ХИБ- 04 -35АБ —620км | Сими алюминии намуди:<br>А-50-250 кг<br>А-35-70 кг<br>А-70-40 кг<br>Изолятори ШФ-10кв 70 адад<br>Изолятори ТФ- 20 60 адад<br>Муҳофизаткунандаи ПН-400А-30 дона<br>Изолятори ИП – 10 кв 20 дона | Симҷӯбҳо 12 дона<br>Сӯзишворӣ 0,6 тонна<br>Равғани теҳникӣ 15л<br>Дастгоҳи тақсимкунандаи РЛНД 1 воҳид<br>Ноқили барқии А-50- 0,5 т<br>Трансформаторҳо – 160кв 1 адад<br>Трансформаторҳо – 250 кв 1 адад<br>Ноқили АПВ-35-50.70 - 800 м<br>Фулузоти варақагӣ (катанка) 500 кг<br>Гӯшаи оҳанӣ (уголок) 63 -6340 кг<br>Электрод 50 кг |
| Хадамоти тиббӣ | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Мошинҳои ёрии таъҷилӣ 4 адад | 40 % аз эҳтиёҷоти маводҳои доруворӣ тиббӣ.<br>Сузишворӣ дизелӣ 100л | МСМ (ГСМ) 2 тонна<br>Маводҳои зарурияти аввалиядоштаи тиббӣ ҳангоми руҳ додани ҲФ<br>Дефлиблирятор 1 адад<br>Дизкамера1 адад<br>Дастгоҳи ИВЛ-6 1 адад<br>Ҳайма 6 дона |

Дар сурати ба вуқӯъ пайвастани ҳолатҳои фавқулодда, сохтори омодабошӣ ва эътинои ноҳияи Бохтар чунин пешбинӣ шудааст:

*Сохтори омодабошӣ ва эътино ба ҲФ дар ноҳияи Бохтар*




*Мушкилиҳои асосӣ оид ба паст кардани сатҳи офатҳои табиӣ дар ноҳия.* Ҷудо нагаштани маблағ аз буҷети маҳаллӣ барои низоми огоҳсозӣ/эътинои офатҳои табиӣ ва барои таъсиси низоми огоҳкунии пешакӣ ва барои гузаронидани чорабиниҳо оид ба ҳифзи аҳолӣ дар мавзеи осебпазиртари ноҳия, самаранок набудани фаъолияти хадамотҳои ноҳиявӣ оид ба мудофиаи шаҳрвандӣ, мавҷуд набудани харитаи мавзеъҳои хатарноки ноҳия.

## 2.5. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ

**Таъминоти буҷетиву молиявӣ**. Маблағгузории «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Бохтар барои солҳои 2016-2020» дар доираи маблағҳои пешбинигардидаи буҷети давлатӣ ва аз ҳисоби сармояҳои дохилию хориҷӣ (соҳибкорони ватанӣ ва хориҷӣ) ва манбаъҳои ғайрибуҷетӣ таъмин карда мешавад. Ба манбаъҳои ғайрибуҷетӣ, ки барои маблағгузории Барномаи мазкур ҷалб карда мешавад, инҳо дохил мешаванд:

- Сармояи хориҷӣ аз ҳисоби шарикони рушд, ки дар иҷрои Барнома ҳавасманданд ва ё чорабиниҳои алоҳидаи онҳо;
- Ҳаққи аъзогии иштирокчиён дар иҷрои барнома;
- Пардохти мақсаднок аз фоидаи корхонаҳои ҳавасманд дар иҷрои Барнома;
- Қарзҳои бонкӣ;
- Сармояи ихтиёрии муҳоҷирони меҳнатии берунмарзе, ки дар таъмини Барнома ҳавасманданд.
- Маблағи фондҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ;

Сарчашмаҳои асосии ташаккули буҷет - ин андози даромад аз шахсони воқеӣ, андоз аз арзиши иловашуда, андози ягона, андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт, андоз аз амволи ғайриманқул, маҳсуб меёбад. Аз ин бар меояд, ки дар ноҳия ҷойҳои нави корӣ таъсис гардида, ҳаҷми пешниҳоди хизматрасониҳо зиёд ва инчунин ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ афзоиш меёбад.

Таи солҳои 2012 – 2014 даромадҳои худии ноҳия ба ҳисоби миёна тақрибан 42,6%-и қисми хароҷоти буҷетро мепӯшонанд, ки дар ин робита барои пӯшонидани касри буҷет субвенсия ҷудо мегардад, ки дар се соли охир ба ҳисоби миёна 57%-и маблағи умумии хароҷотро ташкил додааст.

*Даромад ва хароҷоти буҷети ноҳияи Бохтар*
*дар давоми солҳои 2012-2014 (млн. сомонӣ)*




**Даромадҳо.** Дар сохтори қисмати даромадии буҷети ноҳия андози даромад аз шахсони воқеӣ (29%), андоз бо низоми соддакардашуда (15%), андози ягона (11%), андоз аз амволи ғайриманқул (11%) ва андоз аз арзиши иловашуда (9%) нақши муҳим доранд.



Қобили зикр аст, ки бо ҷорӣ гардидани амали Кодекси нави андози ҶТ аз 1 январи соли 2013, баъзе намудҳои андозҳо барҳам ё ба як намуд якҷоя карда шуданд ва вобаста ба он сохтори қисми даромади буҷет тағйир ёфт. Зимнан, андозҳои асосии ташаккулдиҳандаи буҷети ноҳия - андоз аз даромади шахсони воқеъӣ, ки ҳиссаи он дар соли 2014 дар ҳаҷми умумии даромадҳо 29% буда нисбат ба соли 2012 ба 1,7 маротиба зиёд шудааст, андоз бо низоми соддакардашуда, ки ҳиссаи он дар соли 2014 нисбат ба соли 2012 ба 6,9 маротиба зиёд шудааст, андози ягона, ки ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии андозҳо 11%-ро ташкил дода нисбат ба соли 2012 ба 25,9% афзудааст, андоз аз амволи ғайриманқул, ки ҳиссаи он низ дар ҳаҷми умумии андозҳо 11%-ро ташкил дода нисбат ба соли 2012 ба 1,8 маротиба афзудааст ва андоз аз арзиши иловашуда, ки дар соли 2014 нисбат ба соли 2012 қатъи назар аз 1,8 маротиба коҳиш ёфтанаш ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии андозҳо 9%-ро ташкил додааст, мебошанд.

*Даромадҳои буҷети маҳаллии ноҳияи Бохтар*
*дар солҳои 2012-2014 (ҳазор сомонӣ)*

| | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2014 нисбат ба соли 2012 (%) |
|---|---|---|---|---|
| Андоз аз даромади шахсони воқеъӣ | 4333 | 4913,2 | 7436,8 | 171,6% |
| ААИ | 3006,8 | 2749,1 | 2202,2 | 73,2% |
| Андоз аз амволи ғайриманқул | 1535,9 | 2439,5 | 2902,8 | 188,9% |
| Андози ягона | 2308 | 2571 | 2906 | 125,9% |
| Андоз бо низоми соддакардашуда | 561,9 | 3475,4 | 3910,6 | 695,9% |
| Андоз аз фоидаи корхонаҳо | 764,4 | 1125,1 | 1627,6 | 212,9% |
| Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард | 923,9 | 821,3 | 997,8 | 107,9% |
| Боҷи давлатӣ | 381 | 1074,6 | 1198,3 | 314,5% |
| Андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт | 676,9 | 1885,3 | 1989,4 | 293,8 |
| Дигар даромадҳои гайриандозӣ | 112,7 | 76,9 | 79,9 | 70,8% |

Дар давраи солҳои 2012-2014 афзоиши воридоти маблағҳо қариб аз рӯи тамоми намуди андозҳо, ба ғайр аз андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) ва пардохтҳои ғайриандозӣ ба назар мерасад. Воридоти андозҳо аз ҳисоби ААИ дар соли 2014 нисбат ба соли 2012 ба 26,8% кам шудаанд ва сабаби он афзоиши ҳаҷми воридот, бӯҳрони иқтисодии Федератсияи Руссия, ки ба камшавии ҳаҷми интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва коҳиши имкониятҳои харидории истеъмолкунандагон боис гардидааст, инчунин коҳиши воситаҳои молиявии гардони корхонаҳо мебошад.

Нишондиҳандаҳои андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт низ дар соли 2014 нисбат ба соли 2012 ба 2,9 маротиба зиёд гардидааст.

Воридоти андозҳо аз ҳисоби андоз бо низоми соддакардашуда 6,9 баробар афзоиш ёфтааст, ки он ба афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ ва рушди бевоситаи соҳаи кишоварзӣ алоқаманд мебошад.

Маблағи андозҳои аз ҳисоби боҷи давлатӣ 3,1 маротиба зиёд гардидааст. Воридоти воқеъии маблағ аз ҳисоби андоз аз фоидаи корхонаҳо 2,1 баробар афзудааст ва сабаби он ихтисори хароҷотҳои дуюмдараҷа ҳангоми истеҳсоли маҳсулот мебошад. Сабабҳои асосии он афзоиши музди меҳнат, ташкили ҷойҳои нави корӣ, зиёдшавии ҳаҷми хизматрасониҳо, инчунин зиёдшавии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзию саноатӣ мебошад.

**Хароҷотҳо.** Буҷети ноҳия хусусияти иҷтимоӣ дошта, дар қисми хароҷот ҳиссаи зиёдро хароҷоти соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Дар соли 2014 ҳисссаи соҳаҳои иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоӣ) дар буҷети маҳаллӣ 94,1% фоизро ташкил медиҳад, ки аз ин хароҷот барои соҳаҳои маориф ва тандурустӣ мутаносибан 69,9% ва 21,6%-ро ташкил медиҳад. Сабаби асосии афзудани хароҷоти соҳаи маориф дар солҳои охир ин ба меъёрҳои сарикасӣ гузаштани мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ аст.

*Ҳиссаи хароҷоти буҷети маҳаллӣ аз рӯи гурӯҳбандии функсионалӣ дар соли 2014 (ба ҳисоби фоиз)*




Сохтори хароҷотҳои буҷети ноҳияи Бохтар аз рӯи гурӯҳбандии иқтисодӣ асосан аз категорияҳои музди маош ва суғуртаи давлатӣ, хароҷот барои коргузории молу хизматҳо, субсидияҳо ва хароҷоти асосӣ иборат мебошад. Хароҷоти асосӣ барои бунёди иншотҳои нав, таъмири биноҳо ва харидории таҷҳизот равона мешавад.

*Ҳиссаи хароҷоти буҷети маҳаллӣ аз рӯи гурӯҳбандии иқтисодӣ дар соли 2014 (ба ҳисоби фоиз)*




Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар соли 2014 беш аз 89,2 фоизи хароҷотҳои буҷети маҳаллӣ барои пардохти музди меҳнат ва ҳиссаҷудокунии кордиҳандагон равона гардидааст. Маблағҳои аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ барои нигоҳдорӣ ва таъмир равонкардашуда 3,4 фоизро ташкил медиҳад ва барои сохтмони асосӣ маблағ пешбинӣ нашудааст, ки яке аз мушкилии асосӣ мебошад ва дар чунин ҳолат додан таъмини Барномаи рушди ноҳия дар панҷ соли оянда аз имкон берун аст. Барои таъмини Барнома фазои сармоягузориро дар ноҳия беҳтар намуда, ҷалби сармоягузорони хориҷию дохилиро ба роҳ мондан лозим аст.

Дар самти мазкур дар панҷ соли оянда яке аз афзалиятҳои асосии «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Бохтар барои солҳои 2016-2020», ин зиёд намудани қисми даромади буҷаи маҳаллӣ ва табдил додан аз ноҳияи субвенсионӣ ба ноҳияи донор мебошад. Ҷалб намудани тамоми воситаҳои имконпазири иловагии даромад ба буҷети маҳал, тавассути ба кор андохтани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, бо истифода аз маблағҳои интиқолии муҳоҷирон метавонад вобастагии буҷети ноҳияро аз маблағҳои субвенсионӣ кам намояд.


Нақшаи дурнамои даромад ва хароҷотӣ буҷети ноҳия барои
солҳои 2016-2018 (млн. сомонӣ)
70000
60000
50000
40000
30000
20000
10000
0
25450
31776
57226
28630
29451
58081
33432
27489,6
60921,6
соли 2016
соли 2017
соли 2018
Даромадҳои худи
Субвенсия
Хароҷотҳо

# БОБИ 3. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

Яке аз унсурҳои муҳимми системаи идораи татбиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Бохтар низоми мониторинг ва арзёбӣ мебошад. Он барои мушоҳидаи ҷараёни корҳо ва таҳлили натиҷаҳои бадастомадаи Барнома, ошкор намудани таҷрибаи мусбии андӯхта ва проблемаҳои мавҷуда дар татбиқи он истифода бурда мешавад. Низоми мониторинг ва арзёбӣ имкон медиҳад, ки робитаи мутақобила ва муттаасил дар сиёсати қабулнамуда ва натиҷаҳои татбиқи амалии он таъмин гардад.

Гурӯҳи мониторинг ва арзёбӣ бо қарори Раиси ноҳия таъсис дода шуда, аз 5-7 аъзо иборат мебошад (мутахассисони соҳавӣ ва кормандони масъули мақомоти маҳаллии ноҳия). Гурӯҳи мониторинг ва арзёбиро раиси ноҳия ё яке аз муовинони он сарпарастӣ менамояд.

Бо қарори мазкур барои гузаронидани мониторинг ва арзёбии Барномаи рушди ноҳия бахш ё шӯъбаи рушди иқтисод ва савдои ноҳия масъул муайян карда мешавад.

Барои мониторинги Барномаи рушди ноҳия мушоҳидаи омилҳои зерин зарур аст:

–ба ҳадафҳои Барнома то кадом андоза муваффақ мешавем;

–дар доираи Барнома лоиҳаҳо чӣ гуна амалӣ шуда истодаанд.

Низоми мониторинг бояд ду унсурро дар бар гирад.

*Мониторинги натиҷаҳои нақша* - тавассути индикаторҳо анҷом дода мешавад. Аз рӯи он ба ҳадафҳои гузошташуда то кадом андоза ноил гаштан муяссар гардидааст, муайян карда мешавад. Мониторинги натиҷаҳо ҳар сол гузаронида мешавад.

*Мониторинги иҷрои лоиҳаҳо* - тавассути параметрҳои назорати ҷойгоҳи лоиҳа ва мувофиқат намудани он бо Барнома гузаронида мешавад. Барои гузаронидани он ҷадвали электронӣ бо формати Excel тартиб дода мешавад ва ҳар семоҳа ба таври синхронӣ бо ҳисоботи лоиҳаҳо аз нав тасҳеҳ карда мешаванд.

Дар охири сол ҳангоми зарурият арзёбии чораҳои андешидашуда ва лоиҳаҳо дар яке аз соҳаҳои Барнома бо назардошти захираҳои мавҷуда ва талаботи иттилоотӣ гузаронида мешавад. Арзёбии таъсиррасонӣ аз ҷониби мутахассисони соҳавӣ ва мустақил (коршиносон), ки ҳолати бахши мазкурро хуб медонанд, гузаронида мешавад.

## Занҷири мантиқии блоки иқтисодӣ

| | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сом.) | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Масъулин | Индикатори натиҷа |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | **Кишоварзӣ** | | | | | | | | | |
| | *Беҳтар намудани холати инфрасохтори сохаи кишоварзи* | *Беҳтар намудани холати мелиоративии заминҳо, баланд бардоштани маҳсулнокии чорводорӣ ва беҳтар намудани дастрасии хоҷагиҳои кишоварзӣ бо тухмиҳои хушсифат* | *Беҳтар намудани ҳолати мелиоративии 124 гектар заминҳо дар ҳудуди ҷамоати Меҳнатобод* | *495* | *52* | *66* | *85* | *105* | *187* | *Сармояи хориҷӣ* | *МИҲД-и ноҳия, шӯъбаи кишоварзӣ* | *Зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба 30-35 фоиз* |
| *27* | | | *Беҳтар намудани ҳолати мелиоративии 394 гектар заминҳо дар ҳудуди шаҳраки И.Сомонӣ* | *807* | *75* | *200* | *75* | *202* | *255* | *Сармояи хориҷӣ* | *МИҲД-и ноҳия, шӯъбаи кишоварзӣ* | |
| | | | *Беҳтар намудани ҳолати мелиоративии 851 гектар заминҳо дар ҳудуди ҷамоати Сарвати Истиқлол, Бустонқалъа ва дигар ҷамоатҳои ноҳия* | *1755* | *210* | *350* | *360* | *385* | *450* | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | *МИҲД-и ноҳия, шӯъбаи кишоварзӣ* | |
| *33* | | | *Таъмиру барқарорсозии 0,6 км шабакаи обрасонии новагӣ* | *220* | | | *110* | *110* | | *Сармояи хориҷӣ* | *МИҲД-и ноҳия, шӯъбаи кишоварзӣ* | |
| *34* | | | *Бетонӯш намудани 13 км каналҳои обрасони* | *1670* | *190* | *250* | *310* | *420* | *500* | *Номуайян* | *МИҲД-и ноҳия, шӯъбаи кишоварзӣ* | |
| *35* | | | *Барқарорсозии иншоотҳои гидротехникии таъминоти оби полезӣ дар ҳудуди ҷамоатҳои ноҳияиБохтар* | *250* | | *50* | *100* | *100* | | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | *МИҲД-и ноҳия, шӯъбаи кишоварзӣ* | |
| *38* | | | *Ташкили чорабиниҳои омӯзишӣ барои баланд бардоштани малакаи аъзоёни х/д оид ба масъалаҳои маркетинг ва агробизнес, андозбандӣ, дастрасии қарзҳои имтиёзнок барои рушди чорводорӣ, нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ (мева ва сабзавот).* | *20* | *10* | *10* | | | | *Сармояи хориҷӣ* | *МИҲД-и ноҳия, шӯъбаи кишоварзӣ* | |

| | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сом.) | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Масъулин | Индикатори натиҷа |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 40 | | | Ташкили нуқтаи таъминоти СРМ, тухмиҳо, нуриҳои минералӣ ва қисмҳои эҳтиётии техникаи кишоварзӣ дар ноҳияи Бохтар | 1200 | 200 | 500 | 500 | | | Соҳибкорон | МИҲД-и ноҳия, шӯъбаи кишоварзӣ | Беҳтар шудани сати дастраси хоҷагиҳои кишоварзӣ бо тухмиҳои хушсифат то ба 15-20 фоиз |
| 41 | | | Ташкил намудани фермаи гӯсфандпарварӣ барои 100 сар чорво | 100 | | 100 | | | | Соҳибкорон | МИҲД-и ноҳия, шӯъбаи кишоварзӣ | |
| | | | Сохтмон ва таҷҳизонидани лабораторияи ташхиси байторӣ дар маркази ноҳия | 260 | | | 100 | 160 | | Буҷети ҷумҳуриявӣ | МИҲД-и ноҳия, шӯъбаи кишоварзӣ | |
| | | | Сохтани 2 адад чукурии Бекер 2 адад дар ҷ/д "Истиклол" ва ҷ/д Заргар | 30 | 15 | 15 | | | | Сармояи хориҷӣ | МИҲД-и ноҳия, шӯъбаи кишоварзӣ | |
| | | | Таъсис додани 6 адад нуқтаҳои бойдоркунии сунъии чорво ва клиникаи байторӣ дар ҳудуди ноҳия | 120 | | | 60 | 60 | | Сармояи хориҷӣ | МИҲД-и ноҳия, шӯъбаи кишоварзӣ | |
| | | | Беҳтар намудани ҳолати мелиоративии 1680 гектар заминҳои кишоварзии ноҳияиБохтар дар доираи татбики лоихаи "Таъмини шуғли аҳолӣ барои устувории хоҷагии қишлоқ ва идоракунии захираҳои об (даври II)" | 3870 | | | 920 | 1100 | 1850 | Сармояи хориҷӣ | МИҲД-и ноҳия, шӯъбаи кишоварзӣ | |
| | | | Таъмин намудани хоҷагиҳои кишоварзӣ бо тухмиҳои хушсифат | 2460 | 400 | 450 | 490 | 540 | 580 | Бучети вилоятӣ | МИҲД-и ноҳия, шӯъбаи кишоварзӣ | |
| | | | Бунёд намудани 285 гектар боғхои нав ва барқарор намудани 55 гектар боғҳои кӯҳна | 255 | | | | 255 | | соҳибкорон, х/д,аҳолӣ | МИҲД-и ноҳия, шӯъбаи кишоварзӣ | |
| | | | Барқарор намудани фермаи паррандапарварӣ дар ҷамоати деҳоти Заргар | 4260 | 500 | 750 | 860 | 950 | 1200 | Соҳибкорӣ маҳаллӣ (Нуриддинов ) | МИҲД-и ноҳия, шӯъбаи кишоварзӣ | |
| | | | Таъмин намудани хоҷагии зоотпарварии «Чорводор» бо чорвои хушзот (100 сар) | 1000 | | 250 | 250 | 250 | 250 | Хоҷагии зоотпарварии «Чорводор» | МИҲД-и ноҳия, шӯъбаи кишоварзӣ | |

| | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сом.) | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Масъулин | Индикатори натиҷа |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | *Ташкил намудани нуқтаҳои бордоркунии сунъии чорво дар ҷамоатҳои деҳоти Заргар, Сарвати Истиқлол,Навбаҳор, Бохтариён ва Меҳнатобод* | *250* | *50* | *50* | *50* | *50* | *50* | *Сармояи хориҷӣ* | *МИҲД-и ноҳия, шӯъбаи кишоварзӣ* | |
| | | | *Таъмиру барқарорсозии 272,6 км шабакаҳои дохилихоҷагии таъминоти оби полезӣ дар ҳудуди ҷамоатҳои ноҳияи Бохтар* | *2160* | *250* | *290* | *440* | *560* | *620* | *Номуайян* | *МИҲД-и ноҳия, шӯъбаи кишоварзӣ* | |
| | | | *Таъмиру барқарорсозии 138,4 км шабакаҳои байнихоҷагии таъминоти оби полезии ҳудуди ҷамоатҳои ноҳияи Бохтар* | *2070* | *300* | *320* | *410* | *490* | *550* | *Сармояи хориҷӣ* | *МИҲД-и ноҳия, шӯъбаи кишоварзӣ* | |
| | | | *Ҳамагӣ дар соҳаи кишоварзӣ* | *23252* | *2252* | *3651* | *5120* | *5737* | *6492* | | | |
| | | | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | *2265* | *210* | *400* | *560* | *645* | *450* | | | |
| | | | *Бучети вилоятӣ* | *2460* | *400* | *450* | *490* | *540* | *580* | | | |
| | | | *Буҷети маҳаллӣ* | | | | | | | | | |
| | | | *Маблагҳои худии соҳибкорон ва х/д* | *6815* | *700* | *1600* | *1610* | *1455* | *1450* | | | |
| | | | *Сармояи хориҷӣ* | *7882* | *502* | *661* | *1710* | *2117* | *2892* | | | |
| | | | *Эҳтиёҷот ба маблаг (номуайян)* | *3830* | *440* | *540* | *750* | *980* | *1120* | | | |
| **Соҳибкории хурду миёна** | | | | | | | | | | | | |
| *45* | *Мусоидат намудан ба рушди соҳибкориӣ хурду миёна* | *Ҷалб намудани бештари соҳибкорон ба рушди иқтисодиёти ноҳия* | *Сохтмони азнавсозии маркази савдо дар ҷ/ш И.Сомонӣ* | *540* | *200* | *340* | | | | *Соҳибкорон* | *МИҲД-и н.Бохтар, соҳибкор Султонмуродов А.* | *Зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти бахши соҳибкорӣ хурду миёна ба 52-67 %* |
| | | | *Маркази савдо дар ҷ/ш И. Сомонӣ* | *720* | *220* | *500* | | | | *Соҳибкорон* | *Хусейнов М.* | |
| | | | *Сохтмони маркази савдо ва хонаи хизмати маиши дар ҷ/ш И.Сомонӣ* | *210* | | | *210* | | | *Соҳибкорон* | *МИҲД-и н.Бохтар, соҳибкор Муродов Ч.* | |
| | | | *Бунёд намудани магозаи фурӯши молҳои ниёзи мардум дар ҷ/ш И.Сомонӣ* | *200* | *200* | | | | | *Соҳибкорон* | *МИҲД-и н.Бохтар, соҳибкор Умаров Ю.* | |

| | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сом.) | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Масъулин | Индикатори натиҷа |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Азнавсозии сохтмони бинои ҷашну маросимхо ва "Маркази дилхуши" дар ҷ/ш И.Сомонӣ | 485 | | 485 | | | | Соҳибкорон | МИҲД-и н.Бохтар, соҳибкор Ғоибов С. | |
| | | | НФС ва нуқтаи шустушуи мошинҳо | 180 | | | 180 | | | Соҳибкорон | МИҲД-и н.Бохтар, соҳибкор Нозилов Д. | |
| | | | Сохтмони маркази савдо ва сехи дӯзандагӣ ҷ/д Меҳнатобод | 95 | 95 | | | | | Соҳибкорон | Сохибкор Курбонов Ч. | |
| | | | Сохтмони маркази савдо ҷ/д Меҳнатобод | 55 | 55 | | | | | Соҳибкорон | Соҳибкорони маҳаллӣ | |
| | | | Сохтмони магозаи фурӯши молҳои ниёзи мардум ҷ/д Мехнатобод | 48 | 48 | | | | | Соҳибкорон | Соҳибкорони маҳаллӣ | |
| | | | Сехи дӯзандагӣ, дукони гуштфурӯши, магозаи фурӯши молҳои ниёзи мардум дар ҷ/д Сарвати Истиклол | 120 | | 120 | | | | Соҳибкорон | МИҲД-и н.Бохтар, соҳибкорони махалли | |
| | | | Маркази савдо ва таъмири мошинҳо | 140 | | | 140 | | | Соҳибкорон | МИҲД-и н.Бохтар, соҳибкор Узбеков Т | |
| | | | Сохтмони сехи қаннодӣ ва корхонаи коркарди дару тиреза, ошхонаи миллӣ, нуқтаи таъмири мошинҳо ва сехи челонгарӣ дар ҷ/д Сарвати Истиклол | 250 | | 250 | | | | Соҳибкорон | МИҲД-и н.Бохтар, соҳибкор Абдуллоев Т. | |
| | | | нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ ва таъмири мошинҳо дар ҷ/ш Бохтариён | 180 | 180 | | | | | Соҳибкорон | МИҲД-и н.Бохтар , соҳибкор Улфатов Г. | |
| | | | Сохтмони маркази савдо дар ҷ/ш Бохтариен | 130 | 130 | | | | | Соҳибкорон | Азизов Э. | |
| | | | Сохтмони нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ дар ҷ/ш Бохтариён | 900 | 300 | 300 | 300 | | | Соҳибкорон | Самадов А. | |
| | | | Сохтмони коркарди дару тирезаҳои чуби ва пластики | 250 | 250 | | | | | Соҳибкорон | Рашидов К. | |

| | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сом.) | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Масъулин | Индикатори натиҷа |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | *Сохтмони сехи хишти бетони ва маркази савдо дар ҷ/ш Бохтариён* | *200* | *200* | | | | | *Соҳибкорон* | *Фатхиддинов Б.* | |
| | | | *Сохтмони ошхона ва маркази хизматрасони дар ҷ/д Ориён* | *210* | *210* | | | | | *Соҳибкорон* | *Сайалиев Н.* | |
| | | | *Сохтмони магозаи фурӯши молҳои ниёзи мардум ҷ/д Ориён* | *75* | *75* | | | | | *Соҳибкорон* | *Камаров Н.* | |
| | | | *Сохтмони мехмонхона, хаммом, маркази савдо, ошхона ва толори варзиши дар ҷ/д Бустонқалъа* | *550* | *550* | | | | | *Соҳибкорон* | *Толибов А.* | |
| | | | *Сохтмони магозаи фурӯши молҳои ниёзи мардум ҷ/д Заргар* | *45* | *45* | | | | | *Соҳибкорон* | *Насконов Н.* | |
| *46* | | | *Сохтмони корхонаи шагалбарорӣ дар ноҳия* | *500* | *50* | *250* | *200* | | | *Соҳибкорон* | *МИҲД-и н.Бохтар* | |
| *49* | | | *Сохтмони коргоҳи хурди коркарди пахта дар ноҳияи Бохтар* | *900* | | | *400* | *500* | | *Соҳибкорон* | *МИҲД-и н.Бохтар* | |
| *50* | | | *Ташкили коргоҳи хурд оид ба коркарди гӯшт ва шир.* | *350* | | *350* | | | | *Соҳибкорон* | *МИҲД-и н.Бохтар* | |
| *51* | | | *Бунёди фермаи бурдоқипарварӣ дар ноҳияи Бохтар* | *1600* | | | *200* | *400* | *1000* | *Соҳибкорон* | *МИҲД-и н.Бохтар* | |
| *52* | | | *Бунёд намудани коргоҳи хурди истеҳсоли консерваи меваю сабзавот дар ҷамоати деҳоти Заргар* | *200* | *100* | *100* | | | | *Соҳибкорон* | *МИҲД-и н.Бохтар* | |
| *53* | | | *Бунёди корхонаи хурди коркарди чӯбу тахта ва истеҳсоли дару тирезаҳои пластикию альюмини дар ҷамоати деҳоти "Сарвати Истиклол "* | *400* | | | | *200* | *200* | *Соҳибкорон* | *МИҲД-и н.Бохтар* | |
| | | | *Сохтмони нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ ва гази моеъ дар ҷ/д "Бустонқалъа "* | *300* | | *100* | *200* | | | *Соҳибкорон* | *МИҲД-и н.Бохтар* | |
| | | | *Сохтмони нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ ва гази моеъ дар ҷ/д "Сарвати Истиклол"* | *300* | | | *100* | *100* | *100* | *Соҳибкорон* | *МИҲД-и н.Бохтар* | |

| | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сом.) | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Масъулин | Индикатори натиҷа |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Ташкили коргоҳи коркард ва бастубандии писта дар ҷамоати шаҳраки И.Сомонӣ | 900 | | | | 400 | 500 | Соҳибкорон | МИҲД-и н.Бохтар | |
| | | | Хамагӣ дар бахши СХМ | 11033 | 2908 | 2795 | 1930 | 1600,0 | 1800 | | | |
| | | | Маблагҳои соҳибкорон | 11033 | 2908 | 2795 | 1930 | 1600,0 | 1800 | | | |
| **Сохтмон ва саноат** | | | | | | | | | | | | |
| 10 | Ба талаботи шаҳрсозӣ мутобиқ намудани маркази ноҳия ва марказҳои ҷамоатҳои деҳоти ноҳия | Беҳтар намудани шароити корӣ сохторҳои мақомоти маҳаллӣ | Таҳияи нақшаи генералии маркази ноҳияи Бохтар шаҳраки Исмоили Сомонӣ | 300 | 300 | | | | | Буҷети махалли | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Бохтар | Ба кор даровардани 2540 хазор сомонӣ фондҳои асосӣ |
| 11 | | | Сохтмони бинои маъмурии шӯъбаи ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Бохтар | 1300 | | | 800 | 500 | | Номуайян | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Бохтар | |
| 12 | | | Сохтмони хонаи истиқоматии 6 ошёнаи 24 ҳуҷрадор барои мутахассисони ҷавон дар шаҳраки И.Сомонӣ | 3000 | 280 | 620 | 2000 | 100 | | Номуайян | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Бохтар | |
| 13 | | | Сохтмони майдони марказии варзишии дорои 3014 ҷойи нишаст дар шаҳраки И.Сомонӣ | 8000 | 230 | 1500 | 2500 | 3000 | 770 | Номуайян | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Бохтар | |
| 14 | | | Сохтмони бинои шӯъбаи Агентии шугли аҳолӣ ва муҳоҷират дар маркази ноҳияи Бохтар | 300 | | | | 100 | 200 | Буҷети чумхуриявӣ | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Бохтар | |
| 15 | | | Сохтмони бинои матбаа ва таҷҳизонидани он бо таҷҳизоти муосир | 800 | | | 200 | 300 | 300 | Номуайян | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Бохтар | |

| | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сом.) | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Масъулин | Индикатори натиҷа |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 16 | | | Сохтмони бинои нави ЧСК "Точиктелеком" дар шаҳраки И.Сомонӣ | 200 | | | 100 | 100 | | Маблагҳои худии ЧСК "Точиктелеком " | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Бохтар | |
| 17 | | | Сохтмони бинои СЭС-и ноҳияи Бохтар бо озмоишгох дар шаҳраки И.Сомонӣ | 200 | | | | | 200 | Номуайян | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Бохтар | |
| 18 | | | Сохтмони бинои шӯъбаи заминсозии ноҳияи Бохтар дар шаҳраки И.Сомонӣ | 400 | | | | 200 | 200 | Номуайян | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Бохтар | |
| 19 | | | Сохтмони бинои шӯъбаи сугуртаи ноҳияи Бохтар дар шаҳраки И.Сомонӣ | 200 | | | | 100 | 100 | Номуайян | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Бохтар | |
| 20 | | | Сохтмони бинои нави мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Бохтар | 7000 | | | | 3000 | 4000 | Бучети чумхурияви | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Бохтар | |
